**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН**

**БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ**

**ВБД.:**

**Ба ҳуқуқи дастнавис**

**КАРИМОВ ҚИЁМИДДИН САИДВАЛИЕВИЧ**

# ҶОЙГОҲИ ФАЛСАФАИ АХЛОҚ ДАР НИЗОМИ ДАВЛАТДОРИИ СОСОНИЁН

**ДИССЕРТАТСИЯ**

**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа**

**Роҳбари илмӣ:** **Бердиев Шоҳназар Пирназарович** - номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ

**ДУШАНБЕ – 2024**

## МУНДАРИҶА

**Муқаддима**........................................................................................3-16

**БОБИ I. ЗАМИНАҲОИ ҒОЯВӢ, ИҶТИМОӢ-СИЁСИИ ТАШАККУЛЁБӢ ВА ТАҲАВВУЛИ ЭТИКА ДАР АҲДИ СОСОНИЁН**

1.1. Таърихи ташаккул, фаҳмиш ва шарҳи илмии мафҳуми этика дар низоми донишҳои фалсафӣ.........................................................................17-36

1.2. Зардуштия - сарчашмаи асосии таъмини адолат ва идеяи баробарии иҷтимоӣ дар низоми давлатдории аҳди Сосониён......................................36-62

1.3. Академияи "Гунди Шопур" ва нақши он дар ташаккули донишҳои илмӣ ва таҳаввули муносибатҳои ахлоқии давраи Сосониён......................62-85

**БОБИ II. АХЛОҚ – МАВЗУИ МЕҲВАРИИ МЕРОСИ ХАТТИИ АҲДИ СОСОНӢ**

2.1. "Корномаи Ардашери Бобакон" - сарчашмаи муътамади таърихӣ ва ахлоқии аҳди Сосониён.............................................................86-106

2.2. Ҷойгоҳи ахлоқ ва баррасии масъалҳои ахлоқӣ дар мероси хаттии аҳди Сосониён.............................................................................106-126

2.3. Аҳамият ва арзиши этикаи Сосониён дар низоми давлатдории миллии ҷомеаи муосири Тоҷикистон.....................................................126-148

**Хулоса**.............................................................................................149-153

**Адабиёти истифодашуда**.....................................................................154-170

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Бо ба даст овардани истиқлолият дар Тоҷикистон аз ҷониби ҷомеаҳои илмӣ ва шаҳрвандони кишвар таваҷҷуҳ ба он арзишҳои маънавие, ки халқи тоҷик дар раванди рушди тамаддуни ҷаҳонӣ мерос мондааст, ба таври назаррас афзоиш ёфт. Имконият фароҳам омад, ки ба таҳаввули арзишҳои маънавию ахлоқӣ аз диди нав,  аз ҷанбаи илмию фалсафӣ назар кунем. Чунки таҳқиқи масъалаҳои тамаддуни умумиинсонӣ бе таҳқиқи бозёфтҳои моддию маънавии тамаддуни гузаштаи ҳар як халқ имконнопазир аст. Аз як тараф, ин бозёфтҳо дар маҷмуъ, ба ғанӣ гардидани ганҷинаи дониши умумибашарӣ мусоидат намоянд, аз тарафи дигар, далели равшани инкишофи маданияти ин ё он халқ, дараҷаи худшиносии миллӣ ва умумибашарӣ дар тамоми марҳилаҳои таърихии ташаккули давлату миллатҳои гуногун мегарданд.

Бояд гуфт, ки қавмҳои ориёӣ, аз ҷумла тоҷикон бо вуҷуди шиканҷаҳои зиёди таърихӣ тавонистанд ҳувияти маънавӣ, яъне забон, урфу одат, илму маданият ва арзишҳои баланди ахлоқии худро ҳифз намоянд.Чӣ тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон  муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барҳақ қайд мекунанд: «илму маориф дар ҳама давру замонҳо нишони тамаддун ва таъриху фарҳанги ҳар як давлату миллат мебошанд. Мардуми тоҷик аз қадимулайём бо дафтару девон сару кор дошт, китобдору китобхон буд ва дар рушди тамаддуни башарият бо корнамоиҳои илмиву фарҳангии худ саҳми шоиста гузоштааст».[1]

Эҳёи тафаккури миллӣ, ба хусус эҳёи фарҳангу тамаддуни ориёӣ ва дар заминаи он рушд ва такомул додани фарҳангу тамаддуни муосир ба андешаи муаллиф воситаи муҳимму муассири худогоҳӣ, ҳуввияти миллӣ ва ташаккули ҷаҳонбинии нави миллӣ мебошад. Аз ҷумла, ахлоқ ва эҳёи

[1] Саидов З. Суханҳои ҳикматомӯзи Президенти Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон. - Д., 2019. - С.243.

арзишҳои ахлоқии ниёкон, ки дар баробари тадбири манзилу сиёсати мудун ҷузъи фалсафаи амалӣ мебошад, метавонад дар танзими рафтору амали инсонҳо, ҳалли мушкилоти ҷамъиятии ҷомеаи муосир нақши муассир бозад, аммо ин мавзуъ то ҳол камомӯхта мебошад. То имрӯз вижагиҳои низоми давлатдорӣ, хусусан этикаи аҳди Сосониён ба таҳқиқ ниёз дорад. Бинобар ин, омӯзиш ва таҳқиқи ҷанбаҳои гуногуни этикаи аҳди Сосониён аз назари илмию фалсафӣ дорои аҳамият ва арзиши хосса дорад. Чунин муносибати муаллифро бо чанд нукта метавон асоснок кард:

- аввалан, аз он мавқеъ, ки этикаи аҳди Сосониён дар пояи се рукни ахлоқии зардуштия: пиндори нек, гуфтори нек ва кирдори нек маншаъ мегирад. Дар ин замина Сосониён дар низоми давлатдорӣ принсипҳои адолати иҷтимоӣ, баробарии иҷтимоии тамоми қишрҳои аҳолиро новобаста аз мансубияти динию нажодӣ, ки аз ин се рукни ахлоқӣ маншаъ мегиранд, таъмин карда, ба як давлати пуриқтидор, ки аз як маркази воҳид идора карда мешуд, табдил ёфтанд. Аз ин рӯ, истифода ва татбиқи усулҳо ва принсипҳои низоми идоракунии давлатдории Сосониён барои ҷомеаи муосир, аз ҷумла давлатории миллии тоҷикон дар мавриди расидан ба арзу доди шаҳрвандон, одилона ва оқилона ҳаллу фасл намудани низоъу бархурдҳо, роҳ надодан ба тафриқаандозии маҳаллӣ, минтақавӣ, миллию нажодӣ, вусъат бахшидани ҳамкориҳои илмию фарҳангӣ, эҳёи расму оин ва ҷашну мароисми миллӣ ва ғайра, бо назардошти хусусиятҳо ва воқеиятҳои давраи ҳозираи рушди давлати Тоҷикистон аз ҳар ҷиҳат аҳамияти хосса дорад;

-дуюм, андешаҳои ахлоқӣ, фалсафӣ ва принсипҳои давлатдории аҳди Сосониён, ки дар заминаи китоби “Авесто” ташаккул ёфта, дар навъҳои гуногуни мероси хаттӣ: достонҳо, корномаҳо, андарзномаҳо, қитъаҳо ва ғайра инъикос ёфтаанд, ба таври зарурӣ таҳлилу таҳқиқи худро наёфтаанд. Бинобар ин, мавриди таҳлилу муқоиса қарор додани мавзуҳои ахлоқии ёдгориҳои хаттии аҳди Сосониён, ки тарғиби некӣ, адолат, ростӣ, покизагӣ, таҳаммулгароӣ, дасти мадад расонидан ба ниёзмандон, донишандӯзӣ, эҳтиром ба волидайн, устод, дурӯғгӯӣ накардан, кинаву бухл напарваридан,

беасос шахсеро таҳқир ва маломат накардан, побанди нафс набудан ва ғайраро ташкил медиҳанд, ба андешаи муаллиф аз рӯзмарра будани масъалаи мазкур гувоҳӣ медиҳад;

- сеюм, вобаста ба вазъи пуртаззоди ҷаҳонишавӣ, бархурди тамаддунҳо, рушди бемайлони технологияву воситаҳои қабул ва интиқоли иттилоъ ва омезиш ёфтани арзишҳои фарҳангӣ дар ҷомеаи муосир, хусусан, дар ҷомеаи Тоҷикистон падидаи бегонашавии фарҳангҳо (муоширату, тарзи интихоб ва ба бар кардани либосҳои ғайримиллӣ, муносибатҳои оилавӣ ва ғайра), коста гардидани ахлоқ, гаравидани ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ, ки ба амнияту суботи ҷомеа, устувории ваҳдати миллӣ, ҳамбастагии иҷтимоӣ монеа эҷод мекунанд, мушоҳида мешаванд, заруратро ҷиҳати рӯй овардан ба омӯзиш ва эҳёи арзишҳои ахлоқии давлатдории Сосониён бештар мекунад.

Таҳқиқи ин ҷанбаҳои мавзуи мазкур аз мубрам будани пажӯҳиши мавзуи мазкур далолат мекунад.

**Дараҷаи омӯзиши мавзуъ.** Муаллиф дар натиҷаи омӯзиш ва таҳлилу муқоисаи андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ[1], ки бевосита ба мавзуи мазкур дахл доранд, таҳқиқотҳои анҷомдодашударо ба чаҳор гурӯҳ ҷудо мекунад:

1) таҳқиқоти муҳаққиқони аврупоӣ ва рус, ки вобаста ба соҳаҳои гуногун ба таҳқиқи фалсафаи зардуштия ва масъалаҳои ахлоқии давраи

[1]Авесто. Кӯҳантарин сурудҳо ва матнҳои иронӣ. - Теҳрон, 1380. -Ҷ.1-2. - 1195с.; Баҳор, М. Пажӯҳише дар асотири Эрон. - Теҳрон, 1362. – 423 с.; Бартольд, В.В. Иран: Исторический обзор. - Ташкент, 1926.-324с.; Бердиев, Ш.П. Этические проблемы зороастризма. - Душанбе, 2011. - 145с.; Бертельс, Е.Э. Отрывки из Авесты//Восток: Журнал литературы, науки и искусства. - М., Л., 1924. - 22с.; Дандамаев, М.А. Политическая история Ахеменидской державы. - Москва, 1985. - 320с.; Дюшен-Гийемен. Зардушт ва ҷаҳони ғарб. - Теҳрон, 1350. - 187с.; Ғафуров, Б. Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав. – Душанб, 2020. - 976с.; Ибн-ал-Балхӣ. Форснома. - Душанбе, 1989. - 214с.; История Ирана. Под редакцией Иванова, М.С. - Москва, 1977. - 321с.; Кристенсен, А. Корномаи шоҳон. - Теҳрон, 1368. - 176с.; Кристенсен, А. Эрон дар замони Сосониён. - Теҳрон, 1336. - 248с.; Кристенсен, А. Маздопарастӣ дар Эрони қадим. - Теҳрон, 1338. - 312с.; Луконин, В.Г. Иран в эпоху первых Сасанидов. - Л., 1961. - 323с.; Машкур, Ҷ. Таърихи Эрони бостон. - Теҳрон, 1347. - 214с.; Муъминзода, Ҳ. Зардушт ва ойини ӯ. – Душанбе, 1997. - 186с.; Мӯминҷонов, Ҳ. Тӯрон - гаҳвораи тамаддуни ориёӣ. - Душанбе, 2004. - 297с.; Оранский, И.М. Введение в иранскую филологию. - Москва, 1960.- 234с.; Оштиёнӣ, Ҷ. Зардушт. Маздаяснва ва ҳукумат. - Мюнхен, 1984. - 224с.; Пури Довуд. Яштҳо. Ҷ.2. - Теҳрон, 1377. - 287с.; Раҳмон, Э. Чеҳраҳои мондагор. - Душанбе: «ЭР - граф», 2016. - 364с.; Тафаззулӣ, Аҳмад. Таърихи адабиёти Эрон пеш аз ислом. – Теҳрон, 1377. - 392с.; Фрай, Р. Наследие Ирана. - Москва, 1972. - 432с.; Якубов, Ю. Зороастризм и его значение в развитии цивилизатции народов Ближнего и Среднего Востока. - Душанбе, 2003. - 241с. ва ғайра.

Сосониён бахшида шудаанд. Арзишмандтарини онҳо асарҳои олимони шинохта Бартолд В.В., Брагинский И.С., Бертелс Е.А., Бойс Мэри, Грантовский Э.Н., Гладиш А., Дюжен-Гийемен Ж., Кристенсен А., Келленс Ч., Кройтсер Ф., Нейнберг Х.С., Нитше Ф., Струве В.В., Ҳенинг В., Ҳумбах Ҳ., Фрай Ричард ва дигарон мебошанд.[1]

Бояд тазаккур дод, ки аввалин муҳаққиқи аврупоӣ, ки ҳанӯз соли 1590 дар бораи таълимоти фалсафӣ-ахлоқии Зардушт ва китоби "Авесто" таваҷҷуҳ зоҳир карда, таҳқиқот анҷом дода, китоби худро дар Париж ба нашр расонид, Барнаб Бриссон буд. Баъди сад сол ховаршиноси англис Томас Ҳайд дар бораи Зардушт ва оини маздопарастӣ дар асоси навиштаҳои юнонӣ, римӣ, эронӣ, ва арабӣ андешаҳои худро ба шакли китоб пешниҳод мекунад. Нисбат ба ин ду муҳаққиқ саҳми ховаршиноси фаронсавӣ Анкетил Дюперон ҷиҳати муаррифии Зардушт ва китоби "Авесто" беназир аст. Ӯ пеш аз он ки тарҷумаи Авестои худро бо номи "Занд-Авесто" дар ду ҷилд бо забони фаронсавӣ ба нашр расонад, аввалан ба Ҳинд сафар кард, то бо пайравони дини зардуштӣ аз наздик суҳбат кунанд. Дар Бомбай, ки ин шаҳр маркази форсҳо буд аз донишваре забони авестоиро меомӯзад. Баъдан, маводи зиёди шакли дастхатро аз Ҳинд ҷамъ оварда, бо дастхатҳои Авесто, ки дар китобхонаи Бодлеан мавҷуд буданд, муқоиса карда, пас аз даҳ соли омӯзиш ва пажӯҳиш китобро таҳия менамояд.

Дар асрҳои XIX - XX ва хусусан дар ибтидои асри XXI бошад, пажӯҳишҳои авестошиносӣ, таҳқиқи ақидаҳои фалсафӣ-ахлоқии зардуштия, ки минбаъд барои рушд ва таҳаввули ахлоқ ба сифати сарчашмаи муътамад хизмат карданд, аз ҷониби А.А.Фейман, В.В.Струве, Ф.Нитсше, Ян Краситский, Ф.Х.Кессиди, М.Дрезден, Э.Диллен, М.А.Дандамаев,

[1] Бартольд В.В. Несколько слов об арийской культуры в Средней Азии. Сочинение. Т.2. - М, 1964; Бертельс Е.А. История персидско - таджикского литературы.-М. 1960; Брагинский, И.С. Из история таджикской и персидской литературы.-М, 1972; Бойс Мэри. Заростирийцы. Верование и обычаи.- М.: Наука, 1987; Грантовский, Э.Н. Ранее история иранских племен Средней Азии. М., 1970; Дюжен – Гийемен, Ж. Зардушт ва ҷаҳони Ғарб.-Техрон, 1350; Ницше, Ф. Сочинение (в II-томах). - Т.2.-Спб, 1998; Струве В.В. Родина зороастризма «Советской Востоковедение». - Т.5. –М.,1948 ва ғайра.

В.Г.Луконин, Э.Бенвенист, Бойс М., Р.Фрай, В.И.Абаев, В.В.Бартолд ва ғайра мавриди омӯзиш қарор гирифта, таҳқиқотҳои бунёдӣ[1] анҷом дода шуданд.

2) таҳқиқоти муҳаққиқони эронӣ. Дар кишвари Эрон омӯзиш ва таҳлилу баррасии фарҳангу тамаддуни Сосониён бар пояи таълимоти китоби Авасто сурат гирифтааст. Як зумра авестошиносони маъруфи эронӣ Авесторо ба хати арабӣ ва забони форсӣ тарҷума намуданд ва масоили гуногуни фалсафӣ, ахлоқӣ, фарҳангӣ ва динии онро мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор доданд. Аз ҷумла, муҳаққиқоне чун Аббоси Меҳрин, Пури Довуд, Меҳрдоди Меҳрин, Ҳошими Разӣ, Муҳаммад Муин, Қ.Ҷомосп, Ф.Ҷӯнайдӣ, Ҷ.Дӯстхоҳ, А.Ҷаъфарӣ ва чанде дигарро метавон ном бурд, ки дар ин кор саҳми беандоза доранд.[2]

Назар ба мухаққиқони аврупоӣ дар пажӯҳиш, тарҷума ва бознашри китоби Авесто ва қисматҳои он, таҳлил ва муқоисаи ахлоқи зардуштия бо дин ва таълимотҳои дигари фалсафӣ саҳми муҳаққиқони эронӣ барҷаста ва китобҳои таълифкардаашон ба сарчашмаҳои аслӣ бештар наздикӣ доранд. Масалан, Иброҳим Пури Довуд[3] аз зумраи муҳаққиқоне буд, ки самти фаъолияти эҷодии ӯро пажӯҳиши фарҳанг, дин, ахлоқи эрониёни бостон ташкил дода, Авесто меҳвари кори таҳқиқотии ӯ ба ҳисоб мерафт. Муҳаққиқи дигари эронӣ, ки баъди марги Иброҳим Пури Довуд дар авестошиносӣ хизмати шоёне кардааст Ҷалили Дӯстхоҳ[4] мебошад. Тарҷумаи Авесто аз ҷониби муҳаққиқ дар заминаи тарҷумаи Иброҳим Пури Довуд асос ёфтааст. Аммо дар тафовут аз устоди худ муаллиф тарҷумаҳои Авесторо бо

---

[1] Фейман, А.А. Древнеперсидский календарь//Вестник древней истории. ВП Г-946, №3. – С.77-86.; Струве, В.В. История древнего Востока. М., 1941. - 250с.; Ницше, Ф. Так говорил Заратуштра. - М., 2006. - 1024с.; Красицкий, Ян. Бог, человек и зло. – М. 2009. – 371с.; Кессиди, Ф.Х. Философские и этические проблемы человека. – М., 1994. – 275с.; Дрезден, М. Мифология древнего Ирана/Мифология древнего мира. – М. 1977. – 232с.; Диллень, Э. Дуализм в Авесте. - СПб., 1881. - 247с.; Дандамаев, М.А, Луконин, В.Г. Культура и экономика древнего Ирана. - М.: Наука, 1980. - 416с.; Бенвенист, Э. Дини эронӣ. – Табрез, 1350; Фрай, Р. Наследие Ирана. - М. 1972.; Абаев, В.И. Миф и история в Гатах Зороастра. - М., 1974. - 211с.; Бартольд, В.В. Сочинения. - М.1971. Т.2. - 662с. ва дигарон.

[2] Аббоси Меҳрин. Фалсафа ва оини эрони бостон.-Теҳрон, 1354; Пури Довуд. Ёддоштҳои Готҳо.-Теҳрон, 1336; Меҳрдоди Меҳрин. Фалсафаи шарқ.-Теҳрон 1340; Ҳошим Разӣ. Ганҷинаи Авесто.-Теҳрон, 1350; Муин, М. Маздаясно ва адаби порсӣ.-Теҳрон 133 Фаридун Ҷунайдӣ. Зиндагӣ ва муҳоҷирати ориёнон бар пояи гуфторҳои эронӣ.-Теҳрон, 1387; Дӯстхоҳ, Ҷ. Авесто. - Теҳрон, интишороти «Марворид», 1377. - 792с.; Алиакбар Ҷаъфарӣ. Паёми Зардушт.-Теҳрон, 1984.

[3] Иброҳим Пури Довуд. Ясна. Ҷ.1. – Теҳрон, 1536;

[4] Дӯстхоҳ, Ҷ. Авесто. – Теҳрон, интишороти «Марворид», 1377. - 792с.

забонҳои дигар, ки ба Иброҳим Пури Довуд дастрас набуданд ва ё баъди вафоти ӯ ба нашр расиданд, омӯхта, муқоиса карда, шакли комили Авесторо ба нашр мерасонад. Дар кори таҳқиқотии Ҷ.Оштиёнӣ[1] таваҷҷуҳи хосса ба пайдоиши дини зардуштия, ҷанбаҳои ахлоқии оини маздаясна ва эътирофи онҳо аз ҷониби подшоҳони аҳди бостон маълумот дода мешавад.

3) корҳои таҳқиқотии муҳаққиқони тоҷик. Корҳои илмию таҳқиқотӣ доир ба фарҳангу тамаддуни ориёӣ дар Тоҷикистон, аслан дар даврони Шуравӣ оғоз шуда, дар замони соҳибистиқлолӣ низ идома доранд. Муҳаққиқон ва донишмандони тоҷик Б.Ғафуров, М.Диноршоев, Ҳ.Муъминзода, Ю.Яқубов, И.Умарзода, М.Музаффарӣ, Ш.Абдуллоев, К.Бекзода, Н.Яздон, А.Шохуморов ва дигарон доир ба ҷанбаҳои мухталифи афкори фалсафӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқию динии таълимоти зардуштия ва китоби Авесто таҳқиқоти арзишмандро анҷом додаанд.[2]

Хусусан, масъалаҳои марбут ба тамаддуни ориёӣ, эътиқод ва анъанаҳои бостонии Аҷам - дар таҳқиқотҳои файласуфи тоҷик М.Ҳазратқулов[3], баррасии ақидаҳои иҷтимоии зардуштия дар кори таҳқиқотии К.О.Олимов[4], пажӯҳиши мавзуҳои Зардушт ва ойини ӯ, таҳқиқи масоили фалсафии зардуштия дар корҳои таҳқиқотии М.Муминҷонов[5], эстетикаи зардуштия дар корҳои таҳқиқотии С.Х.Раҳимов[6], масъалаҳои ахлоқии зардуштия дар таҳқиқотҳои Ш.П.Бердиев[7] ва ғайра мавриди таҳлилу муқоиса қарор дода шудаанд.

---

[1] Оштиёни, Ҷ. Зардушт. Маздаясна. Ҳукумат. - Мюнхен, 1984.

[2] Ғафуров, Б. Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав. - Душанбе: Нашриёти муосир, 2020.-976с; Диноршоев, М. Аз таърихи фалсафаи тоҷик.-Душанбе,1988; Муъминзода, Ҳ. Зардушт ва ойини ӯ. - Душанбе, 1997. - 186с.; Яқубов Ю.Таърихи халқи тоҷик. Замони ориёҳо.-Душанбе: Собириён, 2009; Умарзода, И. Таърихи тамаддуни ориён.-Душанбе,2006.-584с; Музаффарӣ, М.. Антропологияи ориёӣ.-Душанбе, 2006; Абдуллоев, Ш. Фалсафаи одамият.-Душанбе, 2003; К.Бекзода. Паёмбарони фарҳанги мо. – Душанбе, 2000.-124 с; Назрӣ Яздон. Ҳикмати озодагон. - Душанбе, 2009.-276с; Шохуморов А.. Памир страна орийцев. - Душанбе, 1997 и др.

[3] Ҳазратқулов, М. Эътиқод ва анъанаҳои бостонии Аҷам. - Душанбе, 1986. - 214с.; Ҳамин муаллиф: Ориёниҳо ва тамаддуни ориёӣ. - Теҳрон, 1387. - 750с. Ҳамин муаллиф: Доисламские верования. - Душанбе, 1986. - 127с.

[4] Олимов, К.О. Назаре ба фалсафаи иҷтимоии зардуштия. - Душанбе, 1999. - 112с.

[5] Муъминҷонов, М. Зардушт ва ойини ӯ. - Душанбе, 1993. Ҷ.1 ва 2. – 398с., Ҳамин муаллиф: Турон – гаҳвораи тамаддуни орёӣ. - Душанбе, 2004.-297с., Ҳамин муаллиф: Философские проблемы Зороастризма. – Душанбе, 2000. – 244с.

[6] Рахимов, С.Х. Эстетика зороастризма. – Душанбе: Дониш, 2006. - 406с.

[7] Бердиев, Ш.П. Этические проблемы зороастризма. - Душанбе, 2022. - 132с.

4) асарҳои бунёдии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон. Дар эҳё, шинохт ва ҳифзи арзишҳои моддию маънавӣ мардуми тоҷику форс саҳми Эмомалӣ Раҳмон беназир буда, китобҳои арзишманди ӯ "Тоҷикон дар оинаи таърих", "Аз ориён то Сомониён", "Чеҳраҳои мондагор", "Забони миллат - ҳастии миллат"[1] ва ғайра барои насли ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистон гаронбаҳо мебошанд. Зеро, ҳар як асар мазмунан арзиши баланди илмӣ дошта, андешаҳои муаллиф бо далелҳои аз сарчашмаҳои муътамад истифодабурда асоснокшуда мебошанд. Аз ин рӯ, мутолиаи онҳо барои мустаҳкам кардани хотираи таърихӣ, ташаккули ҷаҳонбинӣ, худшиносии миллӣ, ҳисси ватандории мардуми тоҷик нақши муассир мегузоранд.

Муаллиф, осори таҳиякардаи муҳаққиқони номбурдаро таҳлил намуда, ба хулосае меояд, ки асосҳои илмию методологии омӯзиши масъалаи ахлоқ ва таҳаввули он дар аҳди Сосониён, инчунин сарчашмаҳое, ки оид ба таҳқиқи мавзуъ таъсири назариявию амалӣ доштанд, ҳанӯз пурра омӯхта нашудааст. Диссертант, дар кори пажӯҳишии худ кӯшиш кардааст, ки ташаккули ахлоқу одоби давлатдории Сосониёнро дар заминаи таҳлил ва муқосиаи осори хаттии ниёкон ҳамаҷониба таҳқиқ намояд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ.** Кори илмӣ-таҳқиқотӣ дар асоси нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ барои солҳои 2015-2020 ва 2020-2025 иҷро карда шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади кори диссертатсионӣ омӯзиши ахлоқ ҳамчун шохаи фалсафаи амалӣ дар аҳди Сосониён ва нишон додани аҳамият ва арзиши он дар низоми давлатдории миллии ҷомеаи муосири Тоҷикистон

[1] Раҳмон, Э. Тоҷикион дар оинаи таърих. Аз ориён то Сомониён. - Душанбе.: "Ирфон", 2009. – 704с.; Ҳамин муаллиф: Чеҳраҳои мондагор. – Душанбе.: "Эр-граф", 2016. - 364с.; Ҳамин муаллиф: Забони миллат ва ҳастии миллат. - Душанбе, «ЭР-граф», 2016.-516с.

мебошад. Барои амалӣ кардани ин мақсад муаллиф ҳалли чунин вазифаҳоро зарур мешуморад:

- ташхис намудани раванд ва шароити ташаккул, фаҳмиш ва шарҳи мафҳуми ахлоқ дар низоми донишҳои фалсафӣ;

- собит кардани ахлоқи зардуштӣ ҳамчун кафили адолат ва баробарии иҷтимоӣ дар низоми давлатдории Сосониён;

- муайян кардани нақши Академияи "Гунди Шопур" дар ташаккули донишҳои илмӣ ва таҳаввули муносибатҳои ахлоқии давраи Сосониён;

- мушаххас кардани "Корномаи Ардашери Бобакон" ҳамчун сарчашмаи муътамади таърихӣ ва ахлоқии аҳди Сосониён;

- муайян кардани ҷойгоҳи ахлоқ ва баррасии масъалаҳои ахлоқӣ дар мероси хаттии аҳди Сосониён;

- нишон додани аҳамият ва арзиши этикаи Сосониён дар низоми давлатдории миллии ҷомеаи муосири Тоҷикистон.

**Объекти таҳқиқот:** этикаи аҳди Сосониён.

**Предмети таҳқиқот:** ҷойгоҳ ва мавқеи ахлоқ дар низоми давлатдории Сосониён ва арзишҳои он дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Дар раванди таҳияи кори диссертатсионӣ муаллиф бештар ба сарчашмаҳо, мероси хаттии бостонии мардуми тоҷику форс, муқаррарот ва хулосаҳои назариётчиёни илмҳои фалсафӣ, таълифоти муҳаққиқони хориҷӣ ва ватанӣ, ки бевосита ба масъалаи ахлоқ, ташаккул ва таҳаввули он дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ бахшида шуда, дар шакли монография, мақолаҳои илмӣ, диссертатсияҳо ва ғайра ба нашр расидаанд, такя намудааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Асоси методологии таҳқиқотро фаҳмиши ратсионалии фалсафаи амалӣ, методҳои умумии маърифати илмӣ, таърихӣ, системавӣ, таҳлили муқоисавӣ бо истифода аз методи герменевтика ташкил медиҳад.

**Пойгоҳи таҳқиқотро** меъёрҳои муқарраргардида дар методологияи таҳқиқоти илмӣ, аз ҷумла таҳлили ратсионалӣ, воқеъбинона ва бо далелҳои боэътимод асоснокшуда ташкил медиҳад. Инчунин, барои таҳқиқи ҳамаҷонибаи мавзуъ мероси хаттии бостонии мардуми тоҷику форс ва дигар адабиёти илмии ба мавзуъ марбут васеъ истифода бурда шуданд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки аввалин бор дар шакли маҷмуӣ ва низомнокӣ фалсафаи ахлоқ дар аҳди Сосониён мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, аҳамият ва арзиши он дар низоми давладории миллии ҷомеаи муосири Тоҷикистон нишон дода шудааст.

Навгонии илмии таҳқиқот ба таври мушаххас дар чунин натиҷаҳо инъикос ёфтааст:

- таърихи ташаккул, фаҳмиш ва шарҳи фалсафии мафҳуми этика дар низоми давлатдории Сосониён муайян гардидааст;

- нақши ахлоқи зардуштия, ки дар низоми давлатдории аҳди Сосониён ҳамчун кафили адолат ва баробарии иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад, таҳқиқ ва муайян карда шудааст;

- дар заминаи сарчашмаҳо ва адабиёти фаровони илмӣ нақши Академияи Гунди Шопур дар ташаккули донишҳои илмӣ ва таҳаввули муносибатҳои ахлоқии давраи Сосониён нишон дода шудааст;

- “Корномаи Ардашери Бобакон” ҳамчун сарчашмаи муътамади таърихӣ ва ахлоқии аҳди Сосониён мавриди омӯзиш ва таҳқиқи амиқи фалсафӣ муайян шудааст;

- ҷойгоҳи ахлоқ ва баррасии масъалаҳои ахлоқӣ дар мероси хаттии аҳди Сосониён муайян карда шуд;

- аҳамият ва арзиши этикаи Сосониён дар ташаккули низоми давлатдории миллии ҷомеаи муосири Тоҷикистон нишон дода шудааст.

**Нуктаҳои асосие, ки ба дифоъ пешниҳод мешаванд:**

1. Этика - дар баробари манзилдорӣ ва сиёсат аз шохаҳои илми амалӣ буда, мазмунан рафтору кирдор, хулқу хӯй ва сифатҳои табиию иҷтимоии инсонро омӯхта, танзимкунандаи меъёрҳо, муносибатҳо, робитаҳо ва

ҳамбастагиҳои иҷтимоӣ ва ғайра мебошад. Этикаи давраи Сосониён беҳтарин арзишҳои ахлоқии инсониро дар худ таҷассум намудааст, ки мавзуи меҳварии онро ба таври маҷмуӣ се асли ахлоқии зардуштия: пиндори нек, гуфтори нек ва кирдори нек, ки муқобили амалҳои нописандида: пиндори бад, гуфтори бад ва кирдори бад қарор мегиранд, ташкил медиҳад. Ин арзишҳои олии ахлоқӣ дар марҳилаҳои гуногуни таърихии ҷомеа, хусусан дар ҷомеаи муосир ҷиҳати бо адл ороста доштани низоми давлатдорӣ, риоя кардани принсипи баробарии иҷтимоӣ, ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон мусоидат менамоянд.

2. Этикаи далватдорӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва сиёсӣ, ки рафтору аъмоли инсон, низоми идораи давлат, муносибатҳои ҷамъиятиро ба танзим медарорад, таърихи куҳан дорад. Дар давраи давлатдории Сосониён ин падидаи ҳувиятсози давлату ҷомеа ба дараҷаи рушд ва таҳаввули худ расид, ки дар натиҷа, дар таърихи тамаддуни ҷаҳонӣ низоми ҷомеадории Сосониён намунаи олии давлатдориро ташкил дод. Зеро, принсипҳои адолат, риояи баробарии иҷтимоӣ, ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои мардум новобаста аз мансубият ба халқият, нажод, ҷинс, дин ва ғайра меъёрҳои муҳимми низоми идоракунии хусусияти дунявидоштаи подшоҳони сосонӣ қарор дода шуд. Татбиқи ин присипҳо ба подшоҳони сосонӣ имконият фароҳам овард, ки як давлати воҳид, пуриқтидор ва аз як марказ идорашавандаро таъсис дода, барои рушди тамаддун ва фарҳанги миллии мо заминаҳои устувор гузоранд. Расму анъанаҳои гузаштагонамонро, ки тобиши динӣ доштанд, мутобиқи сегонаи ахлоқии Авесто, ба доираи расмӣ ворид гардонанд. Аз ҷумла: либоспушӣ, одоби ташкили оила, гузоридани намози панҷвақта, нигоҳ доштани покии бадан, меҳмоннавозӣ, эҳтироми волидону пирон ва ғайра. Ҷашнҳои пуршукуҳи миллӣ, аз қабили Наврӯз, Меҳргон, Сада ва Тиргонро вобаста ба муҳлат расмӣ ҷашн гирифта, машқҳои варзишӣ, аз ҷумла аспсаворӣ, тирандозӣ, шамшерзанӣ, гуштингирӣ ва ғайраро ба анъанаи умумимиллӣ табдил доданд, ки имрӯз ин анъанаҳои куҳани аҷдодиро насли имрӯзи тоҷик идома дода истодааст.

3. Академияи Гунди Шопур сирф донишгоҳи тиббӣ набуда, балки маркази илмӣ-фарҳангии рушди тамоми соҳаҳои илм: табиӣ-риёзӣ, иҷтимоӣ-гуманитарӣ ва дақиқ мебошад. Кормандони маркази мазкур донишмандони илмҳои мушаххаси кишварҳои гуногун: Миср, Ҳинд, Юнон, Рим ва ғайра ба ҳисоб рафта, дар якҷоягӣ дар самти рушди илму дониш саҳми арзанда гузоштанд. Хусусан, дастовардҳои илмӣ, китобҳои арзишманди таълиф ва тарҷумкардаи донишмандони фарҳангистони Гунди Шопур на танҳо барои рушду таҳаввули илму фарҳанги замони худ нақши асосӣ бозиданд, балки тарҷума ва нашри онҳо дар марҳилаҳои баъдинаи таърихӣ барои пешрафт ва тараққии тамаддуни Шарқу Ғарб мусоидат карда, боиси таъсиси мактабҳои гуногуни илмӣ-фалсафӣ шуданд. Ҳамзамон, баъди ба тобеи худ даровардани давлати Сосониён аз ҷониби арабҳо кормандони фарҳангистон тарки соҳа накарданд, балки дар дигар марказҳои илмӣ-фарҳангӣ, аз ҷумла дар Академияи "Байтул-ҳикма" ("Хонаи хирад") - и Бағдод, ки тобеи хилофати аббосӣ буд, ба фаъолият шурӯъ карда, барои рушди фарҳанги миллӣ, ҳифз кардани арзишҳои фарҳангии гузаштагон, хусусан ба тамаддуни ҷаҳонӣ ворид кардани фалсафаи ислом саҳми асосӣ гузоштанд.

4. "Корномаи Ардашери Бобакон" мероси хаттии аҳди сосонӣ мебошад. Дар мероси хаттии мазкур доир ба таърихи подшоҳии нахустин шоҳи сосонӣ Ардашери 1 (224-241), пирӯзии вай бар Ардавон (213-224) ва дигар шаҳриёрони Эрон, муттаҳид сохтани кишвар ба як давлати пуриқтидор маълумот дода мешавад. Аз ин рӯ, Корномаи мазкур ёдгории хаттии хусусияти асотиридошта набуда, балки он инъикоскунандаи воқеияти замон аст.

5. Таърихан, достонҳо, корномаҳо, андарзномаҳо, катибаҳо, қитъаҳо, ки аз рӯйи мавзуъбандӣ, ҳаҷм, баррасии масъала аз ҳамдигар тафовут доранд, аз зумраи навъҳои ёдгориҳои хаттии мардумони тоҷику форс ба ҳисоб меравaнд. Мазмунан, ин мероси хаттӣ пурра тамоили мифологӣ ва бадеӣ надошта, балки хусусияти фалсафӣ-ахлоқиро доро мебошанд. Хусусан, тавсифи мафҳуми ахлоқ ва риояи меъёрҳои ахлоқӣ мавзуи меҳварии мероси

хаттии бостонии мардуми тоҷику форс мебошад. Аз ин рӯ, ин осории хаттӣ на танҳо барои подшоҳон ҷиҳати бо адл ороста доштани кишвар, назму насақи давлатдорӣ ҳамчун дастурамал хизмат мекунанд. Инчунин, ин ёдгориҳои арзишманди меросмонда барои ташаккули ақидаҳои ахлоқии мутафаккирони марҳилаҳои баъдина, таҳияи рисолаву асарҳои илмӣ-фалсафӣ, ахлоқӣ ва сиёсати давлатдорӣ ба сифати сарчашмаи муътамад, нақш бозидаанд.

6. Дар таърихи тамаддуни ҷаҳонӣ давлати Сосониён, аввалан аз зумраи давлатҳое мебошад, ки низоми идоракуниро дар доираи принсипи дунявият ва ҷоридошти адолати иҷтимоӣ ба роҳ монда, давлати пуриқтидор ва мутамаркази ягонаро ташкил дод. Дуюм, дар низоми давлатдорӣ на танҳо анъанаи гузаштагон, аслҳои ахлоқии таълимоти зардуштияро идома дод, балки бо риояи принсипҳои адолат, баробарии иҷтимоӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои қишрҳои гуногуни аҳолӣ назму тартибро дар кишвар таъмин кард. Сеюм, китоби Авесторо, ки аз ҷониби ғосиби юнонӣ Искандари Мақдунӣ сӯзонида шуд, аз нав ҷамъоварӣ намуда, хатари пурра аз байн рафтани осори зардуштияро аз байн бурд. Чаҳорум, низоми давлатдории Сосониён барои Тоҷикистон ҷиҳати ташаккул ва таҳаввули давлатдории миллӣ ҳамчун намунаи олии давлатдорӣ эътироф карда шуд. Панҷум, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон на танҳо оини неки давлатдории гузаштагонро идома дод, балки вобаста ба таъсири ҷаҳонишавӣ ва бархурди тамаддунҳо арзишҳои гузаштаи миллии худро аз нав эҳё кард, Зардуштро ҳамчун паёмбари оини ростин эътироф кард, се рукни ахлоқии он: пиндори нек, гуфтори нек ва кирдори некро меҳвари сиёсати давлтории худ қарор дод. Бар замми ин, дар натиҷаи омезиш додани арзишҳои фарҳанги гузашта ба арзишҳои давлатдории ҷомеаи муосир принсипи дунявиятро модели муҳим ва асосӣ ҳисобида, ба дастоварду муваффақиятҳои назаррас нойил гардид.

**Аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои кори таҳқиқотӣ, хулосаю тавсияҳои

амалии бадастомадаро метавон ҳангоми мушаххас кардани заминаҳои ғоявӣ, иҷтимоӣ-сиёсии ташаккул ва таҳаввули ахлоқ ҳамчун шохаи илми амалӣ ба таври васеъ истифода намуд. Илова бар ин, маводи коркардшуда, натиҷаҳои илмӣ-амалии бадастомадаро метавон ҳангоми таҳияи китобҳои дарсӣ, матни мухтасари лексияҳо, маҷмуаҳои таълимӣ-методӣ, дигар воситаҳои таълимӣ аз фанҳои таърихи фалсафа, ахлоқ, этикаи коргузорӣ, фарҳангшиносӣ, сотсиологӣ истифода намуд. Инчунин, истифодаи хулосаҳои назариявӣ ва натиҷаҳои бадастомада дар раванди баргузор кардани корҳои тарбиявӣ, ташвиқотӣ ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи худшиносии миллӣ, арҷ гузоштан ба арзиш ва муқаддасоти миллӣ, пешгирӣ аз таассубу хурофот ва ғайра аз манфиат холӣ намебошанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо интихоби методҳо дар раванди таҳлилу таҳқиқи мавзуъ, миқдори зарурии маводе, ки дар ҷараёни таҳқиқот истифода мешаванд, эътимоднокии манбаъҳои иттилоотии ҷамъовардашуда ва коркардашуда оид ба мавзуи таҳқиқот, бо тасдиқи муқаррароти илмии пешниҳодкардаи муаллиф, ки дар рисола мавҷуданд, инчунин нашрияҳо тасдиқ карда мешаванд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявӣ пешниҳод карда шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқот ба талаботи Шиносномаи тахассус - 09.00.03 – таърихи фалсафа (илмҳои фалсафӣ) мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур кори илмие мебошад, ки аз ҷониби муаллиф мустақилона анҷом дода шудааст. Дар раванди пажӯҳиши мавзуъ диссертант дар асоси такя ба маъхазҳои таърихӣ ва сарчашмаҳои муътамад муваффақ гаштааст, ки заминаҳои ғоявӣ, иҷтимоӣ-сиёсии ташаккулёбии этикаро ҳамчун шохаи илми амалӣ дар аҳди Сосониён, ҷойгоҳи ахлоқ ва таҷассуми категорияҳои ахлоқиро дар ёдгориҳои хаттӣ, аҳамият ва арзиши этикаи Сосониёнро дар низоми давлатдории миллии ҷомеаи муосири

Тоҷикистон пешниҳод намояд. Натиҷаҳои бадастовардаи назариявӣ, хулосаҳо, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо бевосита дастоварди илмии муаллиф ба ҳисоб меравнд.

**Тасвиб (апробатсия) ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Дисертатсия дар кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ омода шуда, дар ҷаласаи васеи кафедра муҳокима гардида ва ба ҳимоя тавсия шудааст. Мундариҷаи асоси ва хулосаҳои таҳқиқот дар мақолаҳои илмӣ, инчунин конференсияҳои илмӣ-назариявии сатҳи ҷумҳурӣ ва байналмиллалӣ инъикос ёфтаанд. Масалан диссертант дар конфренсияи илмӣ-назариявӣ бахшида ба Бистсолагии омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040), 30 солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи "Ҳикмати ахлоқии Корномаи Ардашери Бобак" (22 апрели соли 2021), конференсияи илмӣ-амалии байнимактабҳои олии "Философское осмысление проблем инновации в современном таджикском обществе" дар Донишгоҳи Руссия ва Тоҷикистон (Славянӣ) дар мавзуи "Этика Сасанидов: традиция и инновация" (28 ноябряи соли 2023) ва дар конференсияи илмӣ-назариявии байналмиллалӣ дар ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ дар мавзуи "Ҷойгоҳи Сосониён дар таърих ва тамаддуни умумиҷаҳонӣ" бахшида ба 1800 солагии таъсисёбии давлати Сосониён бо мавзуи "Бозтоби ахлоқ ва баррасии масъалаҳоии ахлоқӣ дар ёдгориҳои хаттии замони Сосониён" (26 апрели 2024) бо маърузаҳо баромад намудааст.

Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ (суратҷаласаи № 9 аз 29.04.2024) муҳокима гардида, ба ҳимоя пешниҳод карда шуд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Аз рӯйи натиҷаҳои кори таҳқиқотӣ муаллиф чаҳор мақолаи илмӣ таҳия карда, дар маҷаллаҳои илмии эътирофкардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 170 саҳифаи матни чопиро ташкил медиҳад.

# БОБИ I. ЗАМИНАҲОИ ҒОЯВӢ, ИҶТИМОӢ-СИЁСИИ ТАШАККУЛЁБӢ ВА ТАҲАВВУЛИ ЭТИКА ДАР АҲДИ СОСОНИЁН

## 1.1. Таърихи ташаккул, фаҳмиш ва шарҳи илмии мафҳуми этика дар низоми донишҳои фалсафӣ

Этика (ахлоқ) - дар баробари манзилдорӣ ва сиёсат аз шохаҳои илми амалӣ буда, мазмунан рафтору кирдор, хулқу хӯй ва сифатҳои табиию иҷтимоии инсонро мавриди омӯзиш қарор медиҳад. Ҳамчун илми амалӣ танзимкунандаи меъёрҳо ва муносибатҳои инсон дар раванди фаъолияти рӯзмарра мебошад. Ё худ этика аз шохаи амалии илмҳои фалсафӣ буда, меъёрҳои ахлоқиро ба инсонҳо ҷиҳати муайян кардани тарзи зист, танзими муносибатҳо, робитаҳо ва ҳамбастагиҳои иҷтимоӣ ва ғайра мушаххас муқаррар кардааст.

Агар таърихан дар бораи пайдоиш илми "этика" маълумот диҳем, месазад қайд кард, ки этика ё фалсафаи амалӣ чун илми қадимтарин дар асрҳои VI - IV-и пеш аз милод аз вожаи «этика» аз ethos (этос) - и бостонии юнонӣ маншаъ мегирад. Дар он давра зери ин мафҳум мақоми сукунати муштарак (хона, манзили инсонӣ, лонаи дарандагон, ошёни парандаҳо) - ро мефаҳмиданд. Баъдан ин истилоҳ, асосан, барои ифодаи сиришти устувори ягон падида, расму оин, урфу одат, мизоҷе мавриди истифода қарор гирифт.

Хусусан, усули хосси ба инсонҳо дастрас гардонидани меъёрҳои ахлоқӣ ва баррасии масоили ахлоқӣ тавассути инъикос доштани онҳо дар достонҳои қадимаи хусусияти асотиридошта ба роҳ монда шуд. Аз ҷумла, мавзуи меҳварии китоби муқаддаси дини зардуштия "Авесто"-ро масъалаи ахлоқ, ки дар доираи се рукни асосии ахлоқии он: рафтори нек, гуфтори нек ва пиндори нек таҳлилу баррасӣ меёбад ва баъдан барои ташаккули ахлоқ ҳамчун илми амалӣ, таҳаввули он дар таълимоти мутафаккирони марҳилаҳои баъдинаи таърихӣ ба сифати сарчашмаи муътамад нақши муҳим бозид, ташкил медиҳад.

Бинобар ин, авестошиносони ватанию хориҷӣ китоби муқаддаси “Авесто”-ро мероси муштараки фарҳангии ҷаҳониён, куҳантарин навиштори эрониён ва номаи динии маздопарсатон ба насли баъдӣ муаррифӣ менамоянд. Яъне, қисматҳои гуногуни ин маҷмуаи куҳан “аз замоне дар ҳудуди нимаи ҳазораи дувуми пеш аз милод ба баъд падид омад ва дар тӯли садаҳои мутаволӣ аз насле ба насли дигар расид, то саранҷом дар рӯзгори Сосониён, он чӣ аз он бар ҷо монда буд, ба хате ба номи диндабира ба нигориш дар омад ва шакле муназзаму мудавван ёфт”.[1]

Ба маълумоти дигар, Искандари Мақдунӣ тавассути ҷангҳои ғоратгарона ва фарҳангсӯзонааш китоби “Авесто”-ро дар қатори китобҳои қадима: “Динкард”, “Бундаҳишн”, “Ардавирофнома” сӯзонда, бо ин амалии нангини содиркарда ба ӯ лақаби “Гуҷастак” (маълун)-ро медиҳанд. Баъдан бо ибтикори Балоши Якум, подшоҳи ашконӣ, ки дар муддати солҳои 51 то 78-и милодӣ қудрати давлатдориро ба уҳда дошт, амр медиҳад, ки китоби “Авесто”-ро аз навиштаҳои пароканда ва он чӣ ки дар гӯйиши мардум садо медиҳад, ҷамъоварӣ намоянд.

Аммо Ардашери Бобакон, ки баъди шикасти сулолаи ашкониён давлати сосониёнро таъсис дода, тӯли солҳои 226-241-и милодӣ фармонравоии худро бар пояҳои ахлоқии дини зардуштӣ ниҳода буд, амр медиҳад, ки матнҳои “Авесто”-ро аз нав ҷамъоварӣ ва китобат кунанд. Дар давраҳои баъдӣ, яъне дар давраи давлатдории подшоҳи дигари сосонӣ Шопури дувум (310-379-и милодӣ) бо ташаббуси мубади мубадон Озарбади Меҳроспандон матни китоби “Хурда-Авесто” ҷамъоварӣ карда шуда, ба шакли китоб даровarда мешавад.

Дар давраи исломӣ ҳарчанд рукнҳои ахлоқии дини зардуштӣ барои назму ба расмиятдарории аҳкоми шариати исломӣ аз истифода дур намонданд, аммо халифаҳои исломӣ тавассути сиёсати пешгирифтаи худ

---

[1] Авесто. Куҳантарин сурудҳо ва матнҳои эронӣ/Гузориш ва пажӯҳиши Ҷалили Дӯстхоҳ. - Душанбе, 2001. - 792с. - С.9.

чунин муҳитеро созгор карданд, ки “бозмондаҳои ин китоби куҳан ҳамонанди бархе дигар аз навишторҳои маздопарастон дар хонаҳову оташкадаҳои ниҳон ё ниманиҳони зардуштиён пинҳон монд ва танҳо дар оинҳои динӣ ва хонаводагии онон ба кор омад ва шароити ҳоким бар ҷомеа монеъ аз дастёбии ҳамаи дӯстдорони фарҳанги дерини эронӣ ба ин номаи бостон ва пажӯҳишу баҳси озод дар бораи он шуд”.[1]

Бо вуҷуди ин, зардуштиёни зиёде, ки дини исломро напазируфта, ба Ҳиндустон муҳоҷират карданд ин арзиши ахлоқии худро ҳифз дошта, аркони онро дар фаъолияти амалии рӯзмарраи худ мавриди истифода қарор доданд, ки то имрӯз ин мероси арзишманди ниёкон нигоҳдорӣ мешавад.

Умуман, фаҳмиши ахлоқ дар таълимоти зардуштия ба таври зайл сурат мегирад, ки мақсуд аз офариниш ва натиҷаи зиндагӣ ин аст, ки инсон тавассути фаъолияти амалии худ барои обод кардани ҷаҳон, шодмонии худу дигарон бикӯшад ва бо “андешаи нек”, “гуфтори нек” ва “кирдори нек” худро шоистаи расидан ба авҷи камолу пайвастан ба беҳрӯзии ҷовидонӣ нишон диҳад.

Сурудҳои авестоии дар “Гоҳон” дарҷёфта, ки қонуни асосӣ ва гавҳари аслии дини маздопарастӣ мебошанд роҳнамои беҳрӯзии одамӣ дар зиндагии фардӣ ва иҷтимоӣ ба ҳисоб меравнад ва гӯшагирию бепарвоиро Зардушт ба мисли Буддо роҳи расидани инсон ба саодат намеҳисобад. Ахлоқро Зардушт танзимкунандаи рафтор, гуфтор ва пиндори одамон тавсиф карда, ба пайравони худ чунин мефармояд, ки “Он чиро, ки аз ман мешунавед, бо хиради дурусту маниши поку равшани хеш бисанҷеду арзёбӣ кунед ва он гоҳ бипазиред”.[2]

Ба андешаи Ҷалили Дустхоҳ “Дар усули ахлоқиву мазҳабии пешниҳодии Зартушт кашмакашҳои зудгузару гаҳгоҳи изадон ва девон ба як набарди ҳамешагиву бунёдӣ миёни неруҳои некӣ ва бадӣ дармеояд. Саросари зиндагии ҳар як аз гаравандагон ба оини Зартушт пайкоре дарунист, ки бояд

---

[1] Авесто. Куҳантарин сурудҳо ва матнҳои эронӣ/Гузориш ва пажӯҳиши Ҷалили Дӯстхоҳ… - С.20.
[2] Ҳамин асар... - С.38.

бар зидди неруҳои бадӣ оғоз кунад ва бар онҳо пирӯз шавад ва ин кашмакаш бахше аз ҷанги азимест, ки аз азал миёни ду равон некӣ ва бадӣ оғоз шуда ва то абад низ идома хоҳад дошт”.[1]

Ба фаҳмиши дигар, “ғояти омоли эронӣ дар зиндагӣ андешаи неку гуфтори нек ва кирдори нек аст, ки аз омӯзишҳои дини Маздо ё Зартушт ба шумор меояд ва ин дин яке аз динҳои бузурги фалсафии ҷаҳон аст, ки усули ақоиди лоҳутӣ ва ахлоқи амалиро бунёд ниҳод. Ба мӯҷиби ин усул, ки баъдҳо маъмул шуд, ҳар як аз одамиён бояд ҳамвора дар роҳи ҳақ ва некӣ ва ба зиёни тирагиву дурӯғ пайкор кунад”.[2]

Ё худ риштаи пайвандгари ахлоқи зартуштӣ, ки аз насл ба насл интиқол меёбад дар пурсиши Ҳурмузд ба Аша, ки дар банди 2-и “Ясна”, ҳоти 29 ошкоро ба назар мерасад. Офаридгор аз Аша мепурсад “Кадомин касро сазовори радии ҷаҳон мешиносӣ, то битавонем ёварии хешу тухшоӣ ба ободонии ҷаҳонро бад-ӯ бибахшем? Чӣ касеро ба солории ҷаҳон хосторӣ, ки ҳавохоҳони дуруҷу хашмро дарҳам бишканад ва аз кор боздорад?. Аша бад-ӯ посух медиҳад, ки “Чунин сардоре ба ҷаҳон (ба мардумон) бедод наменварзад. Ӯ меҳрубону беозор аст. Аз онон (касеро) намешиносам, ки битавонад некукоронро дар баробари табоҳкорон нигоаҳбонӣ кунад. Ӯ бояд дар миёни мардумон нерумандтар аз ҳама бошад, то ҳар гоҳ маро фаро хонад, ба ёриаш биштобам...”.[3]

Тибқи андешаҳои ахлоқии Зардушт беҳтарин роҳ дар зиндагӣ роҳи миёнаравист. Рӯй гардонидан аз хушиҳову лазатҳои писандида хоси одамӣ нест. Таъсиси хонавода, тарбияи фарзандони солеҳу солим, пайравӣ кардан аз ростӣ ва кору кӯшиш, машғул шудан ба шуғли кишоварзию, парвариши анвоъи гуногуни зироату растаниҳо, ҷонварони нафърасон ва ғайра, ҳама аз ҷузвҳои омӯзишии фарҳанги ахлоқии зартуштӣ ба ҳисоб меравад.

---

[1] Ҳамин асар... - С.39-40.
[2] Эрон аз назари ховаршиносон. Навиштаи гурӯҳе аз донишварони аврупоӣ ва амрикоӣ. Тарҷумаи доктор Ризозода Шафақ. – Теҳрон, 1363. – С.81.
[3] Авесто. Куҳантарин сурудҳо ва матнҳои эронӣ/Гузориш ва пажӯҳиши Ҷалили Дӯстхоҳ…- С.62.

Авестошинос, файласуфи тоҷик Ш.П.Бердиев зимни таҳқиқ ва баррасии масъалаи ахлоқ ва фаҳмиши он дар таълимоти зардуштия ба чуни хулоса меояд, ки ахлоқ дар таълимоти зардуштия ба маънои васеъ илм дар бораи некӣ (хайр) аст. Ахлоқ ҳамчун илми амалӣ ба одамон кумак мекунад, ки бо парҳезкорӣ зиндагӣ кунанд ва пайваста худро такмил диҳанд... Тарбияи маънавии инсон шуғли олитарин дар ахлоқи зардуштия ба ҳисоб меравад. Бо таъкиди Зардушт "Агар ту писар дошта бошӣ, ба мактаб деҳ, зеро таълим рӯшании чашм аст".[1]

Умуман, "Ғояи баробарии иҷтимоӣ дар таълимоти фалсафӣ ва динии бостонии тоҷик зери мафҳуми ахлоқ, некӣ, ирода, маърифат, шинохт, шоҳи одил, поквиҷдонӣ, имон, эътиқод, инсонгароӣ ва ғайра маънидод мешавад. Ҳамзамон, дар фалсафаи сиёсии зардуштия озодӣ, адолат, баробарӣ дар шакли тафаккури ахлоқӣ-иҷтимоӣ инъикос гаштаанд. Маҳз ҳамин таълимоти беназири зардуштия оид ба некӣ буд, ки ҳанӯз дар асри шашуми то милод Куруши Кабир эъломияе қабул намуд, ки тибқи он баробарии динию мазҳабии тамоми сокинони империяи Ҳахоманишинҳо таъмин гардида буд".[2]

Таълимоти монавия бошад, хусусияти ирфонӣ дошта, мувофиқ ба он олам ба сурати зиндоне тасвир карда мешуд, ки зарраҳои нур, ки аз олами боло сарчашма мегирифтанд, дар он маҳбус шуда ва инсон фақат ба василаи тарбия ва такомули рӯҳ, аз ин олам наҷот мееёфт[3]. Ин андешаи Монӣ доир ба дарк ва тавсифи олам минбаъд сарчашмаи муҳимме барои пайдоиши мактабҳои динӣ ва фалсафии марҳилаҳои гуногуни таърихӣ гардид. Ба дигар кишварҳо, хусусан ғарби Чин то ҷануби Франсия, ки маъмулан мухолифат ба масеҳият ва будоия доштанд, интиқол меёбад. Бо вуҷуди ин андеша, идеяи баробарӣ ва адолат дар таълимоти Монӣ ҳамчун арзиши ахлоқӣ ва маърифатӣ шинохта мешуд.

---

[1] Бердиев, Ш.П.Масъалаҳои ахлоқии Зардуштия. - Душанбе, 2022. – 132с. – С.33- 34.
[2] Салимов, А.И. Идеяи баробарии иҷтимоӣ дар фалсафаи бостонӣ ва асримиёнагии тоҷик/Автореферати диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа. – Душанбе, 2023. - 26с. - С.15.
[3] История таджикской философии с древнейших времен до XV в. Том 1. - Душанбе, 2010.-С.234.

Асосии наҳзати Маздакияро риоя доштани адолат, таъмини намудани баробарии иҷтимоӣ, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои ҳамаи қишрҳои ҷомеа новобаста аз мансубияти динию нажодӣ ташкил медод. Тарзи тақсимоти одилонаи меҳнат, баробар тақсим намудани моликият, таъмини адолат ва некиро Маздак арзишҳои умумиинсонӣ меҳисобид.

Аммо дар муқоиса бо дигар таълимоти динӣ-фалсафӣ дар таълимоти маздакия баробарӣ ҳамчун категорияи ахлоқӣ на танҳо дар дин, сиёсат, ахлоқ, ҳуқуқ, балки дар муносибатҳои иқтисодӣ низ эътироф мегардид. Ҳарчанд дар давраи Сосониён тавсияву пешниҳодҳои Маздак амалӣ нагашта, пурра аз ҷониби мардум пазируфта нашуданд, вале он як ҳаракати озодихоҳӣ ҷиҳати таъмини баробарии иҷтимоӣ барои ҷунбишҳои мардумии марҳилаҳои баъдинаи таърихӣ таъсири худро расонид.

Ҳамин тавр, бояд қайд кард, ки мувофиқи сарчашмаҳо ва маъхазҳои муътамад ахлоқ ҳамчун илми амалӣ дар Юнони қадим ташаккул ёфт. Асосгузори он файласуфи Юнони қадим Арасту аст. Этикаро дар Юнони қадим, аввалан ба маънои накукорӣ мефаҳмиданд, ки ба шарҳу тавзеҳи дар китоби “Авесто” инъикосёфта шабоҳати ғоявӣ дорад.

Аммо аз ҷанбаи этимологӣ мафҳуми этика аз калимаи “этос” таркиб ёфта, маънои хона, манзилро ифода менамуд. Арасту ба истилоҳи “этос” бандаки “кос” ҳамроҳ карда, истилоҳи нав “этикос”-ро месозад ва зери истилоҳи “этика” рафтору кирдор, хислатҳои амалии инсонро мефаҳмад. Ҳамзамон, этикаро аз ҷузъи таркибии илмҳои амалӣ ҳисобида, муътақид бар он буд, ки этика ҳамчуни илм танзимкунанда ва муайянкунандаи тарзи дурусти фаъолияти амалии инсонӣ аст.

Ҳамин тавр, этика дар таълимоти Арасту аз масоили муҳиме ба ҳисоб рафта, дар ин маврид мутафаккир китобҳои сирф ахоқӣ, аз қабили “Этикаи Никомах”, “Этикаи Эвдем” ва “Этикаи бузург”-ро таълиф мекунад.

Ба фаҳмиши дигар, Арасту мафҳуми «этика» - ро барои ифодаи сифатҳои инсонии синфи хосса истифода карда, онҳоро накӯкориҳои этикӣ (ахлоқӣ) ном ниҳод. Накӯкориҳои ахлоқӣ тавсифи мизоҷ (феълу

хӯ) - и ҳар инсон ба ҳисоб мерафтанд, ки онҳоро инчунин сифати ботинӣ (маънавӣ) меномад. Зеро, онҳо аз бисёр ҷиҳат моҳияти инсонро муайян сохта, ба пайдоиши тасаввуроти нисбатан комил роҷеъ ба вижагиҳои хулқии ӯ кӯмак мерасонанд.

Баъдан таҳти вожаи этика мафҳумҳое, амсоли «ахлоқ» ё «хулқу одоб» дар назар дошта шуданд, ки мазмунан муродифи ҳамдигар мебошанд. Аз ин фаҳмиш бармеояд, ки ахлоқ маҷмуи далелҳои мухтавои тарбиявидошта, қолаби рафтор, эҳсосот ва афкорест, ки ҷомеа пешорӯйи инсон мегузорад.

Дар Рими қадим ин вожа аз ҷониби Юлиё Сезар мавриди истифода қарор дода шудааст. Вожаи истифоданамудаи ӯ “moss” унвон дошта, маънои хона, манзил, дудмон (хонавода), урфу одатро ифода мекард. Ё худ, аз ҷониби Гай Юлий Сезар ин мафҳум аз вожаи лотинии (moss) сохта шуда, маънои хона, дудмон (хонавода), урфу одатро ифода мекард.

Дар таълимоти мактабҳои фалсафии Ҳинди Қадим, Чин, Миср ва Эрони Бостон низ этика (ахлоқ) қисми асосии фалсафаи амалӣ шинохта шуда, фаъолияти амалии инсонро дар зиндагии рӯзмарра мавриди омӯзиш қарор медиҳад, танзимкунандаи муносибатҳо дар раванди фаъолияти инсон, талқинкунандаи инсон барои мубориза бурдан алайҳи амалҳои нораво ва таблиғи сифатҳои ҳамида дар ҷомеа мебошад. Умуман, “мораль”- и лотинӣ, “этика” - и юнонӣ ва “ахлоқ” муродифи якдигар мебошанд.

Ба андешаи файласуфи тоҷику форс Қутбиддини Шерозӣ “Асли калимаи “ахлоқ” аз “хулқ” аст. Ва бидон, ки ҳамчунон ки халқ сурати зоҳир аст хулқ сурати ботин аст”.[1]

Ё худ чӣ тавре файласуфи тоҷик Ш.Амирхон шарҳу тавзеҳ медиҳад мафҳуми “этика” аз лиҳози этимологӣ истилоҳи лотинӣ буда, маънии ҷойи зист, лона, хона ва макони мувофиқи зиндагиро ифода мекунад. Албатта, ин андеша, на аз ҷониби ҳама муҳаққиқону донишмандон

[1] Шерозӣ Қутбиддин. Дуррат-ут-тоҷ. Бахши ҳикмати амалӣ ва сайру сулук. Бо кӯшиш ва тасҳеҳи Моҳдухт Бону Ҳумоӣ. Чопи дуввум. – Теҳрон, 1386. – С.22.

пазируфта шудааст, вале рад кардани ин андеша низ далел талаб мекунад. Доир ба этимологияи истилоҳи мазкур назари олимон хусусияти гуногунрангӣ дорад. Гурӯҳе аз муҳаққиқон баромади истилоҳи “этика”-ро дар забонҳои қадимаи лотинӣ, хитоӣ, ҳиндӣ, мисрӣ, юнонӣ, итолиёвӣ ва русӣ аз назар гузаронида, дар аввал бо кадом маъною шаклҳо омадану дар охир чӣ шакл гирифтани истилоҳи зикршударо хеле муфассал баён карда бошанд ҳам, вале то ҳанӯз мушкилот дар ин самт ба назар мерасад.[1]

Мафҳуми ахлоқ истилоҳи арабӣ буда, маънои хӯ, рафтор, кирдор, сират, сиришти инсонро ифода мекунад. Маҷмуи қоидаҳои асосӣ, муносибати байниҳамдигарии инсон, оила ва ҷамъият мебошад. Шурӯъ аз асрҳои VII – VIII, яъне пас аз истилои араб истифодаи мафҳуми ахлоқ дар Мовароуннаҳру Хуросон маъмул гардида, яке аз мавзуъҳои асосии китобҳои алоҳидаи файласуфони тоҷику форс Абубакри Розӣ, Абӯнасри Форобӣ, Ибни Сино, Насириддини Тусӣ, Ҷалолиддини Давонӣ ва шоирони соҳибсалиқа Саъдию Ҳофизи Шерозӣ, Ҷомию, Низомӣ ва ғайра ба ҳисоб рафтанд.

Муҳаққиқи дигари тоҷик М.Исоев дар таҳқиқоти илмии худ “Ҳикмати амалии Мискавейҳ” ба мавзуи шарҳу фаҳмиши илмии мафҳуми этика ва муайян кардани объекти асосии омӯзиши он таваҷҷуҳ зоҳир карда, ба чунин хулоса омадааст, ки “муҳаққиқони асримиёнагии форсу араб ба таҳқиқи ҳаматарафаи илми ахлоқ машғул шуда бошанд, ҳам, вале нисбати истилоҳи “этика” ва сабабҳои паҳн гардидани он ишора накардаанд. Ин сарчашмаҳо ба ҷойи истилоҳи “этика” мафҳуми “ахлоқ” ва “илми ахлоқ”-ро, ки аз феъли замони гузаштаи “халақа”, яъне офаридан, ба вуҷуд овардан, сохтан ва ғайра истифода кардаанд. Пас, саволе ба вуҷуд меояд, ки чаро ин муҳаққиқон истилоҳи “этика”-ро қабул накарда, мафҳуми сохтаи худро ба кор бурдаанд?[2]

---

[1] Амирхон, Ш.Т. Фалсафаи амалии Қутбиддин Шерозӣ. Дисс. барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа. – Душанбе, 2022. – 348с. – С.109.
[2] Исоев, М. Ҳикмати амалии Мискавейҳ. – Душанбе, 2003. – С. 22.

Дар ин маврид, ба андешаи муҳаққиқ нисбати он назар, ки гӯё муҳаққиқони форсу араб ба ҷойи истилоҳи “этика” мафҳуми сохтаи худ, яъне “ахлоқ”-ро истифода бурдаанд розӣ шуда наметавонем. Зеро мафҳуми “ахлоқ” истилоҳи сохта нест. Чун мафҳуми лотинии “этика” мазмунан рафтору кирдор, хулқу хӯйро ифода мекунад ва танзимкунандаи тарзи дурусти фаъолият ва муносибатҳои инсонӣ дар ҷомеа мебошад.

Аз нигоҳи файласуфи тоҷик Ш.П.Бердиев низ “Ахлоқ калимаи арабӣ буда, маънояш сиришт, рафтор, одоб ва муносибатро дорад. Ахлоқ - ин илмест, ки муродифи калимаи этика мебошад. Маънои луғавии ахлоқ «ҷамъи хулқ» мебошад, ки ин шакли суратҳоест, ки ба воситаи чашм дида мешавад. Хулқ - меъёри амалӣ сохтани рукнҳои асосии илми ахлоқ аст. Хулқ ба воситаи қувваҳои зоҳирӣ ва ботинии инсон ба сифатҳои нек муайян мешавад. Хулқ ба ду маъно истифода мешавад: ба андоза қарор додани ашё ва маънои нарм будани ашё ё ин ки ба маънои сиришт».[1]

Ин тавсиф низ ошкор мегардонад, ки дидгоҳи файласуф ба фаҳмиши муҳаққиқони қаблӣ нисбати шарҳу тавзеҳи вожаи ахлоқ мазмунан шабоҳат дорад.

Дар маҷмуъ, этика таълимот дар бораи ахлоқ мебошад. Аввалан, дар сатҳи илмҳои фалсафӣ пайдо гашта, то ба имрӯз чун фанни таълимии фалсафӣ вуҷуд дорад. Намояндаи барҷастаи этика файласуфи бузурги юнонӣ Суқрот (469 - 399 то мелод) эътироф шудааст. Дар таълимоти мутафаккирони дигар низ ахлоқ ва баррасии масъалаҳои ахлоқӣ аз мавзуҳои муҳим ба шумор рафтааст.

Аз ҷумла, дар таълифоти Афлотун (428 - 328 то мелод), Арасту (384 - 322 то мелод), Сенека (асри V то мелод –IV то мелод), Марк Аврелий (121-180), Августини Хушҳол (354-430), Б.Спиноза (1632-1677), И.Кант (1724 - 1804), А.Шопенгауэр (1788 - 1860), Ф.Нитсше (1844 - 1900), А.Шветсер (1875 - 1965) ва дигарон.

[1] Бердиев, Ш.П., Шомуродов, Б.Б. Ахлоқ. - Душанбе, 2016. – 216с. – С.4.

Ба масъалаҳои ахлоқ, инчунин донишмандон, мутафаккирони Шарқ мисли Зардушт, Монӣ, Маздак, Муҳаммад ал -Хоразмӣ (783 - 850), ал - Форобӣ (873 - 950), Ибни Сино (980 - 1037), Ибни Муқаффаъ, Мискавайҳ, ал-Киндӣ, Закариёи Розӣ, Абӯрайҳони Берунӣ, Носири Хусрав, Унсурмаолии Кайковус, Муҳаммад Ғаззолӣ, Аҳмади Дониш[1] ва дигарон рӯ овардаанд.

Дар таълимоти ин мутафаккирон этика ҳамчун шохаи илми амалӣ мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор гирифт, ки масоили меҳварии омӯзиши онро дарк ва шинохти мазмун ва моҳияти инсон, таъсири муҳити табиӣ ва иҷтимоӣ дар ташаккул ва таҳаввули инсон, поксозии бадан, нафс  аз амалҳои нораво ва зишт тавассути баёни дурусти андеша, гуфтори нек ва рафтори писандида, ҷудоинамоии сифатҳои ахлоқӣ ба ҳамида ва разила, муайян кардани меъёрҳо ва рукнҳои ахлоқи ҳамида ва разила, ҷойгоҳи ахлоқ дар низоми донишҳои илмӣ, дар асоси риоя доштани рукнҳои адолати иҷтимоӣ таъмин намудани баробарии иҷтимоӣ миёни қишрҳои гуногуни аҳолӣ ва ғайра дар бар гирифтанд.

Масалан, Абӯнасри Форобӣ дар рисолаи худ “Иҳсо-ул-улум” дар боби илми маданӣ аз анвоъи афъол ва рафтори иродӣ ва аз он малакот ва ахлоқ ва саҷоё ва одате, ки афъол ва рафтори иродӣ аз онҳо сарчашма мегиранд, баҳс мекунад ва аз ҳадафҳое, ки ин афъол ва рафтор барои расидан ба онҳо анҷом мешавад, ёд мекунад. Баён медорад, ки чӣ малакоте барои инсон шоиста аст ва аз чӣ роҳе метавон заминаи пазиро шудани ин малакотро дар инсон фароҳам кард, то ба гунаҳои шоиста дар вуҷуди ӯ бунён гиранд. Чӣ роҳеро бояд дунбол кард, то ин малакот дар вуҷуди одамӣ пойдор гардад. Низ аз натиҷаҳое, ки ин афъол ва рафтор барои эҷоди онҳо аз инсон сар мезанад, баҳс мекунад ва баён медорад, ки бархе аз ин натоиҷ саодати ҳақиқӣ аст ва бархеи дигар пиндоре ва занне, яъне чунон мепиндоранд, ки саодат аст ва дар воқеъ, чунин нест. Даст ёфтан ба саодати ҳақиқӣ дар зиндагии зудгузари ин

[1]Ҳамин асар… - С.5.

ҷаҳон ғайримумкин аст. Балки расидан ба чунин саодат танҳо дар зиндагии ҷовидонаи дигар сарой имконпазир аст.[1]

Аз нигоҳи Форобӣ саодат пиндоре иборат аст аз: сарват ва иззат ва хушгузарониҳо. Албатта, агар танҳо инҳоро ҳадафи зиндагии ин ҷаҳон бидонем, он гоҳ тафовути афъол ва сунанро мушаххас мекунад. Баён медорад, ки корҳое, ки ба василаи онҳо метавон ба саодати ҳақиқӣ расид, хайр ва некукорӣ ва фазилат аст ва сивои онҳо шурур ва зиштқорӣ ва нуқсонҳо аст. Роҳи эҷоди фазилат дар вуҷуди инсон он аст, ки афъол ва сунуни фозила пайваста дар шаҳрҳо ва миёни умматҳо роиҷ ва шоеъ бошад, ҳамагон муштаракан онҳоро ба кор банданд.

Мутафаккир имкони амалигардонии онҳоро ба василаи ҳукумате, ки дар партави он ин «афъол ва сунун, одат, малакаҳо ва ахлоқ» дар шаҳрҳо ва миёни мардум ривоҷ ёбад ва ин ҳукумат бояд дар алоқаманд кардани мардум ва ҳифзи ин малакаҳо кӯшо бошад, то аз миён наравад, зарур мешуморад ва қайд мекунад, ки пайдоиши чунин ҳукумат танҳо бо неруи хидмат ва фазилате имконпазир аст, ки мавриди қабули мардум воқеъ шавад, хӯи фармонбардориро дар дили онон пойдор созад. Ин хидмат иборат аст аз подшоҳӣ ва фармонравоӣ ё ҳар номи дигаре, ки мардум барояш интихоб мекунанд ва ҳосили ин хидматро сиёсат мегӯянд.

Хидмат намуданро бошад, файласуф ба ду навъ мушаххас менамояд:

1) ҳукумате, ки битавонад афъол, сунун ва малакаҳои иродавиро, ки дар партави онҳо метавон ба саодати ҳақиқӣ расид, дар мардум ҷойгузин кунад. Чунин ҳукуматро ҳукумат ё раёсати фозила гӯянд. Шаҳрҳо ва мардуме, ки тобеи чунин ҳукумате бошад, мадинаҳои фозила ва умматҳои фозила номида мешаванд;

2) ҳукумате аст, ки дар шаҳрҳо ва миёни мардум «афъол ва ахлоқе»-ро ривоҷ медиҳад, ки мояи саодати пиндорӣ аст, яъне дар ҳақиқат саодат нест. Номи ин навъ ҳукумат раёсати ҷоҳила ё ҳукумати ҷоҳилият аст. Ин гуна ҳукумат қисмҳои бисёр дорад. Бар ҳар як аз онҳо ба муносибати

[1] Абӯнасри Форобӣ. «Иҳсо-ул-улум». Пажӯҳиш, таҳияи матн, таълиқот ва тавзеҳоти Б.Ҷ. Самиев. - Душанбе, 2020. - 64с. - С.3-8.

ҳадаф ва мақсаде, ки дунбол мекунад, номи махсусе мениҳанд. Теъдоди онҳо ба андозаи ҳадафҳо ва ғаразҳое аст, ки ин гуна ҳукуматҳо дар ҷустуҷӯи онҳо ҳастанд. Пас, агар ҳукумате дар садади моландӯзӣ бошад, онро ҳукумати хабис (пастӣ) меноманд; агар ҳукумате дар талаби бузургӣ ва сарафрозӣ қадам бардорад, ҳукмати каромат (бузургманиш) номида мешавад ва агар сивои ин ду буда бошад, онро ба муносибати ҳадафе, ки дар пеш мегирад, номгузорӣ мекунанд.[1]

Дар идомаи андеша фикри худро чунин ҷамъбаст менамояд, ки идораи ҳукумати фозила дар сояи ду неру имконпазир аст: яке неруе, ки бар қонунҳои куллӣ устувор аст; дигаре неруе аст, ки бар асари тамрини зиёд дар корҳои кишвардорӣ аз ахлоқ ва рафтори мардуме, ки дар шаҳрҳои намуна зиндагӣ мекунанд, пайдо мешавад. Ин варзидагӣ танҳо аз роҳи таҷриба ва мушоҳидаи бисёр барои инсон эҷод мегардад. Дуруст бад-он гуна, ки дар тиб аз таҷриба ва мушоҳидаи бисёр истифода мешавад. Зеро табиб танҳо бо ду неру метавонад дармонкунандаи воқеӣ буда бошад: яке неруи огоҳии ӯст бар куллиёт ва қонунҳое, ки аз китобҳои пизишкӣ ба даст овардааст; дигаре неруе аст, ки бар асари кори зиёд дар аъмоли пизишкӣ ва дармони беморон барои ӯ эҷод мешавад. Чунки варзидагӣ дар ин ҳирфа аз роҳи таҷрибаи зиёд ва муоинаи баданҳои ашхос имконпазир аст. Инчунин, ба мадади ҳамин неру аст, ки табиб метавонад миқдори доруҳои лозимаро бишносад ва ба таносуби ҳар бадан, дар ҳар ҳолате ба дармон бипардозад.

Идораи ҳукумат низ чунин аст. Яъне, таҷриба ва варзидагии фармонраво сабаб мешавад, ки ҳудуди мушкилотро ташхис диҳад, то ба таносуби ҳар пешомад ва ҳар ҳолате ва дар ҳар ҳангоме бо ин неру ва ин таҷриба битавонад умури мардумро сомон бахшад. Фалсафаи маданӣ дар мавридҳое, ки баррасии афъол ва сунун, малакаҳои иродавӣ ва дигар мабоҳисе, ки ба он марбут аст, бипардозад, қонунҳои кулливро ба даст медиҳад ва роҳи андозагирии онҳоро бар ҳасби аҳвол ва авқоти

---

[1] Абӯнасри Форобӣ. «Иҳсо-ул-улум». Пажӯҳиш, таҳияи матн, таълиқот ва тавзеҳоти Б.Ҷ. Самиев… - С.6-9.

мухталиф ва ин ки чӣ гуна ва бо чӣ чиз бояд ин андозагирӣ сурат гирад, нишон медиҳад. Сипас, онҳоро андоза ногирифта боқӣ мегузорад, чӣ ин кор аъмоли махсус, неруи дигаре ғайр аз ин феъл аст, ки бояд ба он нисбат дода шавад. Бо ин ҳама аҳвол ва авориза, ки андозагирӣ ва тақдир бар ҳасби онҳо сурат мегирад, номаҳдуд аст ва расидан ба ҳамаи онҳо мумкин нест.

Дар маҷмуъ, ба андешаи Форобӣ мадинаи фозила ҳангоме пойдор мемонад ва тағйири моҳият намедиҳад, ки фармонравоёнаш дар тӯли замон бахусус, аз шароити воҳид пайравӣ кунанд. Ба тавре ки фармонравоии дуюмӣ, ки ҷонишини аввалӣ мешавад, бар он бошад, ки ҳофиз ва нигоҳбони ҳамон аҳвол ва шароите буда бошад, ки дар рӯзгори пешин аз ӯ мавсум будааст ва ин ки дар тартиб ва таволи онон набояд инқитоъ ва фосилае эҷод шавад. Нишон медиҳад, ки чӣ гуна бояд амал шавад, то дар тӯли фармонравоён инқитоъ ва фитрате пеш наояд.

Инчунин, Форобӣ андешаҳои худро ҷамъбаст намуда, иброз мекунад, ки касоне, ки ба оини ҷоҳилият фармонравоӣ мекунанд, ҳаргиз шоистагии подшоҳиро надоранд. Зеро онон дар ҳеҷ як аз аҳвол ва кирдор ва сиёсати худ ба фалсафаи назарӣ ё ба фалсафаи амалӣ ниёзе пайдо намекунанд. Балки ҳар як аз онон ба мадади неруи таҷрибае, ки бар асари гузашти замон ва варзидагӣ дар корҳои ҳукуматӣ бар эшон ҳосил шуда, хоҳад тавонист дар шаҳрҳо ва миёни мардум, ки зери фармони ӯ қарор доранд, ҳадафҳои худро амалӣ кунанд. Чунин фармонравоӣ ҳангоме ба хостаҳои худ мерасад, ки аз неруи қариҳаи зоти арзандае баҳравар буда бошад, яъне ба ташхиси он афъоле қодир бошад, ки дар сояи онҳо метавон ба ҳадафҳои мавриди назар, монанди лаззат ба шахсият ё ғайри он даст ёфт.

Форобӣ дар рисолаи дигари худ “Фусул ал-мунтазаъ”, ки муҳтавои онро қайдҳо дар баёни ахлоқ ташкил медиҳад фазилатро ба мисли Арасту ба амалӣ ва назарӣ тасниф мекунад. Ба ақидаи ӯ фазилатҳои қисмати ақлонии нафс ё худ ахлоқи амалиро вараъ, шуҷоат, саховат ва адолат дар бар гирифта,

фазилатҳои қисмати ақлонӣ ё худ ахлоқи назариро муҳокимаҳои зеҳнӣ, фаросат ва дарки овоз ташкил медиҳанд.

Масалан, бо таснифи файласуф "Фазилат ду намуд мешавад: ахлоқӣ ва зеҳнӣ. Фазилати зеҳнӣ фазилати ҳиссаи ақлии руҳ аст, амсоли хирад, ақл, идрок, ҳушмандӣ, зудфаҳмӣ. Фазилати ахлоқӣ бошад, фазилаи ҳиссаи талошкунандаи руҳ мебошад. Ба монандӣ эътидол, ҷасоратмандӣ, саховат, адолат".[1]

Агар ба таълимоти антропологии файласуфи дигари асримиёнагии тоҷик Абӯалӣ ибни Сино доир ба фаҳмиши мафҳуми ахлоқ таваҷҷуҳ диҳем аз як андешаи ӯ маълум метавон кард, ки "Нахустин сиёсате, ки сазовор аст инсон ба он оғоз кунад, ҳамоно сиёсати нафси худи ӯст. Яъне, аввал бояд дар ислоҳи нафси худ бикӯшад, тадбирашро дар он кору кӯшиш ба кор бурда, хештанро солеҳу неку бинамояд... агар, касе аз уҳдаи сиёсати некӯ ва ислоҳи нафси худ барояд, он гоҳ боке бар вай нест, ки ба болотар аз он иқдом карда, ба сиёсати билод бипардозад. Яъне, нафаре худро ислоҳ карда бошад, метавонад ба сиёсату тадбири умури мардум иштиғол варзад... Ва низ, бояд бидонад ҳар касе мехоҳад фосидеро ислоҳ кунад, бар ӯ лозим аст, ки он фосидро комилан ва ба таври истиқсо бишносад, то чизе бар вай пӯшида ва ниҳон намонад".[2]

Аз ин гуфта чунин хулоса метавон баровард, ки инсоне, ки нафсро тобеи ақл мекунад, камбудии худро фаҳмида аз паси ислоҳи он мешавад шахсест, ки моҳияти худро шинохта, худшинос гардида ва фазилатҳои писандидаро дар худ таҷассум доштааст.

Ҳамзамон, қудрати идора кардан, амр додан ба дигар ашхосро дорад. Қодир аст, ки амалҳои зишт ва норавои шахси бадахлоқро ошкоро гуфта, роҳҳои ислоҳ кардани онҳоро нишон диҳад.

Дар рисолаи "Андар ахлоқ" бошад, мутафаккир ду мавзуи асосӣ: фазилатҳою разилатҳо ва анвоъи онҳо ва ғояти ахлоқиро мавриди таҳлилу

---

[1] Аль-Фараби. Афоризмы государственного деятеля//Социально-этические трактаты. – Алма-Ата, 1973. – 436с. - С.179.
[2] Абӯалӣ ибни Сино. Тадбири манзил //Осор. Ҷ.4. – Душанбе, 2007. – С.24-25.

баррасӣ қарор медиҳад. Неруҳои шаҳвония, хашму ғазаб, хирад ё нотиқаро се неруи инсонӣ меҳисобад, ки бо ин васила фазилатҳою разилатҳоро медонаду мешиносад. Инчунин, се гурӯҳи фазилатҳоро бошад, ба разилатҳо муқобил мегузорад. Дар навбати худ фазилатҳои ҳар се неруро тавсиф карда, қайд мекунад, ки иффат, саховат ва қаноат ба неруи шаҳват, сабр, ҳалимӣ, карам, бахшандагӣ, олиҳимматӣ, сирнигоҳдорӣ ва ғайра ба қувваи хашму ғазаб ва ҳикмат, фаросат, садоқат, ҳаё, вафодорӣ, фурӯтанӣ, хушбаёнӣ, меҳрубонӣ ва ғайра ба қувваи хирад мансубият доранд.

Дар маҷмуъ, ба андешаи файласуф илми ахлоқ аст, ки пиндор, рафтор ва гуфтори инсонро омӯхта, ӯро барои шинохти моҳияти худ, иҷрои амалҳои солеҳ ҳидоят мекунад, то шахс дар тинати худ аз парвариши амалҳои норавою зишт канора гирад.

Ин гуна тамоилгирии андешаҳои ахлоқӣ дар таълимоти мутафаккирони тоҷику форс, аз ҷумла Насириддини Тусӣ, Ҷалолиддини Давонӣ, Қутбиддини Шерозӣ ва дигарон низ баръало мушоҳида мешавад. Аз ҷумла “Ахлоқи Носирӣ” аз зумраи асарҳои арзишманди Насириддини Тусӣ буда, дар боби ахлоқ, тадбири манзил ва сиёсати мудун бахшида шудааст.

Дар фаҳмиш ва шарҳи мафҳуми ахлоқ ӯ чунин назар дорад, ки “хайри мутлақ, яъне маънӣ аст, ки ҳамаи ашхос дар он иштирок доранд, он аст, ки ҳар ҳаракате аз ҷиҳати расидан ба мақсаде бувад ва ҳамчунин ҳар феъле аз ҷиҳати ҳусули ғаразе бошад ва дар ақл ҷоиз нест, ки касе ҳаракате ва саъйе бениҳоят мекунад на аз барои идроки матлубе... Ва воҷиб бувад маърифати он маънӣ то ҳама кас ҳиммат бар талаби он мақсур доранд ва аз ғалат эмин шаванд, чизе ки на хайр бувад, ба хайр нашумуранд”.[1]

Мутафаккир дар боби фазилатҳои инсон бошад, андешаҳои худро ҷамъбаст намуда, онҳоро ба чаҳор навъ тақсим мекунад: қуввати назарӣ, қуввати амалӣ, қуввати ғазабӣ ва қуввати шаҳвӣ. Файласуф қуввати назарӣ ҳикматро меномад. Қуввати амалӣ ба андешаи ӯ адолат аст. Қуввати ғазабӣ

[1] Насириддини Тусӣ. Ахлоқи Носирӣ. - Душанбе, 2014. - 403с. - С.66.

шуҷоатро ҳисобида, қуввати шаҳвиро иффат меномад. Мафҳумҳои ахлоқии садоқат, покӣ, тараҳҳум, саховат, адл ва ғайра ба андешаи мутафаккир ифодакунандаи сифатҳои ҳамидаи инсон мебошанд.

Инчунин, файласуф барои инсонҳо ҷиҳати ислоҳ ва рафъи амалҳои нораво сифатҳои ҳамида, амалҳои номатлубро муқобил мегузорад. Ба монандӣ: хирадмандӣ – аблаҳӣ, шуҷоатмандӣ – тарсӯӣ, саховатмандӣ – хасисӣ, адолат – беадолатӣ, некӣ – зиштӣ, ростӣ – дурӯғ ва ғайра.

Дар марҳилаҳои минбаъдаи рушди донишҳои фалсафӣ маорифпарвари тоҷик Аҳмади Дониш низ дар баробари дигар мутафаккирони пешгузаштаи худ ба масъалаи фаҳмиши мафҳуми ахлоқ, ки ҳаёти амалии инсонро пурра таҷассум медорад, мароқи хосса зоҳир карда, ба саволи "Одамӣ барои чӣ махлуқ шуда ва баъд аз он ки мавҷуд шуд, хайри вай дар чист ва чӣ ихтиёр кунад?"- андешаҳои ҷолиб баён медорад.

Хусусан, мекӯшад, то мавқеи табиӣ ва ҷамъиятии ҳар як фардро муайян карда, ҳисси худшиносию эҳтиром ба гузаштагонро бедор намояд ва дараҷаву мартаба, қадру манзалати одамиро баланд бардорад. Таъкидҳои ӯ дар мавриди он ки ҳар як шахсро барои ҳифзи табиату бардавомии башарият масъул донистаанд, зодаи одам ба корбурди маърифату дастурамалии ақлу заковат бахту саодати инсонӣ офарида, баҳри аз таҳқиру нокомиҳо раҳонидани ҳамдигар дастубадаст бошанд..."[1] ҳеҷ гоҳ арзиши худро аз даст намедиҳанд.

Маорифпарвар оид ба зуҳуроти хулқу хӯй ва феълу атвори инсонӣ андеша ронда, онро ҷузъи ҷудоинопазири "нуру зулмат"мешуморад ва муътақид бар он мешавад, ки "инсони комил" зоҳиркунандаи ҳақиқати "нуру зулмат" аст. Ба мисли: "Пас, лозим омад вуҷуди шахсе, ки мураккаб бувад аз нуру зулмат. Ва он шахс инсони комил аст, ки зоҳиркунандаи ҳақоиқи нуру зулмат аст".[2]

---

[1] Девонакулов А. Аҳмади Дониш мураббии инсон/Наводир-ул-вақоеъ, китоби 2. – Душанбе: «Дониш», 1989. – 344с. – С.3-4.
[2] Аҳмади Дониш. Наводир-ул-вақоеъ. Китоби 2. – Душанбе: «Дониш», 1989. – 344с. – С.111.

Ҳамзамон, маорифпарвар ҳамчун мураббӣ дар мавриди шинохти инсон ва ҷойгоҳи инсон дар олам ибрози назар карда, менависад, ки "Ашрафи махлуқот одамӣ аст ва дигарон дар ҳақиқат барои ӯянд ва аз ҷиҳати ӯ ва ба сабаби ӯ. Ва ӯ махдуми оламиён асту дигарон ходими ӯ".[1] Ашрафи махлуқот ва "махдуми оламиён" номидани инсон он маъноро дорад, ки ӯ ҳамеша дар омӯзиш, ҷустуҷӯ ва такмили дониш буда, ба он қаноат намекунад ва боз мекӯшад, ки пешрафт намояд. Баръакс, агар инсон ба маърифати андӯхта, таҷрибаи пайдокарда қаноат карда, аз паси такмил ва муваффақ шудан ба комёбии наве нагардад, онгоҳ нопухтаву норасида мемонад: "Ноқис аз қаноат ба саҳл дар нуқсон бимонад ва комил чун ба саҳл сар фурӯ наовард, ба камол расид".[2]

Аз ин андешаҳо бармеояд, ки Аҳмади Дониш ба мисли Афлотун, ки дар нигоштаи худ "инсон, фазилатро на ба роҳи тарбия ва на ба он мақсад, ки фозил будан хуб аст, ба даст меорад, балки барои он фозил мешавад, ки аз ибтидо дар ниҳоди ҳар як фарди алоҳида мафҳумҳои фазилат, адолат садоқат ва амсоли он вуҷуд дорад"[3] - фитрӣ будани ахлоқро пурра ҷонибдорӣ мекунад, напазируфта, онро тағйирпазир мешуморад. Баръакс, чун Форобӣ, ки гуфта буд: "фазилатҳои ахлоқӣ зотӣ ва ҷавҳарӣ набуда, иктисобӣ ҳастанд"[4], яъне, онҳо дар раванди фаъолияти инсонӣ ба даст оварда мешаванд, ё худ Абӯалӣ ибни Сино, ки ироа дошта буд: "Чизи ҷавҳарӣ дар донистани ин масъала ин аст, ки инсон аз азал дорои қувваест, ки тавассути он феълу инфиъолоти зеборо ба вуҷуд меорад. Ва худи он қувва кирдорҳои нописанду ношоямро низ амалӣ мекунад. Ҳама ахлоқи писандида ва носазо аз рафтору кирдорҳо падид омада, иктисобианд ва инсон метавонад, дар ҳоле, ки хулқи муайян надошта бошад, онро дар нафси хеш ҳосил намояд. Ва ҳар гоҳ иттифоқ афтад, ки нафсаш дорои хулқи муайян гардид, раво бошад, ки бо воситаи иродааш аз он хулқ ба хулқи дигаре, ки зидди ин хулқ аст рӯ

[1] Ҳамин асар…- С.114.
[2] Аҳмади Дониш. Наводир-ул-вақоеъ. Китоби 2. – С.134.
[3] Платон. Сочинение. В 3-х томах. – М.: Мысль, 1973. Т3 (1).-С.22-23.
[4] Аль Фараби. Социально-этические трактаты. – Алма-Ата: Наука, 1973. – С.121.

оварад”[1] имконниятҳои фикрию ҷисмонии инсон хеле васеъ ва пуриқтидор нишон дода мешаванд. Ба ин васила инсон қодир аст, ки тавассути ақлу заковат ва дониши худ корҳои сангину мушкилро иҷро намояд, масъалаҳои муҳимро ҳаллу фасл кунад. Яъне, “агар ба виҷдони худ мулоҳиза фармоӣ, донӣ, ки чӣ миқдор ҳикмату маслиҳат дар буняи қолаби ту рехтаанд ва ҳазор талотуми баҳру тӯфон аз вуҷуди ту ангехта”.[2]

Умуман, “Ахлоқ камолоти маънавии инсонро таъмин намуда, ӯро ба созандагӣ, дар шакли иҷтимоишавӣ, муносибати солим, шинохт ва арҷгузорӣ ба арзишҳои фарҳангӣ сафарбар менамояд. Ҳамин аст, ки падидаи мазкур таваҷҷуҳи аҳли фазлро аз рӯзгори пешин ҷалб намудаву дар ҳама марҳилаҳои рушди ҷомеа аз муҳимтарин масоили таҳқиқ ба ҳисоб рафта, то кунун идома дорад.

Консепсияи ахлоқии тамаддуни ориёӣ ба тариқи системавӣ муайян гардида, дар шакли“рафтори нек”, “гуфтори нек” ва “пиндори нек” то ҳанӯз дорои арзиши баланди илмӣ мебошад. Тибқи ин консепсия, камолоти маънавии инсон ва некии ӯ, маҳз замоне ба вуҷуд меояд, ки андеша (маниш) - и инсон поку беолоиш гардад. Яъне, нахуст андеша (пиндор) мукаммал гардида, хусусияти некӣ пайдо мекунад ва пасон тариқи гуфтор ва рафтор амалӣ мешавад”.[3]

Ё ба маънои дигар, дар таълимоти зардуштия инсон нисбат ба дигар мавҷудоти зинда волотару гиромитар аст, зеро ӯ бо неруи ақлу хирад раванди ҳаётгузарониро барои худ муназзам мегардонад, фаъолияти хешро ҷиҳати ҳалли масъалаҳо ақлонӣ ба роҳ мемонад.

Ин андеша аз он далолат мекунад, ки “нуктаи асосии таълимоти зардуштия ахлоқ аст ва тамоми афкори ахлоқии адёни қаблии ориёиро дар

---

[1] Абӯалӣ ибни Сино. Рисола дар ахлоқ //Осор. Ҷ.2. – Душанбе, 2005. – С.651.
[2] Аҳмади Дониш. Наводир-ул-вақоеъ, китоби 2. – С.114.
[3] Амирхон, Ш.Т. Фалсафаи амалии Қутбиддин Шерозӣ... - С.107.

худ таҷассум намудааст, дар он ба маърифати офаридгор камтар ва таваҷҷуҳ ба масоили мақулаҳои ахлоқӣ бештар зоҳир шудааст”.[1]

Аз ҷанбаи дигар, ориёиҳо, бавижа зардуштия инсонро бартару боэътибортар назар ба дигар мавҷудот, роҳбару парваришгари онҳо ҳисобида, пайваста бо амалҳои бадиву зиштӣ набард мебарад, саросари олами мавҷудро бо нуруи аҳуроӣ ороста медорад, дурӯғро сифати ношоистаи инсон ва ростиро сармашқи расидан ба бурдбориҳо меҳисобад. Барои нишон додани зинаҳои камолоти инсон намояндагони таълимоти мазур “доираеро тасаввур кардаанд, ки нисфи (се зинаи) охири онро “қавси нузул” ва се зинаи дигарро “қавси сууд” меноманд. Инсон бояд барои пешрафти маънавӣ бикӯшад ва барои ба дараҷаи камолот расидан зинаҳои қавси нузул ва қавси суудро тай намояд... Рукнҳои асосии доираи комили таълимоти зардуштияро се асли асосӣ – гуфтори нек, кирдори нек ва пиндори нек ташкил медиҳад”.[2]

Дар маҷмуъ, ориёиҳо камолоти маънавӣ ва ахлоқиро тарғиб намуда, покию порсоӣ ва андешаи некро маншаи саодатмандию хушбахтӣ мешуморанд, ки бешакк ифодакунандаи сифатҳои ҳамидаи инсони комил мебошанд, ки минбаъд таъсири худро дар таълимоти намояндагони мактабҳои гуногуни фалсафӣ, аз ҷумла калом, тасаввуф, машшоияи шарқӣ, исмоилия, маорифпарварӣ ва ғайра гузоштанд.

Файласуфи тоҷик М.Музаффарӣ ақидаро дар мавриди фаҳмиши инсон дар ҷаҳоншиносии ориёӣ ҳамчун мавҷуди олии табиӣ ва ҷузъи муҳимме аз кайҳони моддӣ ҷонибдорӣ менамояд. Ба ақидаи донишманд, маҳз дар симои инсон ҳамаи масоил, аз ҷумла масъалаҳои ахлоқӣ баррасӣ ва ҳал мегардиданд. Бинобар ин, ӯ инсонро роҳнамо ва роҳбари абадият, маҳсули он чизе меҳисобад, ки ба воситаи ҳастии моддӣ ташаккул меёбад.[3]

---

[1] Асрорӣ, М. Масъалаи фазилати инсон дар осори мутафаккирони тоҷик. – Душанбе, 2022. – 176с. – С. 40.
[2] Ҳазратқулов, М. Эътиқоду анъанаҳои бостонии Аҷам. - Душанбе, 1986. - 125с. - С.74.
[3] Музаффарӣ, М. Антропология. - Душанбе, 2009. - С. 23.

Ин андешаҳо далолат аз он мекунад, ки ин хати сурх ва пайвандгари амалҳои инсонӣ маншаъи худро аз қадим, аз ҳикмати ориёӣ гирифта, баъдан сарчашмаи муҳимми шарҳу тавзеҳи мафҳуми ахлоқ ва баррасии масоили ахлоқӣ дар таълимоти мутафаккирони марҳилаҳои баъдинаи таърихӣ гардидааст.

Ҳамин тавр, дар ҷамъбасти зербоби мазкур ба чунин хулоса метавон омад, ки дар тамоми низоми донишҳои фалсафӣ ва консепсияҳои илмии мавҷуда, ақлоқ дар баробари тадбири манзил ва сиёсати мудун аз зумраи шохаҳои илми амалӣ буда, муайянкунандаи рафтор, кирдор, хулқу хӯй, муносибатҳо ва робитаҳои тарфайни инсонҳо, унсурҳо ва таркибҳои ҷомеа, инъикоскунандаи расму оин, ҷашну маросим ва тартиби баргузории онҳо шарҳу тавзеҳ дода шудааст.

Хусусан, то пайдоиши синфҳо ва рушди мубориза̣ҳои синфӣ, тақсими аҳолии ҷомеа ба қишрҳои гуногун вобаста ба ҳиссаи даст доштан ба молу сарват, меъёр ва қоидаҳои он аз зумраи принсипҳои муҳимми низоми давлатдорӣ ба ҳисоб мерафтанд. Баъдан, вобаста ба ивазшавии сохтор, низоми давлатдорӣ ва тағйирёбии муносибатҳои ҷамъиятӣ онҳо ба сифати сарчашмаи муътамад ҷиҳати таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки дар ҷомеа ҷойи меъёрҳои ахлоқиро гирифтанд, нақши асосӣ бозиданд.

## 1.2. Зардуштия - сарчашмаи асосии таъмини адолат ва идеяи баробарии иҷтимоӣ дар низоми давлатдории аҳди Сосониён

Таърихан, мафҳуми адолат ва ғояи баробарии иҷтимоӣ ҳамчун категорияҳои ахлоқӣ дар тамоми марҳилаҳои рушди донишҳои фалсафӣ аз масъалаҳои асосии пажӯҳиш ба ҳисоб мерафтанд. Нисбати фаҳмиш ва шарҳи мазмун ва моҳияти ин падидаҳо аз ҷониби файласуфон, ҷомеашиносон, намояндагони гуногуни мактабҳои фалсафӣ андешаҳои арзишманд баён шуда, ҷанбаҳои гуногуни мавзуъ аз ҷониби муҳаққиқон таҳлилу муқоиса гардида, дар шакли рисолаву китоб ва таҳқиқоти алоҳидаи илмӣ ба нашр расидааст, ки зарурати аз нав коркард ва баррасӣ кардани масъаларо пеш намеорад.

Бо вуҷуди ин, ба таври мушаххас ба як нукта мехоҳем таваҷҷуҳ дод, ки дар марҳилаҳои аввалини ташаккули тафаккури фалсафӣ мутафаккирон адолатро ҳамчун тартиби зарурии чизҳо, амалҳои накӯ, ки ифодакунандаи мафҳумҳои "некию хубӣ" ба ҳисоб мерафтанд ва таъминунандаи идеяи баробарии иҷтимоӣ буданд, мефаҳмиданд. Хусусан, Гераклит муътақид буд, ки "Хирадмандӣ ҳамон аст, ки ҳақиқатро гуфта, мувофиқ ба табиат амал мекунад".[1]

Аз ин андеша бармеояд, ки ӯ адолатро дар ҷорӣ будани қонунҳои табиат мебинад ва қайд мекунад, ки адолат ва баробарӣ аз сарнавишти инсон ҷудоинопазир мебошанд. Гуногунандешӣ, завқу ҳуш, манфиату талабот, арзёбиҳо ва ғайра дар миёни одамон ақидаҳои мухталифро оид ба фаҳмиши адолат ва баробарии иҷтимоӣ ба вуҷуд меоварад.

Суқрот аз зумраи файласуфони Юнони Қадим буд, ки мафҳуми адолатро бо амали хушахлоқӣ ва дониш пайваст намуда, маншаи асосии баробарии иҷтимоӣ мешуморид. Беадолатиро маҳсули гумроҳӣ ва нодонӣ пиндошта, фазилатҳои асосии ахлоқиро адлгустарӣ, хирадмандӣ, дурандешӣ, парҳезкорӣ ва ғайра медонад. Чӣ тавре файласуфи тоҷик Н.Муъмин қайд мекунад "Тибқи ақидаи Суқрот, адолат некӯбахшӣ ба дигарон аст, аммо беадолатӣ табиӣ набуда, балки маҳсули нодонию гумроҳӣ мебошад. Инсони некӯкору фазилатманд, ки руҳияи хайрандешӣ дорад, бо роҳи беадолатӣ намеравад. Беадолатӣ ба нафари ҷабр содиркарда зарари бештар меорад, нисбат ба он касе, ки ҷабр дидааст. Хиёнат ба масъулияту уҳдадорӣ ва идеалҳои худ, аз ҷумла ба тасаввуроти хеш дар бораи адолатро, ки пеши роҳи ҳар гуна беадолатиро мегирад, Суқрот аз марг бадтар меҳисобад".[2]

Афлотун асари худ "Давлат"-ро маҳз барои шарҳу тавзеҳ додани мафҳуми адолат ва мушаххас кардани тартибҳои риоя доштани меъёрҳои адолати иҷтимоӣ таълиф намудааст. Ба ақидаи файласуф "адолат хайри

[1] Новая философская энциклопедия. В 4-х т. Т.3. – М.: "Мысль", 2010. – С. 348.
[2] Назар, М.А. Адолати иҷтимоӣ дар назария ва амалишавии он дар ҳаёти ҷамъиятӣ. – Душанбе: "Илм", 2022. - 320с. – С.40-41.

бузург аст, беадолатӣ шарри азим аст, то ҳамон андоза, ки руҳ дар худ фаро гирифта метавонад”.[1]

Аз ин ақида маълум мешавад, ки адолат ин иҷрои амалҳои нек, ки подошаш барои инсонҳо дастёбӣ ба саодат, хушбахтӣ, баробарӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, дасти мадад расонидан ба якдигар ва ғайра мебошад. Беадолатӣ афъоли бад аст, ки танҳо барои инсонҳо бадбахтӣ, ноумедӣ ва нохушнудӣ эҷод мекунад.

Умуман, адолат ба андешаи Афлотун ин шаъну эътибори умумӣ, сиёсӣ буда, барои манфиати давлат бо воситаи тарбия ташаккул дода мешавад. Адолат – хайру накӯиҳо буда, ба хотири таъмини баробарии иҷтимоӣ ва таъсиси давлати идеалӣ ба сифати принсипи идоракунӣ эътироф пайдо мекунад. Ё худ “адолат ин “қобилияти тақсимкунӣ аст, ки ба ҳар нафар подоши лоиқашро медиҳад”, “баробарӣ дар ҳамзистӣ”, инчунин “қобилияти тобеъ шудан ба қонун дар зиндагонӣ”, “қобилияти итоат кардан ба қонунҳои одилона” мебошад”.[2]

Ба андешаи Арасту[3] адолат падидае мебошад, ки дар рафтору кирдори инсонҳо падидор мегардад ва рукни муҳимми ахлоқии он фазилат инсонро ба адолатхоҳӣ ва адолатпешагӣ ҳидоят менамояд. Ё худ адолат ягона фазилат аст, ки тобеи қоидаҳои ҷиддӣ мебошад. Он дар муносибат нисбати дигарон ифода меёбад. Аз ин рӯ, принсипи муҳимми онро баробарӣ ташкил медиҳад.

Ситсерон[4] дар пайравӣ аз Арасту адолатро ба қадркунию подошдиҳии муносиб айниятдор меҳисобад. Аммо ӯ ақидаи Эпикурро, дар мавриди он ки бидуни зиндагии оқилона, одилона ва хушахлоқона инсон ҳаёти гуворо дошта наметавонад ва баръакс, бе ҳаёти гуворо инсон наметавонад оқилона, одилона ва хушахлоқона зиндагӣ кунад, ҷонибдорӣ карда, қойил мешавад, ки талаботи якуми адолат - ин ба ягон нафар зиён наовардан, касеро наранҷонидан аст.

[1] Бородай, Т.Ю. Платон//Античная философия: Энциклопед. Словарь. – М.: Прогресс-Традиция, 2008. – С. 565-574.
[2] Платон. Диалоги. – М.: Мысль, 1986. – С.431.
[3] Аристотель. Политика. Сочинения: В 4-х т. – М.: Мысль, 1983. – Т.4. – С. 128.
[4] Цицерон, М.Т. Диалоги: о государстве; о законах. – М.: Наука, 1966. – С.121.

Идеяи баробарии иҷтимоӣ дар таълимоти динӣ, ахлоқӣ-фалсафии бостонии тоҷик зери мафҳумҳои некӣ, фазилат, поквиҷдонӣ, парҳезкорӣ, инсонгароӣ, тавсифи шоҳи одил ва ғайра фаҳмида мешавад. Ё худ категорияҳои озодӣ, адолат, баробарӣ, некӣ, фазилат ва ғайра дар шакли тафаккури ахлоқӣ-иҷтимоӣ ҳаллу баррасӣ ёфтаанд.

Хусусан, тамоюлоти ахлоқию иҷтимоии таълимоти монавия ва маздакия аксар мавврид доир ба дарки мафҳуми адолат ва идеяи баробарии иҷтимоӣ аз андешаҳои ахлоқии зардуштия сарчашма гирифтаанд. Дар таълимоти зардуштия мафҳуми "адолат" бо мафҳуми "дод", ки маънои ростӣ, ҳақиқатро ифода менамояд, муродиф меояд ва ҳамчун ҷузъи муҳимми қонунҳои ҳатмии ахлоқӣ эътироф карда мешавад. Зардуштия сарчашмаи адолат Аҳурамаздоро ҳисобида, ӯро таъминкунандаи ҳақиқат, некӯкорӣ, адл ва нур, баробарӣ ва ғайра мешуморад.

Бо таъкиди дигар, "Дар "Авесто" таълимот дар бораи мухолифати некӣ ва бадӣ (адолат ва бедодӣ) ҳамчун идеяи муҳимми созанда эътироф карда мешавад ва аҳамияти бештари амалӣ пайдо мекунад... адолат ҳамчун хосияти аслии Аҳурамаздо бо иродаи ӯ алоқаманд буда, шоҳи одил кафили риояшавии адолат дар ҷомеа мебошад. Хушахлоқии инсонҳо пояи таҳкиму нумуъи адолат, неруи татбиқгардонии он дониста шудааст".[1]

Масъалаи адолат дар таълимоти монавия дар робита бо рафъи ҳама гуна беадолатиҳо дар мисоли муборизаи нуру зулмот мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Андешаи муҳаққиқи тоҷик М.Назар[2] дар мавриди он, ки дар таълимоти ахлоқии монавия консепсияи адолат мутлақ гардонида шуда, расидан ба адолат "дар охиру анҷоми дунё" имконпазир мешавад, асоси илмӣ дорад. Зеро Монӣ роҳи расидан ба саодат ва таъмин намудани адолатро барои инсонҳо аз даст кашидан аз молу сарвати дунё, парҳез аз роҳатҳои зиндагӣ ҷӯё мешавад, ки ин хилофи идеяи баробарии иҷтимоӣ, шиддат гирифтани нобаробариҳои иҷтимоӣ буда, аз тамоили ғайрифаъол доштани

[1] Назар, М.А. Адолати иҷтимоӣ дар назария ва амалишавии он дар ҳаёти ҷамъиятӣ. – С.35-36.
[2] Ҳамин асар... - С.36.

ақидаҳои ӯ шаҳодат медиҳанд. Аз ин рӯ, таълимоти Монӣ ҷонибдорони худро аз ҷониби қишрҳои болоии ҷомеа наёфта, пайравони ақидаҳои ӯ аҳли табақаҳои поёнӣ буданд. Бинобар ин, таълимоти Монӣ дар муҳити иҷтимоӣ-сиёсии давлати Сосониён дастгирии васеъ пайдо накарда, идеяҳояш дар низоми ҷомеадорӣ пазируфта нашуданд, вале барои пайдошавии таълимоти маздакия ба сифати сарчашмаи ғоявӣ нақши хосса бозиданд.

Мувофиқи таълимоти маздакия идеяи баробарии иҷтимоӣ ифодакунандаи он аст, ки ҳамаи сарватҳои табиат барои одамон баробар ато шудаанд ва миёни онҳо бояд баробар тақсим карда шаванд. Яъне инсонҳо ҳуқуқи баробари истифода аз ин сарвату боигариҳоро доранд. Маздак муътамид аст, ки дар натиҷаи зуҳур кардани зуроварӣ ва беадолатӣ дар байни инсонҳо нобаробарӣ миёни қишрҳои гуногуни аҳолӣ ривоҷ гирифта, боиси тақсими ноодилонаи боигариҳо дар низоми ҷомеадорӣ гардид. Тавоно заифро мағлуб карда, молу сарваташро соҳибӣ кард.

Аз ин рӯ, ба хотири таъмини баробарӣ ва риояи адолати иҷтимоӣ маздакиён талаб мекарданд, ки "барои он ки ҳама одамон ҳиссаи баробари неъматҳо дошта бошанд, бояд тамоми молу мулки сарватмандонро мусодира карда, ба камбағалон додан лозим аст. Нафрат, зиддиятҳо, мубориза, асосан аз сабаби тақсимоти ноодилонаи сарватҳои моддӣ ба вуҷуд меоянд, бинобар онҳоро бояд умумӣ кард ва ба ҳама имконият дод, ки онҳоро мисли об, оташ, чарогоҳ истифода баранд".[1]

Ҳамин тавр, падидаи адолат дар таълимоти маздакия аз ҷанбаи иҷтимоӣ таҳлилу баррасӣ карда шуда, ба принсипи идеяи баробарӣ ва моликият робитаи бевосита дорад. Чунки дар фарқият аз таълимотҳои дигари фалсафӣ баробарӣ дар маздакия на танҳо дар сиёсат, дин, ахлоқ, ҳуқуқ ифода меёбад, инчунин дар муносибатҳои иқтисодӣ низ аз меъёрҳои муайянкунада мебошад.

---

[1] Пигулевская, Н.В. Идея равенства в учении маздакитов//Из истории социально-политических идей. – М.: Изд-во АН СССР, 1995. – С.98.

Ҳамин тавр, аз таҳлилу муқоисаи андешаҳо бояд хулоса баровард, ки дар фаҳмиши мутафаккирони аҳди қадим адолат муайянкунандаи андозаи баробарӣ ва нобаробарӣ дар низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ аст. Баробарӣ бошад, дар низоми ҷомеадорӣ ба даст овардани як навъ мусовишавӣ ва якрангиро дар миёни кулли аъзои ҷомеа дар назар дорад. Дар таълимоти андешамандони ин даврон баробарӣ ҳамчун категорияи ахлоқӣ инъикоскунандаи эҳсосот, тасаввурот, ормонҳо, идеалҳои инсонҳо дар бораи сиёсат, ҳуқуқ, иқтисод, фарҳанг ва ғайра маҳсуб мешавад.

Ё худ чӣ тавре муҳаққиқи тоҷик А.И.Салимов қайд мекунад "Мафҳумҳои "баробарии иҷтимоӣ" ва "адолати иҷтимоӣ" характери сиёсӣ, иқтисодӣ, фалсафӣ, ахлоқӣ, динӣ дошта, ҳамзамон дар кадом сатҳ қарор доштани мазмун ва моҳияти ҳаёти амалиро ифода мекунанд... Мафҳуми "баробарии иҷтимоӣ" кӯшиши инсонҳоро дар бораи тағйири муҳити иҷтимоияшон дар бар мегирад. Инсонҳо ба мафҳуми "баробарии иҷтимоӣ", "адолати иҷтимоӣ" ва идеяи "озодӣ" аз он сабаб рӯ овардаанд, ки дар раванди ҳаёти амалӣ "нобаробарӣ", "беадолатӣ", "ноозодӣ" ва истисмори инсон аз тарафи инсонро мушоҳида карданд. Дар заминаи чунин беҳуқуқиҳо, зиддиятҳо ва рақобатҳои носолим ғояи "баробарии иҷтимоӣ" ҳамчун ифодакунандаи "баробарҳуқуқӣ" баромад мекунад".[1]

Густариш ва иқтидори бузурги ҷаҳонӣ пайдо кардани давлати Сосониён маҳз аз истифода ва татбиқи андешаҳои ахлоқӣ, арзишҳои фарҳангӣ-фалсафӣ ва сиёсии давлатҳои пешинаи мардумони тоҷику форс, аз ҷумла Ҳахоманишиниёну Ашкониён вобастагӣ дорад. Зеро ин давлатҳои пешин низоми ҷомеадориро дар доираи принсипҳои ахлоқӣ ва риояи баробарии иҷтимоӣ, хусусан таълимоти динӣ, ахлоқӣ ва фалсафии зардуштия, ки маншаъ аз оини маздопарстӣ гирифтааст, ба роҳ монда, нуфузи ҷаҳонӣ касб карданд.

Мувофиқи китоби ҳафтуми "Динкард" (боби 4, банди аввал) Зардушт нахустин инсон буд, ки ба воситаи ваҳйи илоҳӣ ба мартабаи паёмбарӣ

[1] Салимов, А.И. Идеяи баробарии иҷтимоӣ дар фалсафаи бостонӣ ва асримиёнагии тоҷик... – С.14.

расидааст. Андешаҳои динӣ, ахлоқӣ ва фалсафии ӯ дар боби риояи адолат ва таъмини ғояи баробарии иҷтимоӣ дар китоби муқаддаси “Авесто”, ки аз панҷ қисмат иборат мебошад инъикос ёфтаанд.

Қисми аввали китоби мазкур “Ясно” ном дошта, маънои ситоиш, парастиш, ниёиш, саҷда, намозро дорад. Ин қисмат аз 72 боб иборат мебошад. Ҷанбаи гносеологӣ, ё худ мавзуи фалсафаи ахлоқии ин қисмат дар он мазмун ифода меёбад, ки ҳар чизи неку судманд, ки дар зиндагии моддию маънавии инсонҳо бахрарасон ва манфиатбахшу фазоянда бошад ва баробарии онҳоро таъмин гардонад, сазовори ситоиш аст. Хусусан, андешаи нек, гуфтори нек ва кирдори нек инсонҳоро ба сарзамини саодат ворид карда, андешаи бад, гуфтори бад ва кирдори бад одамонро ба сарзамини муқобили он, яъне бадбахтӣ, сияҳрӯзӣ раҳнамоӣ мекунад.

Муҳимтарин ҷанбаи таълимоти ахлоқии зардуштия, ки сарманшаи имону виҷдони пок аст мазаммат ва манъи даруғгӯӣ мебошад. Аз ин ҷост, ки душмани аз ҳама хатарноки инсон амали носазойи дурӯғ ва дуруғгӯӣ шуморида мешавад. Умуман, таҳлили матни ин қисмат гувоҳӣ аз он медиҳад, ки мазмунан дар пояи тавсифи категория ва меъёрҳои ахлоқӣ эҷод карда шудааст.

Қисми дуюми китоб “Яштҳо” ном дошта, маънои маросими ситоишу парастишро дорад. Ин қисмат аз 21 наск ё китоб иборат буда, дар тафриқа аз қисми аввал маҷмуаи матнҳоеро дар бар мегирад, ки дар онҳо тараннуму бузургдошти эзидон ва фариштагон, тасвирҳои зебои табиат, паҳлавонию диловариҳои ҷанговарон дар набардҳо, сурат гирифтааст.

Қисми сеюми китоб «Вандидод» унвон дошта, фарогири маҷмуи қонунҳо бар зидди девҳо мебошад. Ин қисмат аз 22 фасл иборат мебошад, ки онҳоро дар «Авесто» фаргард мегӯянд. Мавзуҳои марбут ба қонуну дастурҳои мазҳабӣ, муносибатҳои ҳуқуқии одамон дар мавриди доду ситад, оила ва ғайра масъалаҳои баҳси ин қисмат маҳсуб меёбанд. Ба маълумоти

А.Кристенсен «Вандидод» ягона наски комилест, ки аз «Авесто»-и даврони сосонӣ то замони мо расидааст.[1]

Қисми чаҳоруми китоб «Виспарад» ном дошта, маънои ҳамаи сарварон, ҳамаи нигоҳбонон ё худ ҳамаи муҳофизони маънавиро дорад. Бобҳои ин китоб «карда» унвон гирифта мешаванд, аз 22 то 27 теъдод иборат мебошанд. «Виспарад» китоби мустақил набуда, маҷмуаҳое аз бахшҳои «Ясно» мебошад.

Қисми панҷум «Хурдаавесто» («Авестой хурд») ном дошта, бо забони паҳлавӣ «Хуртак Авесто» мегӯянд. Ин қисмат аз бахшҳои «Ясно», «Виспарад» ва «Вандидод» тартиб ёфтааст. Он маҷмуи намоз, дуруд, дуо ва ниёишҳое мебошад, ки аз ҷониби мубадон дар маросимҳои гуногуни динӣ мавриди истифода қарор мегирифтанд.

Баъди сӯзонидани ин китоби арзишманди ахлоқӣ ва фалсафӣ аз ҷониби Искандари Мақдунӣ, ба назари авестошиносони зиёд матнҳои Авесто дар забону ҳофизаи рӯҳониён ва мардум ҳифз гардида, танҳо ба подшоҳони сосонӣ муяссар гаштааст, ки онҳоро дар шакли як китоби комил мураттаб намоянд. Бинобар ин, он матни хаттии Авесто, ки то ба имрӯз дастраси мардуми тоҷик, муаррихону муҳаққиқон гаштааст бо ибтикори подшоҳони сосонӣ анҷом пазируфтааст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон зимни таҳқиқи осори арзишманди ахлоқӣ ва фалсафии гузаштагони худ, аз ҷумла Зардуштро аз чеҳраҳои мондагори таърих мешуморад ва дар мавриди таълимоти зардуштия андешаҳои илмии худро ҷамъбаст намуда, қайд мекунад, ки “Зардуштия нахустин дини яктопарастӣ, дар ҷаҳон буда, дорои сохтори мушаххас ва аҳкоми динӣ бар пояи ахлоқ мебошад. Ин сохтору низом чандон неруманду тавоно поягузорӣ шудааст, ки рукнҳои умда ва асосии онро тақрибан тамоми динҳои ҷаҳонии имрӯз ба орият гирифтаанд”[2].

---

[1] Кристенсен, А. Мулоҳизот дар бораи қадимтарин худои ойини зардуштӣ. -Теҳрон, 1336. - С.74.
[2] Раҳмон, Э.. Чеҳраҳои мондагор... – С.59.

Ё худ “Дини зардуштӣ нахустин динест, ки таҳкурсии мустаҳками ахлоқии динҳои муосири ҷаҳонро гузошта, дорои тамоми рукнҳо, сохтор, аҳком ва назму тартиби мушаххаси ормонӣ мебошад. Чун ин дин дар даврони туфулияти башар по ба арсаи вуҷуд гузошта, аз саргаҳи ирфони инсонӣ баҳраманд гардидааст, бунҳои он низ мусаффою нуронӣ буда, тамоми пайкараш бо торҳои дурахшони зиндагӣ ва зарраҳои асилу равшани офариниш танида шудааст”.[1]

Аз таҳлил ва муқоисаи ин ду иқтибос бармеояд, ки воқеан дини зардуштия – дини яктопарастӣ аст. Ҷавҳари фалсафаи онро ахлоқ ташкил медиҳад ва асли ин дини ниёкони мо мазмунан ахлоқмеҳварӣ аст. Зардуштия инсонҳоро барои нойил шудан ба амалҳои нек ва шоиста талқин мекунад. Бадӣ ва амалҳои ба он тавъамро амалҳои нораво ва зишт пиндошта, истифодаи онҳоро боиси ривоҷ ва пайдоиши торикӣ дар вуҷуди инсон медонад. Аз ин рӯ, ҷавҳари ахлоқӣ доштани дини зардуштия сабабгори он гашт, ки дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ динҳои дигари ҷаҳонӣ барои ташаккул ва эътирофи бештар пайдо кардани худ аз фалсафаи амалии он васеъ истифода баранд.

Аз ин рӯ, дини зардуштия комилан ҷанбаи назариявӣ надошта, балки ҷавҳараш фалсафаи амалӣ мебошад. Инсонро ҳидоят мекунонад, ки ҳамеша фаъол бошад, аъзои бадани ӯ, хусусан ақли ӯ кор кунад ва ҳамеша нек мулоҳиза намояд, ростиро талқин карда, аз гуноҳ кардан худро дур дорад. Ҷиҳати ҳаллу фасли масъалаи баррасишаванда фикр накардан, дуруст наандешидан, мулоҳиза нанамуданро бузургтарин гуноҳ мешуморад. Чунки роҳ якест ва он роҳи ростист, ҳамаи дигар роҳҳо бероҳа мебошанд.

Дар аҳди давлатдории Ҳахоманишиҳо ва Ашкониён дар баробари динҳои гуногун мавқеи дини маздаясно мустаҳкам буда, мазҳаби асосии мамлакат эътироф шуда буд. Аммо дар фарқият аз ҳахоманишиҳову ашкониён подшоҳони сосонӣ пояҳои иҷтимоӣ-сиёсии ин оинро бештар қавӣ гардонида, ба дини ягонаи давлатии худ табдил додаанд.

---

[1] Раҳмон, Э.. Чеҳраҳои мондагор... – С.70.

Аз ин рӯ, арзишҳои ахлоқӣ, фарҳангӣ ва сиёсии ин ойин барои рушд ва тараққии давлати Сосониён таъсири бағоят бузург расонида, таъминкунандаи принсипҳои адолат ва баробарии иҷтимоӣ дар низоми идоракунии кишвар гардиданд. Яъне, мустааҳкам гаштани пояҳои иҷтимоӣ ва сиёсии ин дин ба шоҳи сосонӣ Ардашери I дахл дорад, ки дар ислоҳоти воридкардаи худ ба мазмуни ин ойин тағйирот даровварда, ба мазҳаби давлатии империяи бузурги сосонӣ мақом дод. Суханони "ваҳдати сиёсат ва дин, ягонагии қудрати сиёсӣ ва мазҳабӣ аст"[1] ба ӯ таалluқ дорад. Бинобар ин, яке аз тамоилгириҳои муҳим ва фарққунандаи дини зардуштия аз дигар динҳо он буд, ки моҳияти таълимоти зардуштияро фалсафаи ахлоқу тарбияи зебоипарастӣ ташкил медод ва оташкадаҳо макони таблиғ, танзиму назорати риояи меъёрҳои ахлоқӣ аз ҷониби мардум буданд.

Авестошиноси шинохтаи тоҷик Ҳ.Муъминҷонов дар таҳқиқоти худ оид ба макони назру ниёиш, ситоишу иҷрои намоз дар динҳои гуногун мароқ зоҳир карда, чунин маълумоти воқеӣ медиҳад, ки "Дар ҳар дину мазҳаб ташкилоте, ки оммаи васеи мардумро ба эътиқоду боварӣ ҳидоят мекунад, маҳаллест, ки онҳо дар он ҷо ба худованд назру ниёз карда, ситоишу намоз ба ҷо меоваранд. Чунин ташкилот дар дини насронӣ калисо, буддоӣ - маъбад, дини ислом - масҷид ва яҳудия – синагога аст. Дар дини маздаясна чунин сохтор оташкада ном дорад. Дар оташкадаи зардуштӣ дар мазҳари оташ на оташи муқаррарӣ, балки манбаи энергия ва рӯшноии он, ки рамзи андешаи нахустини Аҳурамаздост, парастида мешавад".[2]

Дар асоси ин маълумот мушаххас мегардад, ки подшоҳони сосонӣ на танҳо ойини маздаясноро мазҳаби ягонаи давлатдорӣ эълон карданд, инчунин барои сарҷамъ кардани мардум ва устувор нигоҳ доштани муттаҳидӣ ба бунёди оташкадаҳо, таъмиру бозсозии онҳо таваҷҷуҳи хосса доданд, ки ин иқдом ваҳдати мардумро мустааҳкам карда, барои густариши арзишҳои ахлоқии гузаштагон мусоидат намуд. Чунки гузаштагони мо

[1] Сомӣ, А. Тамаддуни сосонӣ. – Теҳрон, 1342. – 342с. – С.71.
[2] Муъминҷонов Ҳ. Тӯрон - гаҳвораи тамаддуни ориёӣ. - Душанбе, 2004. - 297с. - С.114.

зебоипарастӣ ва озодиро афзалтар аз ҳар чизи дигар дониста, амалҳои ношоистаро зуҳроти номатлуб алайҳи ҷомеа ва зиндагии ҷамъиятӣ меҳисобиданд.

Бояд гуфт, ки Худованди Зардушт Аҳурамаздост ва он маънои "сарвари хирад", "Худованди хирад"-ро ифода мекунад. Аз дидгоҳи фалсафаи космологӣ номи дин ва муъминони онро маздаясна – яъне пайравони хирад меноманд. Хирад ваҷҳи муштараки ақл ва таҷриба буда, донишест, ки дар ҷараёни кашфи табиат ба даст меояд. Мухолифини динро бошад, бо номи даеваясна – ситоишкунандагони дев ном мебарад. Ба он хотир, ки шайтон, ҷин, иблис бо девҳо гурӯҳи муштаракро ташкил медиҳанд. Онҳо муқобили ҳамнавъони худ фиребкору зараровараанда мебошанд. Ба ибораи дигар, Зардушт инсони нодонро бо дев муқоиса карда, чунин мешуморад, ки вай аз рӯйи нодонӣ ва бетаҷрибагӣ кори ношоиста анҷом медиҳад.[1]

Аз ин андеша бармеояд, ки аз ҷанбаи онтологӣ Зардушт инсонҳоро вобаста ба хулқу хӯй, рафтору амал ба ду гурӯҳ тақсим мекунад: инсонҳои неку рафтори писандидадошта - маздаясна ва инсонҳои бадрафтору ҷоҳил - данаеваясна. Ё аз ҷанбаи дигар Зардушт инсонҳое, ки таблиғгари ростӣ, дурустӣ, покӣ ва адолат мебошанд, онҳоро ашаван номида, инсонҳое, ки тарафдорӣ аз дурӯғ, фиреб, кина ва ғайра мекунанд, онҳоро дрегван меҳисобад. Умуман, Аҳурамаздо на танҳо мазҳари ситоиш, балки намунаи пайравӣ мебошад.

Дар бандҳои 14-15-и яшти нахустин, ки ба Аҳурамаздо бахшида шудааст, Зардушт чунин мегӯяд: "Фиребнадиҳанда - номи ман аст, Фиребнахуранда - номи ман аст, бо пофишорӣ ғалабакунанда - номи ман аст, болои ҳама ғалабакунанда - номи ман аст, шикастдиҳандаи ҳама - номи ман аст, Офарандаи ҳама - номи ман аст, Расонандаи ҳама неъмат - номи ман аст, Бахшандаи ҳама саодат - номи ман аст, Бахшоишгар - номи ман аст (Банди 14). Некӯикунанда бо майли худ - номи ман аст, Подошдиҳанда бо майли худ - номи ман аст, Судрасон - номи ман аст, Тавоно - номи ман аст, аз ҳама

[1] Ҳамин асар… - С.252.

тавоно - номи ман аст, Аша - номи ман аст, Бузург - номи ман аст, Мамлакат - номи ман аст, Бузургтарин мамлакат - номи ман аст, Хубдон - номи ман аст, Хубдоништарин - номи ман аст, Дурбин - номи ман аст (Банди 15)”.[1]

Таҳлилу таҳқиқ ва тавсифи ин сифатҳо далолат аз он мекунанд, ки инсони идеалӣ ва таблиғгари некию ростӣ бояд бахшоишгар, накӯкор, доно, тавоно, ҳалим, дурбин ва ғайра бошад. Акси ҳол ӯ некбин ва писандида буда наметавонад. Ба он хотир, ки дар вуҷуди инсон аз оғоз ду неруи муқобили ҳам нуҳуфтаанд. Яке тамоили созандагӣ ва дигаре майли вайронкориро дорад.

Мувофиқи таълимоти ахлоқии зардуштия унсурҳои созандагию ободкорӣ аз аҳу – аломатҳои ҷисмонии ирсӣ, бауда – аломатҳои маънавии ирсӣ, тарбия ва касби дониш сарчашма мегиранд. Неруи созандагӣ инсонро ба роҳи нек, обод кардани табиату ҷомеа, ҳидоят мекунад. Баръакс, неруи вайронкунанда инсонро ба нодонию ҷаҳолат, худхоҳию худбинӣ талқин мекунад. Бинобар ин, Зардушт сарчашмаи дар худ нуҳуфта гардонидани сифатҳои ахлоқи писандидаро дар донишандӯзӣ ҷуста, инсонҳоро талқин мекунад, ки ҳамеша дар омӯзиш, камоли ақл ва ташаккули андешаи нек, кӯшиш кунанд. Хашму ғазаб, кинаю хусумат аз амалҳои зишту нораво буда, инсонро ҳамеша ба зиллату пастӣ мебаранд.

Ба ибораи дигар гузаштагонамон Офтобро ситоиш карда, равшаниро сарчашмаи зиндагӣ мешумориданд. Торикиро, ки имрӯз ҳам сиёҳ мегӯянд, мабдаю маншаи аъмоли бад, накуҳида ба шумор меравад. Зеро, аксари корҳои бад аз тарафи инсон дар шаб, дар зери пардаи торикӣ, пӯшида аз нури равшанӣ сурат мегиранд. Аз ин рӯ, ойини маздаясно тамоми падидаҳои табиӣ ва маънавиро ба нуру зулмат, рӯшанию торикӣ, яъне чизе, ки аз он инсон афзоишу растагорӣ меёбад ва коре, ки аз он барои тамоми одамон накуҳишу зиштӣ ҳосил мегардад, тақсим кардааст.[2]

---

[1] Муъминҷонов Ҳ. Тӯрон - гаҳвораи тамаддуни ориёӣ. - С. 253.
[2] Раҳмон, Э. Чеҳраҳои мондагор... - С.70.

Дар Авесто меҳвари фазоишу растагории коинот, ҷисмҳои осмонӣ ва ба таври умум ҳастӣ марбут ба «ашо» аст. Бо тавзеҳи Иброҳими Пури Довуд «Ашо аз ҷумлаи луғотест, ки маънии он бисёр доманадор аст. Ростӣ, дурустӣ, тақво, тақаддус, қонун, ойини эзидӣ ва покӣ аз ҷумлаи маонии он аст”.[1]

Инчунин, ашо дорои мазмуни васеи ахлоқӣ дорад. Он рафтору кирдори одамонро раҳнамоӣ мекунад. Инсонҳоро барои интихоби роҳи дуруст, сазовор гаштан ба сифатҳои ҳамида: ҳақиқҷӯӣ, адолатхоҳӣ, садоқат, вафодорӣ, далерию фарзонагӣ, ростию дурустӣ ва ғайраро талқин мекунад.

Дигар ҷузъи муҳимме, ки дар он дини ахлоқӣ будани зардуштияро инъикос медорад - Даена - яке аз фариштагони маркази он мебошад. Даена, ки онро муҳаққиқони авестошинос, аз ҷумла Х.Бартоломе “мани маънавӣ”, Ломмел “ҷавҳари маънавӣ”, Мейе Б.“шахсияти маънавӣ”, Дюшен “виҷдон” маънидод кардаанд, аввалан рамзи дини зардуштӣ аст ва дуюм, фариштаи муваккили виҷдон мебошад, ки муносибати инсонро ба олами атроф муайян мекунад. Дар таълимоти зардуштия он мақоми категорияи ахлоқии эҳсоси масъулиятро доро мебошад, ки дар низоми давлатдории Сосониён ҷиҳати барқарор доштани адолати иҷтимоӣ шеваи кории подшоҳон қарор гирифт.

Ҳамин тавр, аз ҷанбаи онтологӣ “Аҳуромаздо - худованди яктои маздаясно, офаридгори тамоми мавҷудоти ҷаҳон, раҳнамои одамонест, ки ахлоқи ашоро сарманшаи зиндагии худ кардаанд. Парвардигори қодиру тавоно тамоми аносиру падидаҳои ҷаҳони моддӣ ва маънавиро барои инсон, рифоҳу осоиши ӯ ва ободонии зиндагии ӯ ба вуҷуд овард. Вале Аҳримани палид ба ҷаҳони равшаноӣ ҳамлавар гардида, падидаю мавҷудоти аҳуроиро олудаю пургазанд намуд. Дар ҷаҳон, ки то он замон на шаб буду на маргу мир, на фиребу ҳилаю тазвир, на нагунбахтию фисқу фуҷур, ҳамаи ин чизҳо зоҳир гардиданд. Дар чунин ҳолат, Аҳуромаздо ба инсон ақли солим тақдим намуд, ки ростро аз дурӯғ,

[1] Пури Довуд. Яштҳо. 1. - С.91.

хубро аз бад, рӯшноиро аз торикӣ ва аъмоли некро аз накӯҳида тафовут гузорад. Шахсе, ки ақли солимро ҳамчун раҳнамои зиндагии худ баргузида, мутобиқи андешаи нек амал мекунад, пайрави ойини маздоясност».[1]

Ҳамзамон, кору заҳмат дар «Авесто» яке аз рукнҳои муҳимми дин буда, муайянкунандаи муносибати шахс ба дини маздаясно мебошад. Зеро шахси заҳматкаш, аз ҷумла кишоварз ба касе шабоҳат дода мешавад, ки тухми ростӣ кошта, дини маздаясноро дар ҷаҳон интишор медиҳад. Дар ин маврид, дар «Мену хирад» чунин нигошта шудааст: «Кӯшиш кун ва миёнарав бош ва ноне бихӯр, ки аз роҳи нек ба даст оварда, бо кору кӯшиши худ ёфта бошӣ ва порае аз он нонро барои худо ва некӯкорон канор бигзор, ин кори ту беҳтарин кирдори нек хоҳад буд. Ҳар касе чизе хӯрад, ки аз кору кӯшиши худ ба даст наомада бошад, мисли он аст, ки сари дигареро ба даст гирифта, мағзи онро мехӯрад».[2]

Ҳамин тавр, заминаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ва фарҳангии пайдоиш ва рушди этикаи давлатдории Сосониён бо он иртибот дорад, ки дар оғози асри III-и милодӣ давлати Порт бо таъсири ду омил: аввалан, ҷангҳои мудаввом бо римиҳо ва дуюм, низоъу хусумати амалдорону саркардагони аскар дар дохили кишвар, таназзул ёфт. Дар натиҷа, дар кишвар бенизомӣ, беҳокимиятӣ ҳукмрон гашта, якбора зиддиятҳои байниҳамдигарӣ миёни ашрофу ғуломдор, дар байни аҳли ҷомеаю ғуломон тезутунд шуд. Хусусан, ашрофи Форс якҷоя бо коҳинони зардуштӣ аз ин фурсат истифода бурда заминҳои киштбоб ва ҳосилхезро ба дасти худ гирифта, вазъи зиндагии кишоварзон ва ғуломонро мушкил гардониданд.

Аз чунин вазъи иҷтимоӣ-сиёсӣ истифода бурда Бобак писари Сосон ба духтари шоҳ Говзачеҳр оила барпо карда, подшоҳро ба қатл мерасонад ва ба ин васила тахтро соҳиб мешавад. Инчунин, аз заиф гаштани низоми идоракунии давлати ашкониён суистифода бурда,

[1] Раҳмон, Э. Чеҳраҳои мондагор… - С.72.
[2] Мену хирад. Аз китоби «Мероси хаттии бостон». Ҷ.1. - Душанбе, 2014. - 478с. - С.215-216.

вилояти Кирмонро ба итоати худ медароварад ва дар ин минтақа писари худ Ардашерро ҳоким таъин мекунад. Сипас, ба Хузистон, Уммон ва Исфаҳон лашкар кашида, ин минтақаҳоро низ ба тобеияти ҳокимияти худ медароварад.

Соли 222 пас аз марги Бобак писараш Ардашер ба курсии шоҳӣ менишинад. Муаррихи варзидаи тоҷик Б.Ғафуров дар ин маврид чунин иттилоъ медиҳад: "Дар аввали соли 220 милодӣ ҳукмрони вилояти Истахр (дар Форс) Ардашери I Бобакони Сосонӣ ҳокими тамоми Форс гардид. Соли 224 Ардашери I охирин намояндаи Оли Ашкониён Ардавони I-ро торумор намуда, ҳокимиятро ба даст гирифт ва давлате таъсис дод, ки дар тамоми сарзамини Эрон вусъат дошт".[1]

Аз ин иттилоъ маълум мегардад, ки Ардашери I аз насли Бобакон Сосон - мубади мубадон дар ибодатгоҳи Ноҳид буда, баъди заволи давлати Портҳо ва фавти падар қудрати сиёсиро ба даст оварда, сулолаи худро ба номи ҷадди хеш Сосон - Сосониён ном гузошт, ки таърихан аз вориси Ҳахоманишиҳо будани онҳо далолат мекунад, зеро дудмони Ҳахоманишиҳо низ Истахр ба ҳисоб мерафт.

Муррихи давраи шӯравӣ М.М.Дьяконов дар таҳқиқоти худ афзалияти этикаи давлатдории Сосониёнро бо давлати Портҳо мавриди муқоиса қарор дода, ба чунин хулоса меояд, ки "Оли Портҳо, ки дар задухӯрдҳои зидди Рим суст гашта, дар банди зиддиятҳои мураккаби иҷтимоӣ монда, дар байни ғарби ғуломдорӣ ва шарқи ҷамоатию авлодӣ мекалавид, ба инкишофи муносибатҳои нави ҷамъиятӣ таҳрик дода натавонист. Ин корро давлати Сосониён кард".[2]

Аз ин маълумот ва сарчашмаҳои дигари таърихӣ аён мегардад, ки дар оғози давлатдории Сосониён дар низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ дигаргунӣ рух дода, муносибатҳои феодалӣ авҷ мегиранд, барояшон муяссар мешавад, ки волию ҳокимони маҳаллии минтақаҳои гуногуни кишварро, ки дар давраи Портҳо ба ҳокимияти марказӣ итоат накарда,

---

[1] Ғафуров, Б. Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав. – Душанбе: Нашриёти муосир, 2020. – 976с. – С.223.
[2] Дьяконов, М.М. Очерки истории древнего Ирана. – М. 1961. – С.260.

мустақиман худ ҳукм меронданд, яъне худкома буданд, ба тобеияти ҳокимияти марказӣ даровvarда, аз як марказ идора кардани давлатро ба роҳ монанд. Бинобар ин, дар ин давраи таърихӣ давлати Сосониён бо назму тартиб ва оқилона ба роҳ мондани давлатдорӣ ба як сулолаи пуриқтидор табдил ёфт.

Баъди Ардашер идораи давлатдорӣ ба Шопури I, пас аз ӯ ба Ҳурмузи I, Баҳроми I, Баҳроми II ва Нарсӣ мегузарад. Масалан, дар давраи салтанати Кайқубодшоҳ (солҳои 488-531) аз сабаби вазъи ногувори иҷтимоӣ-сиёсӣ ва рушди муносибатҳои феодалӣ, побанди заминдорони калон гаштани кишоварзон, андозҳои вазнин, аҳволи зисти мардуми маҳаллҳои мусаххаргашта мушкил гашта, бенизомӣ ва эътирози халқҳо, хусусан туркони кӯчманчӣ нисбати идораи ҳукумати Сосониён авҷ гирифта, шуришҳои мардумӣ сурат мегиранд.

Ҳамзамон, дар Эрон низ мардум аз вазъи ба вуҷуд омада, аз низоми идоракунии Қубод норозигӣ баён дошта, бо роҳбари Маздак ҷунбиши халқиро ташкил медиҳанд. Маздак мубад буд, дар солҳои хушксолӣ тарафдори одамони гурусна ва бехонаю дар мешавад ва ба давлатмандон эътирози норозигӣ менамояд. Бинобар ин, халқи ситамдида бо ӯ ҳамроҳ шуда, ба сафи шӯришгарон пайвастанд.

Ҳадафи Маздак ин буд, ки ҳамаи одамон ҳуқуқи баробари зиндагӣ карданро доранд, нобаробариҳои иҷтимоӣ бояд дар ҷомеа аз байн бурда шаванд, аз сарватмандон молу амвол, сарвату боигарӣ кашида гирифта шавад ва ба ҳама мардум баробар тақсим карда шаванд. Хусусан, ба маълумоти Табарӣ Маздак ва пайравони ӯ талаби онро доштанд, ки "Худо неъмати оламро барои ҳамин офарид, ки мардум онро байни худ аз рӯйи инсоф тақсим кунанд, вале мардум дар ин кор ноинсофӣ карданд... Пайравони Маздак мегӯянд, ки онҳо моли дороро кашида мегиранду ба нодор медиҳанд, зеро агар касеро бештар зану пулу мол

бошад, ин чунин маъно надорад, ки фақат вай ба ҳамаи он чизҳо ҳақ дорад”.[1]

Умуман, талаботи пешгузоштаи Маздак дар байни авом, аз ҷумла кишоварзон одилона пазируфта шуда, ҷонибдорони зиёдеро аз миёни ин қишри иҷтимоӣ пайдо кард. Онҳо ба ҷунбиши Маздак пайваста тағйироти ҷиддие дар низоми муносибатҳои мавҷуда ба вуқӯъ оварданд. Аз ҷумла, аз шӯриши саросарии мамлакатро фаро гирифта истифода бурда, молу амволи бойҳоро кашида гирифтанд ва дар байни камбағалон тақсим намуданд. Баъзеи сарватмандонро ба қатл расониданд ва бархеи онҳо имкон пайдо карда, ба кишварҳои хориҷ фирор карданд. Ҳатто Кайқубодшоҳ аз ин вазъи рухдодаи ошӯби мардумӣ тарсида, “бо роҳи суст кардани мавқеи ҳокимони маҳаллӣ ва намояндагони калонтарини аъёну ашроф ҳокимияти марказиро пурқувват карданӣ шуда, худро пайрави таълимоти Маздак эълон намуд”.[2]

Сабаби шикасти маздакия ҳамин, ки он зидди муносибатҳои феодалӣ баромада буд, ки дар ҳамон давра зинаи лозимаи тараққиёт ҳисоб мешуд, аммо шиори маздакиён, ки барқарор намудани баробарии ҷамоатиро талаб мекард, дар ҳамон шароит бозгашт ба қафо буд. Бо вуҷуди ин ҷунбиши маздакия тамойили пешрафта дошт. Зеро Маздак муқобили беадолатӣ, риоя нагаштани меъёрҳои ахлоқӣ, ки зулму шиканҷаро миёни мардуми авом ривоҷ дода, вазъи зиндагии онҳоро мушкил гардонида буд, баромад карда, мардумро алайҳи истисмор бархезонид.

Ниҳоят, “Маздак дар таърихи мардуми форсизабон яке аз чехраҳои дурахшоне мебошад, ки номи худро дар саҳифаҳои ҳаракати озодфикрии ҷаҳон ба таври абадӣ сабт кардааст. Бо вуҷуди он ки ин мазҳаб дар охири давраи сулолаи сосонӣ падид омада, номи Хусрави Анӯшервонро дар Шарқ маъруфу машҳур гардонид, неруи таълимоти ӯ роҳи

---

[1] Ғафуров, Б. Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав. – Душанбе: Нашриёти муосир, 2020. – 976с. – С.243.

[2] Ғафуров, Б. Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав… - С.243.

муборизаи озодихоҳонаи мардуми моро бар зидди истилогарони аҷнабӣ равшан намуда, сипас яке аз омилҳои пайдоиши давлатҳои форсизабон - Сaффориён, Тоҳириҳо ва Сомониён шуд.

Дар асари таъсири фавқулодати таълимоти Маздак дар асрҳои миёна дар дини ислом даҳҳо ҷараёну фирқаҳо зуҳур карда, фаъолияти бисёр гурӯҳҳои динӣ ва фирқаҳои ифротӣ аз қабили исмоилия, хашишия, афридия, абумуслимия, хуррамия, бобакия, бобия аз он сарчашма гирифтаанд... аввалин ҳаракати васли иҷтимоию динӣ ва ҳатто мардумӣ мебошад, ки проблемаи нобаробарии иҷтимоӣ ва роҳи ҳалли онро дар миён гузошт ва барои ҳалли он амалан талош намуд”.[1]

Ниҳоят, баъди вафоти Қубод писари ӯ Хусрави I (531 -579), ки бо номи Анӯшервони Одил машҳур аст, ба тахти шоҳаншоҳӣ менишинад. Хусрави Парвиз бошад, охирин шоҳи пуриқтидори сулолаи Сосониён буд, аммо дар асри VII ба арабҳо муяссар мегардад, ки давлати пуриқтидори Сосониёнро мусаххар карда, аз байн баранд.

Ҳамин тавр, давлати Сосониён дар таърихи тамаддуни ҷаҳонӣ аз намунаҳои барҷастаи давлатдорӣ ба ҳисоб меравад. Шукӯҳу ҷалол ва иқтидори азим пайдо кардан ва ҳамчун ба як давлати пуриқтидори ҷаҳонӣ мубаддал гаштани ин давлат аз он вобастагӣ дорад, ки подшоҳони сосонӣ рукнҳои ахлоқии зардуштияро сармашқи фаъолияти худ қарор дода, ба дастовардҳои назаррас нойил гардиданд. Ин нуктаро бо якчанд далели илмӣ метавон асоснок кард:

1. Сосониён - дар тӯли зиёда аз 400 соли мавҷудияти худ дар саргаҳи тамаддуни ҷаҳонӣ фарҳанги олии давлатдорӣ ва осори ғании хаттию шифоҳие оид ба санъати нақшу нигор, ҳайкалтарошию кандакорӣ, шаҳрсозию шаҳрдорӣ, таҳия ва таълифи китобҳо, андарзномаю катибаҳо ва ғайра ба мерос монданд, ки барои омӯхтан ва таҳқиқ кардани таърихи фарҳанги моддию маънавии мардуми тоҷику форс арзиш, аҳамият ва ҷойгоҳи хосса доранд.

---

[1] Раҳмон, Э. Чеҳраҳои мондагор. - С.114 – 115.

2. Сосониён - ворисони империяи Ҳахоманишҳо буда, дар замони давлатдории худ барояшон муяссар шуд, ки сарзаминҳои гузаштагони худро аз римҳо ва қабилаҳои кӯчманчӣ ҳимоя карда, давлати пуриқтидори чаҳониро таъсис диҳанд.

3. Сосониён дар мавриди ба тахт нишастани меросбарон анъанаи пешгузаштагони худ - Ҳахоманишиҳоро идома дода, бо урфияти хос тоҷгузорӣ мекарданд. Тоҷ аз тилло буда, бо сангҳои қиматбаҳо: ёқут, марворид, зумуррад ороиш дода мешуд. Тоҷро ҳар шоҳаншоҳ мувофиқи табъи худ тартиб медоданд. Дар болои сиккаҳои сосонӣ расми шоҳон бо тоҷи онҳо боқӣ мондаанд.

4. Қабули шахсони ба дарбор ташрифоварда ва шунидану баровარда кардани арзу хоҳиши онҳо дар дарбори Сосониён махсусияти худро дошт. Хусусан, дидани шоҳ барои аксарияти мардум манъ буд, касе, ки ба дарбор барои суҳбат ба назди шоҳ меомад, шоҳ паси парда менишаст ва шахси омада дар масофаи муайяне истода ба ӯ суҳбат мероост. Таомули дигар ин буд, ки шахсонеро, ки шоҳ қабул мекард, аввалан аз ҷониби дабирони дарбор озмуда мешуданд, то ки дар сару либос ва суханҳои онҳо нуқсоне набошад. Дар назди пардаи ҳарир бошад, ҳоҷиб-хурамбош ба суҳбат назорат менамуд.

Ҳамзамон, дар толори қабулгоҳ дарбориён вобаста ба вазифа ва мақоми иҷтимоӣ ҷой мегирифтанд. Инчунин, шоҳ дар рӯзҳои муайян олимону донишмандонро қабул мекард ва бо онҳо баҳсу мунозираҳои илмӣ, динӣ ва ғайра баргузор мекард. Як нуктаи дигарро бояд зикр кард, ки то замони Анушервон дар ҳузури шоҳ дар суҳбатҳо танҳо сарвазир ва мубади мубадон иштирок мекарданд. Анушервон дар низоми қабули шаҳрвандон тағйирот ворид карда, ба қабул ва шунидани арзи мардум сарвазир, хонсолор, охурсолор, пуштибон, ошпаз, пешхидмат, дарбон, андарзбон (раиси ташрифот) - ро даъват мекард. Расми қабули меҳмонон бошад, мувофиқ ба рутбаҳо ва мақоми иҷтимоии онҳо чараён мегирифт.

5. Аҳолӣ дар замони Сосониён ба чаҳор табақа тақсим мешуд:

1.Отурвон (руҳониён).

2. Артишдорон (ҷанговарон).

3. Дабирон (кормандони идораҳои давлатӣ);

4. Аостриюшон ва хутухшон (кишоварзон, ҳунармандон ва савдогарон).

Ҳамзамон, ҳар як табақаи аҳолӣ ҷузъҳои худро дошт. Масалан, табақаи ҷанговаронро иронсипаҳбад ва раиси дабиронро ирондабирпат, муғонро мубади мубадон, хирбади хирбадон ва ғайра мегуфтанд ва интихоб менамуданд. Озодон - табақаи болоӣ буданд, ки бештар ба он шоҳон ва маъмурини баландпояи давлатӣ дохил мешуданд. Онҳо ҳуқуқ доштанд, ки ҷамъ шуда, тавассути машварат шоҳро аз тахт сабукдӯш кунанд ва ба ҷойи ӯ шахси дигари меросбарро интихоб намоянд. Ба ин табақа фармондори бузург: вазири аъзам, мубади мубадон, ирондабирпат, сипахпат, востариюшонпат (вазири молия) дохил мешуданд ва умури давлатро идора мекарданд.

Дар рустоҳо бошад, мақоми деҳқонон баланд буд. Деҳқон маънои шоҳзода, сарвар, воломақомро дошт. Умуман, се табақаи аввал аз ҳамаи андозҳо озод буданд. Ду намуди андоз: сарона ва андоз аз замин маъмул буд ва андози заминҳои обӣ аз лалмӣ фарқ дошт. Занон ва кӯдакон аз додани андоз озод буданд.

Дар маҷмуъ, «Дар миёнаи табақаҳои мардум тафовути зиёд вуҷуд дошт. Масалан, дар табақаи косибон ҷою мақоми ҳар фард дақиқан муайян шуда буд. Ҳирфаю касб меросӣ буд. Ба касе, ки маҳорату лаёқати лозим надошта бошад, ҷиддан манъ шуда буд, ки бо он касаба машғул шавад.

Дар «Менуи хирад» ин масъала чунин зикр шудааст: «Пешаварон дар корҳое, ки намедонанд, ворид нашаванд. Он чӣ марбут ба пешаи онҳост, ба хубӣ анҷом диҳанд ва музди онҳоро ба нархи одилона бигиранд, чӣ ҳар кас бо коре машғул шавад, ки аз он огаҳ нест, он корро зоеъ ва бефоида кардааст»? Ҳар табақа сардори кишварии худро дошт. Аз табақа ба табақаи дигар гузаштани одамон бисёр кам сурат гирифта, он фақат ба воситаи қарори Шурои салтанатӣ ва имзои шахсии подшоҳ

сурат гирифта метавонист. Табақаи ҳоким, бахусус, ашрофи сосонӣ аз тамоми табақаҳои дигар духтар мегирифтанд, вале ба ягон табақаи поёнӣ духтар намедоданд. Қонуни мамлакат фурӯши амволи ашрофро ба табақаи поёнӣ манъ мекард.[1]

6. Идораи мамлакат ба қисмҳои идоравӣ ва маъмурӣ ҷудо мешуд. Давлатро шоҳаншоҳ, ки тибқи анъанаи гузаштагон, дар асоси васияти подшоҳи марҳум ё тавсияи Шурои шоҳаншоҳӣ[2] интихоб менамуданд. Ба ғайр аз Шурои шоҳаншоҳӣ дар дарбори Сосониён Шурои дигар амал мекард, ки ба он модари шоҳаншоҳ, шоҳзодагон, бузург-фрамадор ва мубади мубадон шомил буданд. Мақоми олии иҷроияи шоҳаншоҳро бузург-фрамадор, яъне сарвазир ба уҳда дошт. Инчунин, низоми нави девонсолорӣ амал мекард, ки ба соҳаҳои гуногун роҳбарӣ менамуданд. Вилоятҳои марзиро бошад, марзбонон идора мекарданд ва онҳо сипоҳи муайяни худро доштанд. Сарвазир раванди кори тамоми девонҳо ва вазоратҳоро назорат ва роҳбарӣ менамуд.

7. Мазҳабҳои дар замони Сосониён маъмул, оини қадимаи мардуми тоҷику форс - маздаясна, ки  ба сифати дини расмии давлатӣ қабул карда шуд, дини Монӣ ва ҳаракати маздакия мебошанд. Аз ҷумла: муғон ҳамчун табақаи руҳонӣ, татбиққунандаи аҳкому қоидаҳои оини маздаясно буда, дар ҷомеа обрӯ ва эҳтироми хосс, ҳуқуқҳои зиёдро доро буданд. Онҳо тобеи қонуни мамлакат набуданд ва худашон барои худ қоидаю қонунҳо доштанд. Ҳатто мардум ба онҳо ушр - ҳадяҳои зиёд медоданд. Дар навбати худ мубадон ба чанд дараҷа тақсим мешуданд: мубади мубадон, хирбадон, муғони нозирӣ ва дастур. Хизмат кардан дар маъбадҳои оташ барои онҳо кори фахрӣ ва бошараф ба ҳисоб мерафт. Нисбат ба давраи Ҳахомаишиҳо дар замони давлатдории подшоҳони сосонӣ дар мамлакат сохтмони маъбадҳои оташ хеле меафзояд, ки вазифаи мубадон доимо нигоҳ доштани оташ дар оташкадаҳо буд.

[1] Раҳмон, Э. Чеҳраҳои мондагор. - С.117.
[2] Худоиев А.Б., Мунавваров Б.А., Авезов Ҷ.С. Таърихи халқи тоҷик. – Душанбе, 2016. – 340с.- С.72.

Инчунин, дар ҳар як хонадонҳои давлатманд оташкадаи хонагӣ сохта шуда, кадхудо онро ҳифз ва назорат менамуд, то ки хомӯш нагардад. Оташкадаҳои бузург инҳо буданд:

1.Озарфаранбағ дар Кориёни Порс, ки ба табақаи муғон нисбат дошт.

2.Озаргушасп дар Шиз, ки ба шоҳон мутаалиқ буда, онҳо пеш аз тоҷгузорӣ, оғози ҷанг ва иҷрои корҳои муҳимми давлатӣ ва динӣ дар ин оташкада намоз гузошта, қурбонӣ мекарданд.

3.Озарбарзинмеҳр. Ин оташкада дар Хуросон бино ёфта буд, ки ба табақаи кишоварзон мансубият дошт.

Бояд қайд кард, ки то замони Сосониён оини маздаясно дини расмии давлатӣ набуд ва дар давраи Сосониён ба ин мақом расид. Сабаби ба дини давлатӣ Сосониён табдил ёфтани дини зардуштӣ аз он иборат буд, ки форсҳо ҷойгоҳи дини худро нисбат ба динҳои дигар афзал медоштанд. Ҳатто бо дастури подшоҳони сосонӣ, аз ҷумла Ардашери I ва Шопури I китоби муқаддаси «Авесто», ки дар давраи Ҳахоманишиҳо дар 12 ҳазор пӯсти гов бо ҳуруфи тилло навишта шуда, аз ҷониби Искандари Мақдунӣ сӯзонида мешавад, аз нав гирдоварӣ карда, дар шакли китоб ба нашр мерасонанд. Бо вуҷуди ин Сосониён нисбат ба динҳои дигар: насронию яҳудӣ ва буддоӣ эҳтиромро қойил буданд. Зеро дар баробари мардумони тоҷику форс дар минтақаҳои тобеи сулолаи Сосониён масеҳиён, яҳудиён ва буддоиҳои зиёд зиндагӣ мекарданд.

Монӣ низ ҳамчун дин дар давраи Сосониён зуҳур мекунад. Асосгузори он Монӣ буд. Ӯ баъди шинос гардидан ба оинҳои яҳудӣ, калдонӣ-бобулӣ, масеҳӣ ва зарудштӣ дини худро ба ҷаҳониён пешниҳод мекунад. Бинобар ин, дини Монӣ омехтаи динҳои яҳудӣ, масеҳӣ, бобулӣ-калдонӣ ва аз ҳама бештар зардуштӣ буда, асоси онро ба монанди оини маздаясно мубориза и некӣ ва бадӣ, хайр ва шарр ташкил медиҳад. Инчунин, мазмунан ақидаҳои Монӣ оид ба баррасии мавзуъҳои марбут ба гуноҳ, биҳишту дӯзах, пули чинвод, рӯзи растохез ва ғайра ба дини

зардуштӣ айнан шабоҳат доштанд. Аммо таълимоти Монӣ нисбат ба дунё ва одамон тамоили хеле маъюсона-пессимистӣ дошт.

Хусусан, мувофиқи таълимоти Монӣ олам саршори зулм ва торикӣ аст ва инсон бояд аз мубориза ба муқобили бадӣ даст кашад, аз зиндагии хуб, зану фарзанд, корҳои дунявӣ дар канор истад ва бо худоҷӯйии умр ба сар барад, то ба саодат расад. Ҳарчанд ӯ барои Шопури I китобе бо номи “Шопургон”навишта, мекушад майли подшоҳро ба таълимоти худ гаравонад, аммо сосониён дини ӯро қабул накарданд ва барои Монӣ тамоми имкониятҳоро ҷиҳати таблиғи ақидаҳои худ маҳдуд карданд. Ойини Монӣ баъдан дар Фаластин, Миср, Арабистон, Испания ва Италия пайравони худро пайдо карда, то қарнҳои VI - VII нуфузи зиёд дошт.

Маздак, писари Бомдод аз аҳли Нишопур (ш.Нусай) буд. Дар замони давлатдории Қубод ба дарбар омада, шоҳро ба ойини худ мойил мекунад. Ақидаи динии Маздак ба таълимоти Монӣ наздикии идеявӣ дошт. Маздак таълим медод, ки рӯшонӣ аз зулмат (торикӣ) ҷудост ва ҳаракатҳои ӯ бошуурона, оқилона ва бомақсад мебошанд. Торикӣ бешуурона ва кур-куронаю беоқибат аст.

Мувофиқи таълимоти ӯ олам аз се унсур: об, оташ ва хоки хубу бад иборат аст ва одамон низ аз таркиби онҳоянд ва дар вуҷудашон унсурҳои хубӣ ва бадӣ ҷой доранд. Олами руҳии осмонӣ низ монанди заминӣ мебошад. Худованд ба монанди подшоҳ болои тахт нишаста, 4 ҷонишин (қувва): шуур, ақл, ҳофиза, шодӣ дорад. Ин 4 қувва бо дасти 6 вазир умури оламро идора менамоянд. Ин 6 вазир дар миёнаи 12 вуҷуди руҳӣ ҳаракат менамоянд. Инсоне, ки 4 қувва, 6 вазир ва ихтиёроти 12-гонаро дар худ ҷамъ кунад, ба мартабаи худоӣ мерасад. Ҳамаи ҷангу ихтилофҳо аз молу занҳо сар мезананд, бинобар ин, онҳо бояд умумӣ шаванд.

8. Дар мавриди рушди соҳаҳои таҳсилот, илму фарҳанг Сосониён анъанаи гузаштагони худро идома ва такмил дода, ба дастовардҳои зиёде муваффақ шудаанд. Аз ҷумла, низоми таълим ба таври зайл сурат

мегирифт. Кӯдакон аз синни 7-солагӣ ба дабистонҳои назди маъбадҳо шомил гашта, дар он ҷо хондану навиштанро ёд мегирифтанд. Мубадон ба писару духтари давлатмандон дарс гуфта, ба онҳо навиштану хондан ва тарзи ҳисобу китоб, муомилотро ёд медоданд. Дарсҳои ахлоқ ва ибодатҳои динӣ бошанд, мутобиқи бахшҳои "Авесто" ба роҳ монда мешуданд. Инчунин, дар дабистонҳо ба писарон дарсҳои назариявию амалиявии ҳарбӣ: аспсаворӣ, тирандозӣ, шамшерзанӣ ва ғайра омӯзонида мешуд. Ба шоҳзодагон усули давлатдорӣ, тарзи мизбониву меҳмондорӣ ва тартиби либоспӯшӣ, хурокхӯрӣ ва ғайра дарс дода мешуд. Муҳлати таҳсил дар дабистонҳо 8 сол муқаррар карда шуда, муҳассилин баъди хатм маълумоти умумӣ мегирифтанд.

9) Дар аҳди Сосониён забони расмӣ-давлатӣ, муомилот, иҷрои расму анъанаҳои динӣ забони паҳлавӣ ва забони форсии миёна буд. Новобаста ба он, ки тарҷумаҳои "Авесто" ба забон ва хатҳои хоразмӣ ва суғдӣ вуҷуд доштанд. Мувофиқи катибаҳои аз Ҳиндустон пайдошуда, то соли 1009-и милодӣ мубадони маздаясно бо ин забон сухан мекарданд ва асарҳо таълиф менамуданд.

10) Навиштани панду андарзномаҳо, солномаҳою катибаҳо дар девору тахтасангҳо ва сафолпораҳо дар аҳди Ҳахоманишиҳо бештар роиҷ буд, вале катибаҳо намунаи беҳтарини тамаддуни Сосониён ба ҳисоб рафта, аз онҳо теъдоди зиёди катибаҳои дузабона ва сезабона боқӣ мондааст. Ба мисли, катибае аз давраи Шопури якум ба ду забон - портӣ ва форсии миёна ба тартиб дар 14-16 сатр дар Пулвори наздики шаҳри Истахри Форс[1]; сангнавиштаи муфассалтаре аз Шопури якум бар деворҳои «Каъбаи Зартушт» дар «Нақши Рустам» дар Форс[2]. Ин сангнавишта ба се забон: форсии миёна, портӣ ва юнонӣ ҳаккокӣ шуда, матни тарҷумашуда ба форсии миёна дар 35 сатр, матни портӣ дар 30 сатр ва матни юнонӣ дар 70 сатр ғунҷоиш ёфтааст. Дар сангнавиштаҳо

[1] Тафаззулӣ, Аҳмад. Таърихи адабиёти Эрон пеш аз ислом. Ба кӯшиши дуктур Жола Омӯзгор. - Теҳрон: Сухан, 1377. - 392с. - С. 29.
[2] Тафаззулӣ, Аҳмад. Таърихи адабиёти Эрон пеш аз ислом. Ба кӯшиши дуктур Жола Омӯзгор…- С. 32.

доир ба теъдоди шаҳрҳову устонҳои Эрон, ҷанги Эрону Рум ва сохторҳои идориву мансабҳои муҳимии идораи давлатӣ маълумот дода мешавад.

11) Мактаби тарҷума заминаи аслӣ ва рушди худро маҳз дар давраи давлатдории Сосониён пайдо карда, баъдан дар дигар марҳилаҳои таърихӣ такмил ёфт. Сабаби асосии ташаккул ва нумуъи онро дар давлати Сосониён дар баробари забони расмии дарбор - забони паҳлавӣ, роиҷ будани истифодаи забонҳои гуногун, аз қабили портӣ, балхӣ, хоразмӣ, суғдӣ, арманӣ, гурҷӣ, арабӣ, юнонӣ, лотинӣ ва ғайра ташкил медиҳад. Ҳамзистии якҷояи қавмҳо ва густариши робитаи гуногунҷанбаи халқиятҳо шоҳони Сосониро водор ба он намуд, ки дар дарбори худ забондонону мутарҷимони моҳиру донишмандро ҷамъ оранд. Ба ин маънӣ тарҷума ва мактаби тарҷумонӣ ташкилдодаи Сосониён дар муҳити илмӣ-фарҳангии Гунди Шопур дар густариши ва пайванд миёни афрод, ақвому ҳукуматҳо хидмати мондагор кард.

12) Шаҳрсозӣ ва одоби шаҳрнишинӣ расми деринаи мардуми тоҷику форс буд, ки он насл ба насл мерос монда, такмилу тадвин меёбад. Шопури I-ро созандаи бисёр шаҳрҳо ва маъбадҳо медонанд. Махсусан, дар замони Шопури II сарҳади шарқии империя то руди Омӯ, шимолу ғарбӣ то гулӯгоҳи Босфор ва ҷанубу ғарбӣ то Яман расида буд. Ҳатто Миср якчанд даҳсола дар итоати форсҳо буд. Сосониён асиронро, ки зимни пирӯзиҳо ба даст меоварданд, ба қатл намерасониданд, балки онҳоро дар сохтани шаҳру қасрҳо ва рушди дигар соҳаҳо истифода мебурданд. Бинобар ин, шаҳрҳо бошукӯҳ бино ёфта, ҷиҳати густариши Роҳи абрешим ҳамчун макрази савдо ва ҳунармандӣ, хизмат карданд. Мувофиқи тадқиқоти бостоншиносон, дар замони Сосониён ду намуди бинои шаҳрҳо вуҷуд дошт. Якум, шаҳрҳое, ки дар асоси анъанаи шаҳрсозии портҳо мудаввар, доирашакл, гирд бино карда мешуданд. Аз ҷумла, шаҳрҳои Ардашергур, Доробгирд, Ваштгирд ва ғайра. Дуюм, шаҳрҳое, ки дар асоси таъсири румин бо тарҳи чоркунча сохта шудаанд.

Ба мислӣ: Бишопур ва Нишопур. Дар сохтани биноҳо масолеҳи сохтмонии маҳаллӣ: санг, хишти хом, хищти пӯхта, гач ва ғайра истифода бурда мешуд. Сохтмони аркҳо ва гулкорӣ кардани онҳо аз маҳорати баланди устоҳои сосонӣ гувоҳӣ медод. Қасрҳо бошанд, бо тарҳи зебо сохта шуда, шабистонҳои боҳашамат, толорҳои қабулу ташкили базм, ибодатгоҳҳо ва ғайраро доштанд.

Сосониён дар санъати тасвирӣ, бахусус, ҳунари ҳайкалтарошию нақшу нигор маҳорати вижа доштанд. Катибаҳои замони Сосониён сарчашмаи муҳимме барои омӯзиши тарҳи дӯхтани либос, омода кардани пойафзол, каллапӯш ва ғайра ба ҳисоб меравард. Инчунин, дар катибаҳо роҳ ва усулҳои ҷангӣ, силоҳҳ: тирдон, камон, шамшер, найза, шашпар, гурз, сипар, ҷавшан, тоскулоҳ ва ғайра ба дараҷаи олӣ тасвир шудаанд, ки аз рӯи онҳо мо метавонем дар бораи ҷангҳои тан ба тан, гурӯҳӣ, савора маълумоти зарурӣ ба даст оварем.

Дар маҷмуъ, дар хулосаи зербоб месазад қайд намуд, ки омӯзиш ва таҳқиқи маъхазҳо, таҳлилу муқоисаи онҳо нишон медиҳанд, ки низоми идораи давлатдории Сосониён аз Ҳахоманишиёну Ашкониён, ки дар заминаи риояи адолат ва принсипи ахлоқии баробарии иҷтимоӣ ба роҳ монда шуда буд, тафовут дошт:

1. Сосониён давлати мутамарказе бунёд карданд, ки ҳамаи вилоятҳо ба шоҳ итоат дошта, аз як марказ идора карда мешуданд. Инчунин, вазоратҳое, ки онҳо ташкил дода буданд, айнан аз ҷониби арабҳо қабул карда шуданд.

2. Сосониён аз Ашкониён омӯхтанд, ки барои ҳимояи давлат дини ягона зарур аст, то он такягоҳи ҳукумат шуда тавонад. Бинобар ин, онҳо дини зардуштиро дини умумидавлатӣ эълон намуданд, забони паҳлавиро ба сифати забони расмии давлатдорӣ табдил доданд, китоби Авесто ва се рукни ахлоқии зардуштияро асос ва пояи устувори фарҳанги давлатдории худ қарор доданд.

3. Сафи асосии низомиёни Сосониён на асирону зархаридон, ки манфиати шахсӣ барои онҳо дар ҷойи аввал меистод, ташкил медод, балки низомиёни онҳо ҷавонони содиқу баруманд ва ҷасури маҳаллӣ буданд, ки ҳимояи хоку марзи кишвар барояшон азизу муқаддас буд. Аз ин ҷост, ки тарғиби ҷасорат, футувват ва шуҷоат ба сифати категорияҳои асосӣ дар таълимоти ахлоқии мутафаккирони марҳилаҳои минбаъдаи таърихии халқи тоҷик аз мавзуҳои меҳварӣ қарор гирифтанд.

4. Рушди мактаби тарҷума ва хусусан тарҷумаи зиёди рисолаҳову матнҳои паҳлавии хусусияти фалсафӣ-сиёсӣ ва ахлоқидошта ба забони арабӣ ва дигар забонҳои ҷаҳонӣ боиси пешрафти на танҳо фарҳанги давлатдории Сосониён гашт, балки ин арзишҳо барои рушди фарҳанги исломӣ ва тамаддуни ҷаҳонӣ саҳми назаррас гузоштанд.

Инчунин, имрӯз ин маъхазҳо барои пажӯҳандагон, аз ҷумла шарқшиносон, муҳаққиқони ҷавон ба сифати сарчашмаи муътамад ҷиҳати омӯхтан ва таҳқиқ кардани арзишҳои фарҳангии мардуми тоҷику форс хизмат карда, равшанкунандаи як саҳифаи дурахшони фарҳанги давлатдории тоҷикон – давлати Сосониён мебошанд.

### 1.3. Академияи “Гунди Шопур” ва нақши он дар ташаккули донишҳои илмӣ ва таҳаввули муносибатҳои ахлоқии давраи Сосониён

Дар таърихи давлатдории мардумони тоҷику форс давлати Сосониён аз сулолаҳои пуриқтидор ба шумор рафта, дар робита ва таъсири мутақобила бо афкори илмию фалсафии Юнону Ҳинд дар ташаккул ва рушди донишҳои илмӣ, пайдоиш ва таҳаввули меъёрҳои ахлоқӣ, густариши фарҳанги бузурги ориёӣ нақши бориз гузошт ва аз саргаҳи таърих ба маркази тамаддуни умумибашарӣ табдил ёфт. Бавижа, ба рушд ва таҳаввули соҳаҳои илмҳои фалсафаю ахлоқ, тиббу риёзиёт, ҳандасаю нуҷум, мантиқу ҷуғрофиё, сиёсат ва ғайра нақши бузург бозид, ки ин сиёсати пешгирифта баъди истилои Искандари Мақдунӣ боиси мустаҳкам гаштани равобити илмию фалсафӣ байни кишварҳои Юнону Эрон ва Ҳинд гардид.

Ё худ чӣ тавре маълумоти муътамади таърихӣ собит менамояд “Равобити илмӣ, фалсафӣ ва фарҳангии юнониёну эрониён ва ҳиндуҳо дар давраи Сосониён ба авҷи аъло расид (асрҳои III-VII). Ардашери Бобакон (Попакон) дар катибаи (сангнавиштаи) худ дар “Нақши Рустам” дар қатори забони паҳлавӣ забони юнониро низ истифода бурд”.[1]

Бояд зикр намуд, ки сababи асосии вусъати тоза касб кардани робитаҳои илмӣ-фарҳангӣ байни эрониёну юнониён ва ҳиндуҳо бо он далел асоснок карда мешавад, ки подшоҳони сосонӣ барои олимону донишмандони соҳаҳои гуногуни илм, ҷиҳати омӯзишу азбар кардани илмҳо, ташаккул додани табодули таҷриба шароити хуберо муҳайё карда, онҳоро аз як тараф, барои ҷамъоварии сарчашмаҳо, осори ахлоқию рисолаҳои илмию сиёсӣ ва аз тарафи дигар, барои инкишоф додани мактаби тарҷума (баргардонидани осор аз забонҳои юнонию ҳиндӣ - Қ.Каримов) ба кишварҳои Ҳинд, Юнону Рим сафарбар намуданд.

Дар натиҷа, амалӣ кардани чунин иқдоми наҷиби тамоили гуманистӣ ва ахлоқмеҳваридошта аз ҷониби подшоҳони сосонӣ боиси он гардид, ки дар ин маркази тамаддуни ориёӣ як қатор марказҳои илмӣ-фарҳангӣ таъсис дода шаванд, ки бонуфузтарини он мактаби Гунди Шопур мебошад, ки баъдан номи Академияи Гунди Шопурро гирифт.

Номи Академияро гирифтани ин маркази илмӣ-фарҳангӣ маънои онро надорад, ки мафҳуми Академия аз ҷониби подшоҳони сосонӣ эҷод шуда бошад. Академия - номи нахустин мактаби фалсафие аст, ки Афлотун дар садаи IV то милод (385 п.м. то соли 529 милодӣ) таъсис додааст. Номи Академия аз номи боғи наздикии Афина гирифта шудааст. Номи боғ бошад, ба номи каҳрамони мифологии юнониён (аз юн. Ἀκάδημος) - Академиос гузошта шудааст.[2]

Имрӯз низ Академия ба маънои муассисаи калони илмие, ки мутахассисони баландихтисоси илмӣ дошта, масъалаҳои илмии як ё

---

[1] Таърихи фалсафаи тоҷик. Дар панҷ ҷилд. Ҷилди 1. Муҳаррирони масъул К.Олимов, А.Шамолов. – Душанбе: “Дониш”, 2011. – 582с. – С.467.
[2] https://tg.wikipedia.org/wiki/ Таърихи муроҷиат: 18.08.2023с.

чандин соҳаҳои илмро тадқиқ мекунад, фаҳмида мешавад. Аз ин рӯ, аз сабаби он ки дар маркази илмӣ-фарҳангии Гунди Шопур ба баррасӣ ва рушди тамоми соҳаҳои илм таваҷҷуҳ медоданд, бинобар ин, ба он номи Академия унвон дода шудааст.

Муаррихи шинохтаи тоҷик Қ.Расулиён доир ба сабабҳои таъсис ин маркази илмӣ-фарҳангӣ иттилоъ дода менависад, ки "Гунди Шопур шаҳр ва ё урдугоҳи бузурги низомӣ буда, барои нигоҳ доштани тақрибан ҳафтод ҳазор нафар асирон бо супориши Шопур I (солҳои 242-272) ба ҷойи вайронаҳои Ҷанто Шопур («Боғҳои зебо») бо ёрии асирони румӣ сохта шудааст. Бунёди он аз рӯйи нақшаи шаҳри Антиох шабеҳи тахтаи шатранҷ ба ҳам пайваста анҷом ёфтааст. Ба Академияи Гунди Шопур фарзанди асосгузори Сосониён Ардашер (коҳини маъбади Аноҳито) Шопури I дар миёнаи асри III дар қисми ҷанубии ҳозираи Эрон асос гузошт. Шопури I амр кард, ки баъди ба анҷом расидани сохтмони он дар болои дарвозаи шаҳр ин суханҳоро: «Донишу хирад аз шамшер зӯртар аст» сабт намоянд".[1]

Аз маълумоти муаррих, ки хусусияти таърихӣ дорад, маълум мешавад, ки ӯ асосан доир ба ҳадафи бунёди мактаби мазкур, макон ва соли таъсиси он, тарҳи сохтмон ва бунёдгарони он таваҷҷуҳи хосса додааст. Инчунин, аз маълумот ошкор мегардад, ки асосгузори ин маркази илмӣ-фарҳангӣ подшоҳи сосонӣ Шопури I мебошад.

Мувофиқи маълумоти сарчашмаи дигари илмӣ "Шопури аввал дар замони давлатдории худ аз асирони румӣ дастаеро ба Эрон оварда, дар Хузистон бо дасти онон шаҳре сохта, онро "Гунди шоҳпаҳур" ном мениҳад. Амр мекунад, ки зумрае аз китоби мавҷудаи юнонӣ ба паҳлавӣ тарҷума ва дар ин шаҳр гирд оварда шаванд".[2]

Муқоисаи ин ду андеша маълум мегардонанд, ки бинои мактаби мазкур аз ҷониби асирони румӣ, ки ҳангоми ҷангҳои мудаввом дастгир карда

---

[1] Расулиён Қ. Гунди Шопур//Энсиклопедияи миллии тоҷик. - Ҷ. 4. - Душанбе: СИЭМТ, 2015. - С.584-585.
[2] Таърихи фалсафаи тоҷик. Дар панҷ ҷилд. Ҷилди 1. – С.468.

шудаанд, сохта шудааст. Инчунин, аз матни ин ду иқтибоси овардашуда ду шакли навишти номи Гунди Шопур ба назар мерасад, ки хонандаро оид ба муайян кардани шакли дурусти он ба андеша водор менамояд: "Гунди Шопур" ва "Гунди шоҳпаҳур". Дар бештари таҳқиқотҳо шакли дурусти он Гунди Шопур мебошад, бинобар ин мо дар матни зерфасл ин вариантро мавриди истифода қарор медиҳем.

Муаррихи шинохтаи тоҷик Ю.Яқубов андешаҳои фавқуззикрро дар бобати он ки Шопури I асосгузори ин маркзи илмӣ-фарҳангӣ мебошад, чунин асоснок менамояд, ки "Шопури I бо духтари императори Рум - Аврелиан (Aurelianus, 214-275) хонадор шуда, ин румидухтар ҳамроҳи худ ду табиби юнониро ба Гунди Шопур овард, ки таълимоти онҳо бар пояи тибби Буқрот асос ёфта буд.[1]

Инчунин, иттилоъе мавҷуд аст, ки соли 529 баъд аз он ки императори Византия Юстиниан тамоми академияҳои амалкунандаи Афина, аз ҷумла Искандария ва Раҳо (Эдесса)-ро мебандад, донишмандони ин мактабҳои бонуфуз ба Эрон омада, дар Академияи Гунди Шопур ба фаъолият мепардозанд. Ба он хотир, ки онҳо аз нуфуз ва эътибори ин Академия, ки бо дастгирии  Шопури I ба як маркази илмӣ-фарҳангии ҷаҳонӣ табдил ёфта ва олимони ҳамаи соҳаҳои илм ба пешрафт нойил гашта буданд, огоҳӣ доштанд.

Сарвари аввалини фарҳангистони Гунди Шопур - Бахтишӯи I, ки аслу насабаш аз Сурияи насронӣ буд, ба ҳисоб мерафт. Дар баробари ӯ, дар муассисаи мазкур як зумра пизишкон бо оилаашон фаъолият менамуданд. Зеро, аз нимаи аввали асри VI то асри XI дар оилаи Бахтишӯ пешаи пизишкӣ меросӣ буд. Машҳуртарини табиби сулолаи Бахтишӯ - Ҷурҷис буда, асари арзишманди ӯ «Пандектҳои машҳур» ном дошт. Ҷурҷис соли 755 ба сифати мудири дармонгоҳ (клиника) - мактаби тиббии Гунди Шопур бо шогирдонаш Айс ва Иброҳим ба назди халифаи бемори Бағдод ал-Мансур хонда шуда, ӯро муолиҷа кардаанд.Ҷурҷис бо

[1] Яқубов Ю. Ёдгориҳои болооби Зарафшон. - Душанбе, 1977. - С.10-35.

хоҳиши халифа чор сол дар Бағдод монда, таҷрибаи худро ба табибони маҳаллӣ омӯзонда, якчанд асарҳои тиббиро дар он ҷо аз забони юнонӣ ба забони арабӣ тарҷума мекунад. Писари Ҷурҷис - Бахтишӯи II (соли 801 вафоташ), ки касби падарро пеша карда буд, табиби асосии халифаи Бағдод - Рашид буд, ки вай саломатии худро ба ин табиб пурра бовар мекард. Умумуман, сулолаи Бахтишӯ бештар аз 200 сол сарварии табибонро дар Гунди Шопур бар ухда дошта, аз муассисони он маҳсуб мешуданд.

Ба хотири татбиқи сиёсати фарҳанггустарӣ ва рушди соҳаҳои илм Шопури I ба донишмандон шароити хуби ба таҳқиқ машғул шуданро фароҳам оварда, онҳоро вазифадор мекард, ки асарҳои машҳури табибони Юнону Ҳиндро ба забони паҳлавӣ, ки забони давлатии Сосониён ба ҳисоб мерафт, тарҷума кунанд. Инчунин, барои эҳёи арзишҳои гузаштаи фарҳанги миллӣ ба онҳо амр медиҳад, ки матнҳои Авесторо гирд оварда, мураттаб намоянд. Ҳамаи ин кӯшишҳо ва дастгириҳои Шопури I ва минбаъд дигар подшоҳони сосонӣ ба он мусоидат кард, ки фарҳангистон дар давоми мавҷудияти наздик ба 400-солаи худ ба маркази ҳақиқии рушди илму фарҳанг табдил ёбад.

Донишмандони шинохтаи тоҷик Ю.Б.Исҳоқӣ ва Я.Тоҷиев дар таҳқиқоти худ “Таърихи мухтасари тибби тоҷик” бештар ба рушди соҳаи тибб дар аҳди Сосониён таваҷҷуҳи хосса додаанд. Дар асосии таҳқиқи паҳлуҳои алоҳидаи мавзуъ маълумот медиҳанд, ки “Табибон ба тоифаи махсуси аҳли давлати Сосониён мансуб гардида, сазовори ҳурмату эҳтиром буданд ва имтиёзҳои хос дошта, аз андозу хироҷ озод буданд”.[1]

Муаррих Қифтӣ низ оид ба масъалаи рушди соҳаи тибб дар аҳди салтанати Сосониён мароқи хосса зоҳир карда, дар асоси омӯзиши сарчашмаҳо маълумот медиҳад, ки “тибби эронӣ ба туфайли Академияи

[1] Исҳоқӣ, Ю., Тоҷиев, Я. Таърихи мухтасари тибби тоҷик. -Душанбе, 1993.- С.120.

Гунди Шопур ва бемористони он аз рӯйи дараҷаи дониш ва натоиҷи амалӣ аз тибби юнонӣ пеш гузашта буд.[1]

Дар тафриқа аз маълумоти пешниҳодкардаи муҳаққиқони қаблӣ донишманди тоҷик С.Ғуломшоев дар асоси омӯзиши сарчашмаҳо ва таҳқиқотҳои алоҳидаи анҷомёфта, ба мавзуъ баҳои яктарафа дода, ба чунин хулоса меояд, ки “Академияи Гунди Шопур нахустин маркази тиббии ҷаҳон аст, ки то андозае дар он ҷо илми тиб аз таъсири дин озод гашт ва заминаи махсуси муолиҷавӣ ва шуъбаи дорусозӣ дошт. Раванди таълим аз қисмҳои назариявӣ ва амалӣ иборат буда, то панҷ сол дарс сурат мегирифт. Дар барномаи таълимии табибон ғайр аз омӯзиши фанҳои тиббӣ боз омӯзиши забону адабиёт, таърих, илми нуҷум, санъати сухан, фалсафа ва ғайра пешбинӣ мешуд. Донишҷӯён бо забонҳои паҳлавӣ ва юнонӣ ва суриёнӣ таҳсил мекарданд. Савияи донишу малакаи донишҷӯён бевосита дар сари бистари бемор санҷида мешуд. Дар давлати Сосониён ду гурӯҳ табибон - табибони ҷисм ва табибони руҳ амал мекарданд. Якум беморонро бо ёрии дорую теғи ҷарроҳӣ ва дуюм (табибони руҳшинос - тимсоли психотерапевтони ҳозира) бо ёрии сеҳри сухан, маросиму дуохонӣ ва соири воситаҳои таъсир ба руҳи бемор муолиҷа мекарданд».[2]

Воқеан, андешаи муҳаққиқ дар мавриди он ки Гунди Шопур маркази тибби ҷаҳонӣ мебошад, асоси илмӣ дорад. Аммо ин фарҳангистон на танҳо маркази рушди илми тибб, тарбия кардани табибон ба ҳисоб мерафт, балки як маркази пуриқтидори илмӣ-фарҳангӣ буд, ки дар он донишмандони ҳамаи соҳаҳои илм: фалсафа, ахлоқ, нуҷум, ҷуғрофия, меъморӣ ва ғайра ҷамъ оварда шуда, ба рушди онҳо саҳми назаррас гузоштаанд. Далели дигари тасдиқкунанда он аст, ки барои таҳсил дар Академияи мазкур вобаста ба тахассус он ҷавононе қабул карда мешуданд, ки ҳафт соҳаи муҳимтарини илм: сарфу наҳв, ҳандаса, ҳисоб,

---

[1] Қифтӣ. Таърих-ал-хукамо. – Теҳрон, 1348. – С.216.
[2]Ғуломшоев, С. Таъсис ва рушди академияи Гунди Шопур. /*С.Ғуломшоев.*/https://cyberleninka.ru/article/n/tasis-va-rushdi-akademiyai-gundi-shopur/viewer. Таърихи муроҷиат: 30.09.2023с.

нуҷум, диалектика, илми маонӣ ва баён, мусиқиро омӯхта, дониши кофӣ дошта бошанд.

Андешаи муҳаққиқ дар мавриди он ки дар давраи Сосониён табибон ба ду гурӯҳ тақсим шуда, яке бемориҳои ҷисми инсон ва дигарӣ маризиҳои руҳиро табобат мекарданд низ асоси воқеӣ дорад. Масалан, дар китоби сеюми "Динкард" (ё "Динкарт") рисолаи хурде доир ба тиб бахшида шудааст, ки аз як манбаи давраи сосонӣ маншаъ мегирад. Дар ин рисола муаллиф "сиҳатии ҷисмониро аз сиҳатии руҳонӣ тамйиз медиҳад ва дар айни он аз табибони рӯҳонӣ ва аз мутахассисони тибби ҷисмонӣ ҳар як ҷудогона сухан мегӯяд. Чунин ба назар мерасад, ки баъзе мавозибҳои руҳониро ҳам дар тибби ҷисмонӣ, яъне тиб ба маънои ахс лозим медонистааст".[1]

Инчунин, ба ду тарз ба роҳ мондани табобати беморон инъикоси худро дар таълимоти мутафаккирони марҳилаҳои баъдина, аз ҷумла Абубакри Розӣ, ки дар асари худ «Тибби руҳонӣ» ба ин мавзуъ таваҷҷуҳи хосса медиҳад ва тиббро ба ду бахш: тибби ҷисмонӣ ва тибби рӯҳонӣ тақсим мекунад, баръало мушоҳида мешавад.

Ё худ дар рисолаи мазкур муаллиф чунин тавсия медиҳад, ки "пизишк бояд истеъдоди ташхиси дақиқи бемориро дошта, мутолеоти фаровон карда бошад, аъзои ҷисм ва мафосилро бишносад, доруҳо ва қавоиди онҳо бидонад, некхӯй ва ширинсухан бошад..."[2]

Тавассути сухан ва сеҳри он табобат кардани беморон, ки дар илми муосир бо номи психотерапия маъмул аст ва маншаъ аз тибби аҳди сосониён мегирад, фазилати баланд, сифатҳои ҳамидаи ахлоқии табибро талаб мекард. Зеро бо лаҳни дурушту сухани ноҷо, нофорамкунанда ба дарди бемор даво бахшидан ногузир аст.

Инчунин, дар рисолаи мазкур муаллиф дар бораи тақсимбандӣ ва тафриқаи бемориҳо таваҷҷуҳ зоҳир намекунад, байни кирдори бад, гуноҳ ва беморӣ фарқиятро нишон намедиҳад. Аммо як андешаи ҷолиб баён медорад,

[1] Сафо Забеҳулло. Пизишкӣ дар Эрон пеш аз ислом//Солномаи кишвари Эрон. – Теҳрон, 1329. – С.48.
[2] Ҳамин асар… - С.48.

ки хашм, дурӯғ, худситоӣ, худнамоӣ, бетамизӣ ва ғайра ба мисли пӯсидагӣ, хӯроки вайроншуда, гуруснагӣ, ташнагӣ, пирӣ, дард ва ғайра аз навъҳои беморӣ ба ҳисоб мераванд.

Муҳаққиқи тоҷик Ю.Нуралиев низ оид ба рушди илми тибб дар Академияи Гунди Шопур таҳқиқот анҷом дода, қайд мекунад, ки яке аз талаботи асосии раванди таълим дар ин марказ он буд, ки муҳассилин дар баробари илми тибби Эрони қадим илми тибби ҳинду араб ва юнонию римиро омӯзанд, аз дастовардҳои онҳо воқиф шаванд ва минбаъд дар фаъолияти амалии худ аз онҳо истифода баранд. Талаботи дигар ин буд, ки табиб бояд сохти узвҳои одамро нағз донад, вазифаҳояшро ба хубӣ иҷро кунад, китоби бисёр хонад, дар бораи гиёҳҳои шифобахш дониши ҳаматарафа дошта бошад, асбоби ҷарроҳиро истифода карда тавонад, дар мавриди зарурӣ ба аёдати беморон ҳозир шавад, дунболи сарвату давлат нагашта, аз рӯйи меҳру шафқат ва накӯкорӣ беморонро муолиҷаю парасторӣ намуда, вазифаи худро садоқатмандона иҷро кунад ва нисбат ба беморон меҳрубону пуртоқат бошад. Донишгоҳи тиббии Гунди Шопур дар давраи Сосониён аз нахустин марказҳои таълимиву тиббии ҷаҳон ба шумор меравад, ки дар баробари табобати маризон, инчунин табибонро низ омода мекард ва дар назди ин бемористонҳо нахустин дорухонаҳо ба вуҷуд омаданд.[1]

Аз ин маълумот чунин хулоса метавон баровард, ки табиб бояд аз ҳамаи соҳаҳои муҳимми илм дониши зарурӣ ба даст оварад. Фазилатҳои баланди ахлоқиро дар раванди фаъолият риоя дорад. Бо ҳамкорон ва маризон бо лутфу меҳрубонӣ суҳбат орояд, зимни иҷрои вазифаи худ бомасъулият ва ба касб содиқ бошад. Дурушту бадмуомила ва тамаъкор набошад. Пайдоиши илми дорусозӣ ва бунёд кардани дорухонаҳо аз сатҳи баланди рушди илми ҷуғрофия, гиёҳшиносӣ ва тиб дар ин фарҳангистон далолат мекунад, ки баъдан дар дигар кишварҳои Шарқу Ғарб интиқол гашта, ташаккулу таҳаввул ёфтанд.

---

[1] Нуралиев, Ю. Медицина эпохи Авиценны. - Душанбе, 1981. - 192с. - С.94.

Ҳамин тавр, дар ибтидо, Гунди Шопур дар баробари шаҳр ва ё урдугоҳи низомӣ будан, инчунин маркази дини масеҳиёни Эрон ба ҳисоб рафта, баъдан бо номи ҳавзаи дини метрополитен шинохта мешавад. Зеро, марказҳои динии исавиёни Эрон ва масеҳиёни Байнаннаҳрайн, ки тавассути забони суриёнӣ байни ҳам робита барқарор мекарданд, бо ҳавзаҳои илмии Кинесрин, Ҳарон, Нисибин ва ғайра ҳамкориро ба роҳ монда буданд. Ин вазъ ба он мусоидат кард, ки Гунди Шопур ба як маркази илмию сиёсӣ, мактаби тарбияи инсон ва муколамаи фарҳангҳо, ташаккули ахлоқи ҳамида, ки дар заминаи адолат ва принсипи баробарии иҷтимоӣ фаъолиятро ба роҳ монда буд, табдил ёбад.

Инчунин, дар фарқият аз дигар марказҳои илмии амалкунандаи давр, Академияи Гунди Шопур вобаста ба равия ва соҳаҳои таҳқиқот сохторҳои мухталифи худро дошт. Масалан, дар паҳлуи донишкадаи пизишкии Академияи Гунди Шопур бемористони бузург таъсис дода шуда буд, ки дар он, дар баробари таълим гирифтан, инчунин донишҷӯён беморонро низ табобат мекарданд. Ба роҳ мондани чунин усули раванди таълим ба он мусоидат кард, ки донишҷӯён дар бемористони назди муассиса донишҳои назариявии азбаркардаро дар амалия татбиқ намоянд. Ҳангоми ташхис ва муносибат бо беморон ҷиҳати ташаккул додани этикаи тиббӣ таҷриба андӯзанд.

Умуман, дар аҳди салтанати Анӯшервони Одил (ҳукмронӣ 531-578) муассисаҳои илмию табобатии ин Академия эътибори бештар пайдо мекунанд. Зеро ба ин муассиса барои таълим ва табобати беморон, рушди соҳаҳои дигари илм донишмандон аз кишварҳои Юнону Ҳинд ҷалб карда мешаванд. Шиори «Донишу хирад аз шамшер зӯртар аст», ки дар пештоқи дарвозаи фарҳангистон сабт ёфтааст, гувоҳӣ аз он медод, ки ин Академия аз як тараф, урдугоҳи ҷангӣ набуда, балки як маркази эҳёи арзишҳои фарҳангӣ, рушди ахлоқ, илму маданият, таълиму тарбияи мутахассисон, мактаби таҳияву таълифи асарҳои илмии соҳавӣ, тарҷумаи китобҳои арзишманди илмӣ-фалсафии мутафаккирони аҳди антиқа,

навиштани тафсиру тавзеҳот ба онҳо мебошад. Аз тарафи дигар, сабти шиори мазкур далолат аз он мекард, ки подшоҳони сосонӣ фазилати баланди инсонӣ, ахлоқӣ ва сарварӣ дошта, низоми давлатдориашон дар доираи риояи меъёрҳои адолати иҷтимоӣ ва таъмини баробарии иҷтимоии тамоми қишрҳои ҷомеа, новобаста аз забон, ҷинс, нажод, умумияти этникӣ ва ғайра ба роҳ монда шудааст.

Ба ибораи дигар, сабти чунин шиор маънои онро дошт, ки дониш рӯшаникунандаи ақл аст ва подшоҳе, ки дар низоми давлатдорӣ илму донишро асоси пешрафт ва тараққии ҷомеа ҳисобида, ба рушди он мароқи хосса зоҳир менамояд, қодир аст, ки аз иҷрои ҳама гуна масъалаҳои бамиёномадаи кишвардорӣ барояд, онҳоро ақлонӣ баррасӣ ва ҳаллу фасл намуда, рушди ҷомеа ва хушнудии мардумро таъмин гардонад. Акси ҳол, ба таври зӯрию зарби шамшер адолат ва баробарии иҷтимоӣ дар низоми давлатдорӣ таъмин карда намешавад ва ҷабру зулм мардумро аз сиёсати роҳандозикардаи подшоҳ нохушнуд карда, низоъро дар байни қишрҳои гуногуни аҳолӣ ривоҷ дода, ба порокандагӣ меорад.

Ба хотири рушди фарҳанги маънавӣ талошҳои Хусрави I беназир мебошанд. Маҳз бо ибтикори ӯ донишмандони маркази илмӣ-фарҳангии Гунди Шопур мероси адабии характери панду ахлоқидоштаи мардуми Ҳинд «Калила ва Димна»-ро ба забони паҳлавӣ тарҷума карданд. Минбаъд ин асари панду ахлоқӣ «Дар давоми таърихи қариб зиёда аз ҳазор сол он борҳо ба назм дароварда шудааст, ба сабку услуби гуногун таҳрир ёфтааст, на фақат ба эътибори талаботи ғоявии замон, инчунин бо таъсири завқу салиқаҳои мухталифи бадеии ҳар давр тағйиротҳои ҷиддӣ пазируфтааст. Аммо руҳи халқӣ, ҳикмати бузурги халқии он, ки ифодаи орзуҳои нек ва хиради ҷовидонаи инсоният аст, ҳамеша барқарор буд ва аз талотуму ошӯбҳои асрҳо гузашта, то замони мо расидааст».[1]

[1] Калила ва Димна (Аз рӯи «Анвори Суҳайлӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ).- Душанбе: «Маориф ва фарҳанг», 2019, 316с. – С.3.

Ба андешаи мо, ҳарчанд асари мазкур мероси адабии мардуми Ҳинд ба ҳисоб меравад, вале бо мурури замон, бо ташаббуси бевоситаи подшоҳони сосонӣ арзишҳои ахлоқии он ба фарҳангҳои дигар интиқол ёфта, характери умуминсонӣ касб карданд. Арзишҳои ахлоқии он аз давраи атиқа ва марҳилаҳои таърихии баъдина ҳамчун занҷирае барои пайванди наслҳо, ташкилу тақвияти муколамаи фарҳангҳо мусоидат карда, таъсири худро дар ташаккули ҳаёти маънавии инсоният гузошт.

Ин асар дар адабиёти Ҳинд бо номи «Панҷатанра» («Панҷ китоб») машҳур буд, ки аз ҷониби муаллифи номаълуме тахминан дар асри IV-и то милод таълиф шудааст. Матни аслии китоби мазкур аз байн рафта, аммо тарҷума бо таҳрире, ки соли 1199 сурат гирифтааст, умри ин асарро ҷовидонӣ намуд. Хусрави Анӯшервон (531-579) ин китобро тавассути Барзуя ном ҳакими донишманд, ки ӯро барои пайдо кардани ин ганҷинаи маънавӣ ба Ҳинд мефиристад, дастрас менамояд. Дар бораи пайдо кардани ин ганҷинаи ахлоқӣ ва интиқол додани он ба кишвари Эрон чунин иттилое мавҷуд аст, ки Хусрави Анӯшервон мешунавад, ки дар кӯҳҳои Ҳинд гиёҳе мерӯидааст, ки агар онро ба мурда диҳанд зинда мешудаст. Шоҳ барои ба даст овардани он Барзуя ном ҳакими худро ба Ҳинд мефиристад. Барзуя дар Ҳиндустон ҳарчанд ҷустуҷӯ мекунад, вале аз ин гиёҳ асаре пайдо намекунад. Баъдан, аз донишмандони кӯҳансоли Ҳинд сирри ин «гиёҳи ҷонбахш»-ро мефаҳмад. Гиёҳи ҷонбахш китоби «Калила ва Димна» буда, ҳикматҳои волои он нодону бедонишро, ки чун мурдаанд, донову бино мекардааст. Барзуя ин асарро пайдо карда, нусхаи онро ба Эрон меорад ва ба забони паҳлавӣ тарҷума менамояд. Дар асоси тарҷумаи паҳлавии асари мазкур Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ, ки худ аз донишманди эронитабор буд, арзиши ахлоқии асарро ба эътибор гирифта, онро ба забони арабӣ бармегардонад.

Тарҷумаи асар бо забони паҳлавӣ, баъдан тоҷикӣ-форсӣ на танҳо арзишҳои панду ахлоқиии онро ба фарҳанги тоҷику форс ворид кард, балки ба забони арабӣ тарҷума шудани он аз ҷониби донишмандони тоҷиктабор боиси он гардид, ки аз як тараф, арзишҳои панду ахлоқии ин

асар ба тамаддуни араб дохил гашта, барои рафъи камбудиҳои ҷомеа, аз ҷумла тартиби идораи давлатдорӣ, ҷорӣ доштани адолати иҷтимоӣ, бартараф кардани нобаробариҳои иҷтимоӣ, танзими муносибатҳои оилавӣ ва ғайра мавриди истифода қарор гиранд.

Аз тарафи дигар, тарҷума шудани асар ба забони арабӣ ба он мусоидат кард, ки матни пурраи он бо таҳрири нав, бо забонҳои юнонӣ, славянӣ, яҳудӣ (ибрӣ), лотинӣ ва ғайра тарҷума шуда, ба фарҳанги Аврупо интиқол ёбад. Тавсияву пешниҳод ва арзишҳои панду ахлоқии асар барои тақвият додани гуфтугӯи фарҳангҳо мусоидат намояд.

Баъдан намояндагони миллатҳои дигар бо забонҳои гуногун онро тарҷума карданд, ки дар натиҷа арзишҳои ахлоқии китоб ба дигар фарҳангу тамаддунҳо омезиш ёфт. Инчунин, роҳ ёфтани арзишҳои ахлоқӣ ва пандомезонаи «Калила ва Димна» ба маъвизаю тарғиботҳои динӣ, ба таълифи асарҳои характери иҷтимоӣ-сиёсидошта низ таъсири худро гузошт. Дар натиҷа, тавсияву пешниҳодҳои муфиди дар асар дарҷёфта барои бартараф кардани амалҳои зишту нораво, низоъҳои байниқавмию байнидавлатӣ ва дигар бархӯрдҳои сиёсию иҷтимоӣ ва динӣ мусоидат карданд.

Хусусан, бо саъю кушиши вазири донишманди Сомониён Абулфазли Балъамӣ аз арабӣ ба форсӣ тарҷума гаштани асари мазкур ба он боис шуд, ки вобаста ба талаботи замон аз ҷониби шоирони тоҷику форс мазмуни он ба риштаи назм кашида шавад. Достони «Калила ва Димна»-и Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ аз зумраи ин дастовардҳо мебошад. Дар баробари ин, маводи панду ахлоқии асар барои ташаккули ҷаҳонбинӣ ва таълифи асарҳои панду ахлоқии Саъдии Шерозӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Низомию Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва дигар ҳакимону донишпажӯҳони давраҳои гуногуни таърихӣ ба сифати як сарчашмаи боэътимод хизмат намуд. Мутолиа ва муқоисаи матни асарҳои онҳо бо матни китоби «Калила ва Димна» нишон медиҳанд, ки аз ҷиҳати ғоявӣ байни андешаҳои онҳо монандӣ ба назар мерасад.

Дар асри XII бошад, аз ҷониби адиб ва муншии машҳури Баҳромшоҳи Ғазнавӣ (1118-1157) Абулмаолӣ Насрулло аз рӯйи таҳрири арабии Ибни Муқаффаъ ба форсӣ аз нав тарҷума ёфтани «Калила ва Димна», барқарор кардани мазмуни ахлоқӣ ва фалсафии он, такмил додани он бо овардани иқтибосҳо аз китобҳои фалсафию ахлоқии илми калом, илова кардани абёти пандомезонаи шоирони классики тоҷику форс боис гардид, ки асари мазкур аз нав эҳё гашта, такмилу танзим ёбад.

Аммо тарҷумаи Абулмаолӣ Насрулло вобаста ба табаддулот ва тағйиротҳое, ки дар ҳаёти иҷтимоию фарҳангӣ ва сиёсии давр рӯй доданд, арзиши худро аз даст дод. Бинобар ин, дар асри XV нависанда ва воизи беҳамтои тоҷик Ҳусайн Воизи Кошифӣ ҳарчанд сабки навишт, забони фасеҳу фаҳмои тарҷумаи асари мазкурро аз тарафи Абулмаолӣ Насрулло баҳои баланд медиҳад, вале мегӯяд, ки «...азбаски баъзе аз иборату луғоти ин китоб кӯҳна шуда, истиораву ташбеҳоти пӯшида ниҳоят бисёр дорад, ин китоб аз назари хонандагони замони ӯ дур мондааст».[1]

Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар асоси тарҷумаи Абулмаолӣ Насрулло, ки он замон аз адибони машҳури Шайх Аҳмади Суҳайлӣ аз амирони Султон Бойқаро (1468-1506) ба ҳисоб мерафт, ба шарафи ӯ ин асарро аз нав таҳриру такмил дода, ба он «Анвори Суҳайлӣ» ном медиҳад. Кошифӣ тартиб ва бобҳои асарро, ки Абулмаолӣ Насрулло таҳия кардааст тағйир намедиҳад, аммо вобаста ба мазмуни бобҳо дар номи онҳо тағйирот ворид мекунад. Муаллиф қариб дар ҳамаи бобҳои китоб дар шарҳи ин ё он муддао аз забони иштироккунандагони ҳодисаҳо чандин тамсил ва ҳикояҳои хурд илова менамояд. Назар ба китоби Абулмаолӣ Насрулло ҳаҷми ҳикояҳоро васеътар намуда, онҳоро ба тафсил нақл мекунад. Ҳамзамон, барои тасдиқи фикри худ иқтибосҳо аз

[1] Калила ва Димна (Аз рӯи «Анвори Суҳайлӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ.- С.6.

китобҳои илми фиқҳ, ҳадис ва абёти пандомезонаи шоирон истифода мебарад.[1]

Умуман, дар таърихи қариб дуҳазорсола арзишҳои ахлоқии ин асар ба фарҳангҳои дигар интиқол ёфта, барои вусъат бахшидаи муколамаи тамаддунҳо мусоидат намуд. Пеш аз ҳама муҳиммияти худро дар роҳи бартараф кардани мушкилоти сиёсӣ-иҷтимоӣ, ҳалли нобаробариҳои ҷамъиятӣ, танзими муносибатҳои ахлоқӣ, тарғиб ва тараннуми сулҳу дӯстӣ, рафоқату якдигарфаҳмӣ ва ғайра аз даст надод.

Омезиш ёфтани арзишҳои панду ахлоқии асар ба фарҳанги тоҷикон ва дигар халқиятҳои ҷомеаи инсонӣ боиси эътибори зиёд пайдо кардан он гардид. Хусусан, васиятҳои Ҳушанг ба Рои аъзам Добшилим, ки дар боби оини давлатдории асар, дар сездаҳ номгӯ пешниҳод шуданд фарогири масъалаҳое мебошанд, ки имрӯз ҳам барои ҳаллу фасли мушкилоти пайдошудаи низоми идораи давлатӣ муҳиммияти худро аз даст надодаанд. Намунае аз ин тавсияҳоро ба гунаи мисол меоварем:

1) он аст, ки агар подшоҳ ҳар касро аз ҷумлаи мулозимонаш ба худ наздик созад, ҳаргиз бадгӯии дигаронро дар ҳаққи ӯ қабул насозад. Зеро ҳар кӣ ба подшоҳ наздик шуд, албатта ҷамъе аз ҳамкорон ба ӯ ҳасад мебаранд ва дар ҳаққи ӯ ҳар гуна бадгӯӣ мекунанд, то ӯро аз пой дароваранд;

2) ба маҷлиси худ касони хабаркаш ва ғараздорро роҳ надиҳад ва агар ин сифатро аз касе мушоҳида кунад, ҳар чӣ зудтар дар паи пешгирии зарари ӯ шавад;

3) бо арбоби давлати худ ҳамеша тариқи мувофиқат ва некухоҳиро риоят намояд, зеро ба иттифоқи дӯстони якдилу якҷиҳат кор ҳамеша пешрав аст;

4) ба лутфу меҳрубонии душман ҳаргиз бовар накунад, ки аз душман ҳаргиз дӯстӣ наояд;

[1] Калила ва Димна (Аз рӯи «Анвори Суҳайлӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ.- С.14.

5) чун гавҳари мурод ба даст даромад, дар муҳофизати он ғафлат накунад, ки агар бодо мақсуд аз даст равад, ба даст овардани он басо душвор аст ва дар рафтани он пушаймонӣ суд надорад;

6) дар корҳо шитобзадагӣ ва сабуккорӣ накунад, балки тааммулу таанниро пеш гирад, ки зарари таъҷил бисёр ва манфиати сабру сукун бешумор аст;

7) ҳеҷ гоҳ тадбиру чораандеширо фурӯ нагузорад. Чун бинад, ки ҷамъе аз душманон ба қасди вай иттифоқ карданд, салоҳ дар он бинад, ки бо яке аз онҳо дӯстиву меҳрубонӣ карда, ба ин васила роҳи халосӣ пайдо кунад;

8) аз касони ҳасуд ва бадкина ҳазар кунад ва ба нармзабонии онҳо мағрур нашавад, чун ниҳоли кина дар замини сина нишонда шуд, самари он танҳо зарару озор хоҳад буд;

9) афв ва бахшидани гуноҳро шиори худ созад ва мулозимони худро ба андак ҷарима ба азобу шиканҷа гирифтор насозад;

10) гирди озори ҳеҷ кас нагардад, то ки ба тариқи мукофот ба худи ӯ зараре нарасад;

11) ба коре, ки мувофиқи тавру лоиқи ҳоли ӯ набошад, майл накунад;

12) дар корҳо ҳамеша ҳалиму вазнин ва босубот бошад;

13) мулозимони амин ва боэътимод ба даст оварда аз мардуми хоин ва ғаддор дурӣ гузинад.[1]

Аз таҳлил ва муқоисаи ин тавсияҳо маълум мегардад, ки мавзуҳои асосии онро масъалаҳои марбут ба тарбияи инсонӣ, тарзи ақлонӣ ва одилона идора кардани давлат, ҷобаҷогузории кадрҳои идораи давлатӣ, ҷорӣ кардани адолати иҷтимоӣ ва риоя кардани меъёрҳои он ҳангоми баррасӣ ва ҳалли мушкилоти бавуҷудомада, тарғиби саховатмандӣ ва таҳаммулгароӣ, андӯхтан ва азбар кардани касбу ҳунар, дастгирии қишри эҳтиёҷманд ва нодор, барқарор доштани баробарии иҷтимоӣ ва ғайра ташкил медиҳанд.

---

[1] Калила ва Димна (Аз рӯи асари «Анвори Суҳайлӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ.- С.12-13.

Аз ин рӯ, ин китобро метавон як дастурамали нодире барои подшоҳон ҳисобид. Зеро бо вуҷуди тағйиротҳои сиёсию иҷтимоии марҳилаҳои гуногуни таърихӣ ҳикматҳои он дархури мардум ва ҷомеа гардида, аз истифода дур намонданд. Хусусан, андешаҳои ахлоқию фалсафии китоб дар ташаккули ҷаҳонбинии ахлоқию сиёсии мутафаккирони тоҷик таъсири худро расонидааст. Аз ҷумла, дар боби оини давлатдорӣ ва назму тартиби кишвар андешаҳои Низомулмулк дар асари «Сиёсатнома», ақидаҳои арзишманди Муҳаммад Ғаззолӣ дар китоби «Насиҳат-ул-мулук», андешаҳои Мирсаид Алии Ҳамадонӣ дар китоби «Захират-ул-мулук» ва ақидаҳои Аҳмади Дониш дар асари «Рисола дар назми тамаддун ва таъовун» баррасӣ ёфтаанд. Ақидаҳои ин мутафаккирон бо ин 13 тавсияи дар китоби «Калила ва Димна» дарҷёфта ҳарчанд шаклан фарқ кунанд ҳам, аммо аз ҷиҳати ғоявӣ ба ҳам монандии наздик доранд. Масалан, Аҳмади Дониш айнан чун Муҳаммад Ғаззолӣ ва Мир Саид Алии Ҳамадонӣ симои сарварро дар адлгустарии ӯ мебинад. Бинобар ин, баҳри ба ин поя ороста гардонидани остонаи давлат иҷрои даҳ шартро ҳатмӣ ва муҳим меҳисобад, ки бо 13 тавсияҳои дар китоби «Калила ва Димна» дарҷёфта, шабоҳати наздики идеявӣ доранд.

Дар баробари маркази илмӣ-таълимӣ будан, инчунин Академияи мазкур дорои китобхонаи бузург буд, ки 259 утоқро ташкил медод. Дар утоқҳо вобаста ба соҳаи илм сарчашмаҳо ва осори маҳфузбуда, ки ба забонҳои гуногун: паҳлавӣ, юнонӣ ва санскрит таҳия ва ба нашррасида буданд, нигоҳдорӣ карда мешуд. Бунёди китобхона ва нигоҳ доштани китобҳои арзишманди соҳавӣ дар он ба он боис шуд, ки дар миёни аҳолӣ таваҷҷуҳ ба китоб ва китобхонӣ зиёд гардад. Муҳаққиқони ҷавон тавонанд, ки сарчашмаи зарурииро саривақт дастрас карда, аз мавзуи мавриди назар маводи лозимаро дастрас намоянд.

Инчунин, ба маълумоти Ю.Б.Исҳоқӣ ва Я.Тоҷиев “Ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки Академияи Гунди Шопур ҳамчун маркази ташкили бисёр ҷамъомадҳои олимон интихоб мегардид. Масалан, бо амри Хусрави I

Анӯшервон ҳанӯз соли 561 дар Гунди Шопур аввалин ҳамоиши олимони тибби донишгоҳҳои қариб ҳамаи давлатҳои мутараққӣ даъват шуда, он ба инкишофи минбаъдаи илми тиб мусоидат намуд”.[1]

Мувофиқи маълумоти донишмандони дигари тибби тоҷик Ю.Н.Нуралиев ва Ҷ.Додалишоев “Хизмати калони шоҳони сосонӣ ва мутахассисони тибби тоҷику форс дар он аст, ки онҳо тибби «Авасто»-ро бо илми тибби юнонӣ, ҳиндӣ, тибетӣ мутобиқ намуда, онро аз маҳдудияти чандинасраи динӣ озод карда, зина ба зина баланд бардоштанд. Дар соҳаи тиб усулҳои навтарини муолиҷаро кашф ва тавсия кардаанд, ки назар ба усулҳои мактабҳои тиббии юнонию ҳинд самараноктар буданд. Ихтироъ ва истифодаи доруҳо ривоҷ ёфта, истифодаи васеи омехтаҳои тилло, нуқра, мис, оҳан ва хлору сулфат оғоз гардид. Маҳз аз ин давра масъалаҳои муҳофизати модару кӯдак, гигиенаи шахсӣ ва ҷамъиятӣ, масъалаҳои одобу ахлоқи тиббӣ матраҳ гардид.[2]

Бояд зикр намуд, ки доир ба тиббу дорусозӣ аввалин маротиба дар қисмати «Вандидод» - и китоби «Авасто» низ маълумот дода шудааст. Дар ин сарчашма оид ба зиёда аз сад намуди гиёҳҳои шифобахш, ба мисли қоқу, хума (бандак), сипанд, зира, кунҷит, сир, пиёз, сабзӣ, турб ва ғайра номбар мешаванд, ки дар байни онҳо «хаома» (хома) хеле машҳур буд. Ин растанӣ дар байни мардум бо номи ҳум ё бандак маълум буда, аз вай бо усули махсус шарбати «хаома» тайёр мекарданд.[3]

Тибқи таълимоти зардуштия масъалаи бунёди оила ва одоби оиладорӣ низ аз ҷузъҳои фалсафаи амалӣ ба ҳисоб мерафт ва барои табибон риоя кардани рукнҳои он муҳим арзёбӣ мешуд. Махсусан, “бо ёрии табибон таълимоти Авасто доир ба никоҳ ва бунёди оила боз ҳам инкишоф ёфта, маҷмуаи махсуси қонунҳо интишор гардиданд, ки чанд фасли он ба масъалаи никоҳ ва оила бахшида шуда буд. Ин қонунҳо манфиати модар

---

[1] Исҳоқӣ, Ю. Б., Тоҷиев, Я. Таърихи тиб. - Душанбе, 1997. – С.60.
[2] Нуралиев, Ю.Н., Додалишоев, Ҷ. Гиёҳномаи Абӯмансури Муваффақ. -Душанбе: Ирфон, 1989. – С. 4-12.
[3] Исҳоқӣ, Ю., Тоҷиев, Я. Таърихи мухтасари тибби тоҷик. - Душанбе, 1993. - С.90.

ва кӯдакро ҳифз мекарданд. Никоҳи байни хешовандони наздик манъ шуда, духтарони 14-сола ва писарони 16-18 сола ба балоғатрасида дониста мешуданд. Никоҳ фақат дар сурате имконпазир дониста мешуд, ки агар шавҳару ҳамсар ҳамдигарро аз рӯйи меҳру муҳаббат интихоб карда бошанд. Амалияи муоҳидаи никоҳ дар ҳузури камаш панҷ шоҳид пеш аз заношӯйӣ тартиб дода шуда, ба он муоҳида домоду арӯс ва шоҳидон имзо мегузоштанду муҳр мемонданд. Мувофиқи муоҳидаи никоҳ шавҳар ва зан ҳардуяшон баробарҳуқуқ дониста мешуданд ва касе, ки агар хиёнат мекард, ҳатман ҷарима месупорид”.[1]

Аз ин далелҳои илмӣ чунин маълум мегардад, ки гузаштагони мо аз давраи қадим оиларо асоси пайдоиши ҷомеа, сарчашмаи асосии саломатӣ, ки тавлиди насли солиму ҳӯшманд ва созанда аз он вобастагӣ дорад, мешумориданд. Ин андешаҳо баъдан дар таълимоти бештари мутафаккирони тоҷик ба сифати маншаъи муҳим ҷиҳати баррасӣ кардани масъалаҳои марбут ба тадбири манзил хизмат карданд.

Масалан, ба андешаи Абӯалӣ ибни Сино инсонҳо танҳо дар доираи ҳамбастагӣ бо ҷомеаи ҳамҷинсони худ зинда монда, ба саодат мерасанд. Шакли соддатарини чунин ҷомеаро ӯ манзил ё худ оила меҳисобад. Ӯ сабаби таъсиси оиларо зарурати пайдо кардани воситаҳои ҳаёт, ҳифз ва имтидоди насли инсонӣ мешуморад. Хусусан, дар заминаи риоя кардани ғояи баробарии иҷтимоӣ ӯ зикр менамояд, ки “Ҳама кас аз подшоҳу раият ниёзманд аст ба ғизову хӯрок, ки мояи ҳаёт аст ва низ ба таҳияву омода сохтани зиёдии ғизо ва рӯзӣ барои рӯзи ҳоҷат, ки барояш пеш меояд, муҳтоҷ аст... Балки инсон ниёзманд аст ба макону ҷое, ки он чиро ба даст овардааст, дар он ҷо ҷамъу захира карда, барои ҳангоми ҳоҷаташ нигоҳ бидорад. Пас, бинобар ин, инсон муҳтоҷ аст ба ин, ки барои худ манзилу маскане иттихоз кунад. Чун одамизод манзилу хонае сохт ва дар он ҷо барои ҳангоми ҳоҷаташ захирае андӯхт, муҳтоҷ мешавад ба касе, ки андӯхтаашро аз дастбурди дигарон, ки мехоҳанд онро аз вай бирабоянд, ҳифзу ҳиросат бинамояд. Пас,

[1] Нуралиев, Ю. Медицина эпоху Мухаммада ал-Хоразми//Хоразм и Мухаммад ал-Хоразми в мировой истории и культуре. - Душанбе: Дониш, 1983. - С. 187-195.

мухтоҷ аст ба ин ки барои ҳифзу ҳиросати андӯхтааш каси дигарро ҷонишини худ бинамояд... Барои ин кор касе шоиста ва сазовор нест магар зан, ки Худо ӯро барои мард ҷуфту мавриди итминону сукунати нафс қарор додааст. Бад-ин ҷиҳат мард ногузир мешавад ба ин, ки зан бигирад”.[1]

Абӯалӣ ибни Сино дар асари мазкур вазифаҳои оила, мақоми мард ва занро дар иҷрои корҳои манзилдорӣ, хусусан тарбияи фарзанд ба таври муфассал нишон дода, бавижа қайд мекунад, ки зани хона бояд чунин сифатҳоро дошта бошад: хирадманд, диндор, боҳаё, зираку бофатонат, дӯстдору бомуҳаббат, валуд, итоаткор ва забондароз набошад... Таъкид медорад, ки дар вақти бунёди оила мард ва зан бояд ба синни балоғат расида бошанд. Ӯ бунёди оиларо дар синни ба балоғат нарасида тавсия намедиҳад. Ҳамзамон, дар баробари нишон додани нақш ва ҷойгоҳи марду зан дар таълиму тарбияи фарзанд, инчунин масъулияти фарзандро назди волидайн мушаххас менамояд, ки аз тамоили инсонгароӣ доштани ақидаҳои файласуф далолат мекунанд.

Ниҳоят, соли 651 баъди таназзул ёфтани давлати Сосониён аз ҷониби арабҳо, хусусан дар замони халифа Ҳорунуррашид (786-809) як қисми донишмандони ин маркази илмӣ-фарҳангӣ ва китобхонаи Гунди Шопур ба пойтахти хилофати Аббосиён ба «Байтул-ҳикма»-и Бағдод интиқол дода мешаванд. Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ, Бармакӣ, Рӯзбеҳ аз зумраи донишмандони машҳури ин фарҳангистон буданд. Ибни Муқаффаъ тавассути таълифи китобҳои арзишманди худ «Адаби калон» ва «Адаби хурд» шуҳрати хосса пайдо кард. Мазмуни асарҳои мазкурро тарбия ва ахлоқу одоби ҳамидаи инсонӣ ташкил медоданд.

Инчунин, ӯ дар асарҳои худ доир ба фаъолияти нахустин омӯзгорону шогирдони фарҳангистони Гунди Шопур маълумот дода, китобҳои қадимтарини ҳиндии «Калила ва Димна»-ро аз забони паҳлавӣ ба забони арабӣ тарҷума мекунад. Аммо дар асарҳои Абубакри Розӣ ва Абуалӣ ибни Сино, ки то имрӯз расидаанд, танҳо аз номи баъзе аз

[1] Абӯалӣ ибни Сино. Осор. Ҷ.1. – С.576.

омӯзгорону шогирдони Академияи Гунди Шопур ёд карда мешаванд, ки баъди аз байн рафтани давлати Сосониён ба Бағдод ҳиҷрат кардаанд.

Ниҳоят, дар заминаи такя кардан ба дастовардҳои илмии фарҳангистони Гунди Шопур ва дигар сарчашмаҳои муътамад донишмандони бузурги тоҷику форс: Абубакри Розӣ, Абӯнасри Форобӣ, Абуалӣ ибни Сино, Абубакр Рабеъ ибни Аҳмад Ахвайнии Бухорӣ, Абурайҳон Муҳаммад ибни Аҳмад Берунии Хоразмӣ, Шарафуддин Абулфатҳ Сайид Исмоили Ҷурҷонӣ ва дигарон, ки худ аз илмҳои зиёди замон дониши кофӣ доштанд, дар рушди илму фарҳанги ҷаҳонӣ хизмати шоиста карда, асарҳои пурарзише таълиф кардаанд, ки имрӯз ҳам аз зумраи китобҳои дарсии муассисаҳои таҳсилотӣ ба ҳисоб мераванд.

Табиби намоёни насронӣ Теодорус, ки солҳои зиёд дар Академияи Гунди Шопур аз тибби юнонӣ дарс медод ва табиби шахсии Шопур (310-379-и милодӣ) буд, китоби тиббиеро бо номи «Тавлдорус» бо забони паҳлавӣ таълиф кард. Шопур ба нишони миннатдорӣ ва эҳтиром гузоштан ба ин табиб дар назди Гунди Шопур барои ӯ калисои насронӣ сохта, бисёр ҳамватанони ӯро аз асорати ҳарбӣ озод кард.[1]

Ҳамзамон, табиби ҳиндуиасл Манка (Манга) ал-Ҳиндӣ солҳои дароз дар Академияи Гунди Шопур фаъолият дошта, китоби тиббии ҳинди қадим «Шонакака»-ро аз ҳиндӣ ба паҳлавӣ тарҷума карда, онро шогирдони Гунди Шопур ба сифати китоби дарсӣ истифода мекарданд.[2]

Дар баробари далелҳои фавқуззикр намояндагони давраи охирин (асрҳои VIII-IX)-и Гунди Шопур Абузакриё ибни Масавайҳ донишманди машҳур (дар баъзе адабиёт Абузакариё Яҳё ибни Мосуя -777-857) сарвари дорусозони Гунди Шопур буд. Ибни Масавайҳ (Юуҳанно) ин касбро аз табиби машҳур Бахтишӯи I омӯхта, баъдтар дар дарбори халифаҳои Бағдод Ҳорунуаррашид ва Мутаваккил кору фаъолият намудааст. Машғулияти асосии ӯ тарҷумаи асарҳои тиббӣ ва таълимӣ буда, ба қалами ӯ 10 рисола: «Маҷмуаи ибни Масавайҳ», «Маҷмуаи

[1] Исҳоқӣ, Ю., Тоҷиев, Я. Таърихи мухтасари тибби тоҷик. - Душанбе, 1993. - С.60.
[2] Қурбон, И. Дар дуроҳаи фано ва эҳёи миллати қадим. - Душанбе, 2007. – С. 169.

тиб», «Комил», «Китоб дар боби махав», «Китоб дар боби адвияи бадалӣ» мансуб мебошанд.[1]

Намояндаи дигари ин мактаб Шопур ибни Саҳл (вафоташ соли 869) дар шаҳри Гунди Шопур дар оилаи табиб ба дунё омада, дар заминаи таҷрибаи бойи дорӯшиносӣ ба камол расида, солҳои 848-850 дар шаҳри Бағдод фаъолият доштааст. Ӯ дар таърихи илми дорусозӣ аввалин китобро бо номи «Китоб-ал-қарабодин-ул-кабир» таълиф намудааст. Ин китоб аз 17 лавҳа иборат буда, доир ба хосияти доруҳои гуногун маълумот додааст, ки ҳоло дастхати ягонаи он дар Китобхонаи Мюнхен мавҷуд мебошад.[2]

Дар баробари рушди дигар илмҳо, дар Академияи мазкур ба рушди илмҳои нуҷум ва фалсафа мароқи зиёд дода шудааст. Масалан, Мар Обо аз бузургони эронинажоди суриёнӣ диққати асосиро ба тафсири калом (Библия), қонунҳои калисо, таълифи макотиби дастурӣ ба хотири такмили улуми динӣ равона карда бошад, Павели Форс яке аз намояндагони мактаби Раҳо, дар ибтидо таблиғгари кеши настурӣ буда, баъдан оини зардуштиро қабул мекунад. Аз ӯ мероси чанде боқӣ мондааст. Осори ӯ, асосан ба ду қисм ҷудо карда мешаванд. Ба қисми якум асари ӯ “Мадхали мантиқ” дохил мегардад, ки як қисми “Арғунун”.- Арастуро дар бар мегирад. Ба қисми дуюм муқаддимаи ӯ ба асарҳои Арасту ва шарҳ бо номи “Дар бораи таъбир” мансуб мебошад.

Нуктаи меҳвари “Мадхали мантиқ”-и Павели Форсро ибораи “дониш аз эътиқод беҳтар аст” ташкил медиҳад. Аз ин ибора чунин андеша бармеояд, ки илми фалсафа волотарин илм аст, ки аз омӯзиши он инсон метавонанд олами ҳастиро пурра дарк кунанд, усулҳои маърифат кардани онро дарёбад ва дар маҷмуъ, таъкид мекунад, ки фалсафа илмест, ки тавассути он ҳақиқатро ба даст меоварем, вале дин ин илми гумонӣ аст. Ба андешаи

---

[1]Ғуломшоев, С. Таъсис ва рушди академияи Гунди Шопур. /*С.Ғуломшоев.*/https://cyberleninka.ru/article/n/tasis-va-rushdi-akademiyai-gundi-shopur/viewer. Таърихи муроҷиат: 30.09.2023с.

[2] Нуралиев, Ю. Медицина эпоху Мухаммада ал-Хоразми//Хоразм и Мухаммад ал-Хоразми в мировой истории и культуре. -Душанбе: Дониш, 1983. - С.125.

Павели Форс “Дониш ба шайъи маълуму ошкор такя дорад, маҳз он ашёе, ки маърифатпазиранд. Эътиқод ҳамаро бебаҳс мегирад ва ҳама гуна гумонро истисно менамояд. Адами гумон розигии кӯркӯронаро ба амал меорад. Аз ин рӯ, дониш нисбати эътиқод бақудраттар ва ошкортар аст”.[1]

Ниҳоят, мувофиқ ба муносибатҳои илмии мавҷудбуда этика аз шохаҳои илми амалӣ буда, рафтору кирдор, хулқу хӯй ва сифатҳои табиию иҷтимоии инсонро муайян мекунад. Танзимкунандаи меъёрҳо, қоидаҳои ахлоқӣ, муносибатҳо, робитаҳо ва ҳамбастагиҳои иҷтимоӣ дар ҷомеа мебошад. Асоси онро се асли ахлоқии зардуштия: пиндори нек, гуфтори нек ва кирдори нек ташкил дода, дигар масъалаҳои ахлоқӣ вобаста ба тағйироту таҳаввулоти низоми ҷомеадорӣ дар доираи ин усулҳо мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода мешаванд.

Ё худ аз ин чанд далели овардашуда метавон ба чунин андеша омад, ки барои подшоҳони сосонӣ қавму нажод, сафедпӯсту сиёҳпӯст ва дигар аломатҳои ҷудогонаи авлодӣ, авлавият надошт. Онҳо дар асоси принсипи адолати иҷтимоӣ баробарии иҷтимоиро риоя карда, барои ашхоси оқилу донишманд ва соҳибтаҷриба ҳамаи шароитҳоро ҷиҳати фаъолият кардан муҳайё сохтаанд, ки аз фазилати баланди ахлоқӣ доштан, эҳтирому эътибори донишмандонро ба ҷой овардан, далолат мекунанд.

Ҳамин тавр, дар хулоса андешаҳоро ҷамъбаст намуда, чанд нуктаи муҳимро ба таври зайл пешниҳод мекунем:

1. Академияи Гунди Шопур сирф донишгоҳи тиббӣ набуда, балки маркази илмӣ-фарҳангии рушди тамоми соҳаҳои илм: табиӣ-риёзӣ, иҷтимоӣ-гуманитарӣ ва дақиқ будааст.

2. Таъсиси Академияи Гунди Шопур аз ҷониби подшоҳони сосонӣ ва ҷалб кардани донишмандони кишварҳои гуногун барои фаъолият дар он аз фазилати баланди инсонгароӣ, фарҳанггустарӣ кишвардорӣ, адлгустарии подшоҳон далолат мекунад.

[1] Райт, В. Краткий очерк истории сирийской литературы. СПб, 1902. – С.85.

3. Дастовардҳои илмӣ, китобҳои арзишманди таълиф ва тарҷумкардаи донишмандони фарҳангистони Гунди Шопур на танҳо барои рушду таҳаввули илму фарҳанги замони худ нақши асосӣ гузоштанд, балки тарҷума ва нашри онҳо дар марҳилаҳои баъдинаи таърихӣ барои пешрафт ва тараққии тамаддуни Шарқу Ғарб мусоидат карда, боиси таъсиси мактабҳои гуногуни илмӣ-фалсафӣ гаштанд.

4. Академияи Гунди Шопур тӯли қариб 400 сол фаъолият кард. Мақоми хосса пайдо кардани ин маркази илмӣ фарҳангӣ аз он вобастагӣ дошт, ки принсипҳои ахлоқии масъулиятнокӣ, садоқат ба касб, покизакорӣ, эҳтироми якдигар ва ғайра услуби кории донишмандон эътироф гардиданд.

5. Баъди таназзули давлати Сосониён аз ҷониби арабҳо кормандони фарҳангистон тарки соҳа накарданд, балки дар дигар марказҳои илмӣ-фарҳангӣ, аз ҷумла дар Академияи "Байтул-ҳикма" ("Хонаи хирад") - и Бағдод, ки тобеи хилофати аббосӣ буд, ба фаъолият шурӯъ карда, барои рушди фарҳанги миллӣ, ҳифз кардани арзишҳои миллӣ, хусусан ба тамаддуни ҷаҳонӣ ворид кардани ислом саҳми асосӣ гузоштанд.

6 Сосониён ворисони империяи Ҳахоманишҳо буда, дар низоми давлатдорӣ аз аввалин коркардкунандагони принсипи дунявии давлатдорӣ мебошанд. Этикаи идоракунии онҳо ҳамчун падидаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва сиёсӣ, намунаи олии давлатдорӣ, муайянкунандаи рафтору аъмоли инсон, низоми идораи давлат, муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад. Зеро, принсипҳои адолат, риояи баробарии иҷтимоӣ, ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон асоси низоми коргузории онҳо ба ҳисоб мерафт. Сосониён барои рушди тамаддун ва фарҳанги миллии тоҷик хизмати босазо карда, эҳёкунандаи расму анъана, ҷашнҳои миллӣ ва ғайра ба шумор мераванд.

7. Академияи Гунди Шопур маркази илмӣ-фарҳангӣ ба ҳисоб меравад. Таъсиси он дар аҳди давлатдории Сосониён таҳаввулоти ҷиддиеро дар рушди илм ва фарҳанги ҷаҳонӣ гузошт. Самти фаъолияти кории донишмандони муассисаро на танҳо таҳияи китобҳо, балки тарҷума, тафсир

ва нашри китобҳои арзишманди гузаштагон ташкил медод. Аз ин рӯ, ин самти фаъолияти донишмандони муассиса ба он мусоидат кард, ки арзишҳои илмӣ-ахлоқии ниёкон рӯ ба нестӣ наоварда, аз насл ба насл интиқол ёбанд.

# БОБИ II. АХЛОҚ – МАВЗУИ МЕҲВАРИИ МЕРОСИ ХАТТИИ АҲДИ СОСОНӢ

## 2.1. “Корномаи Ардашери Бобакон” - сарчашмаи муътамади таърихӣ ва ахлоқии аҳди Сосониён

Имрӯз дар шароити ҷаҳонишавӣ ва бархурди тамаддунҳо, ки боиси аз байн рафтани арзишҳо ва расму анъанаҳои суннатии халқияту миллатҳо гашта истодааст, бахусус ҷиҳати ҳифзу дар хотираи таърихии насли нав нигоҳ доштани онҳо заруратро пеш меорад, ки рӯ ба таърихи гузашта, омӯзиш ва таҳқиқи осори пурарзиши ниёкони худ мароқи бештар зоҳир карда шавад. Зеро, чӣ тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон барҳақ қайд менамоянд “Худшиносӣ ва ҳувияти миллӣ аз огаҳӣ доштан аз таърихи гузаштаи халқ ва ошноӣ бо корномаи фарзандоне, ки дар роҳи расидан ба озодиву истиқлол ва таҳкиму пойдории давлатдории миллӣ талош карданд, сарчашма мегирад. Моро зарур аст, ки худогоҳу худшинос бошем, таъриху фарҳанги пурифтихори оламшумули ниёкони сарбаланди хешро аз худ намоем, ба хизматҳои беназири адибону мутафаккирони номдори пешинаамон арҷ гузорем ва барои ҳифзи суннату анъанаҳои неке, ки аз замони бостон то ба имрӯз боқӣ мондаанд, талош варзем, хотираи фарҳангиву таърихии худро тавсеа бахшем, барои пойдории истиқлолу озодии давлати миллиамон ва ҳар як ваҷаб хоки ин Ватани муқаддас ҳамеша омода бошем”.[1]

Дар доираи ин таъкиди Президенти кишвар ҷиҳати ташаккули ҷаҳонбинӣ ва таҳкими дониши насли наврасу ҷавони кишвар чанд нуктаи муҳимро месазад зикр дошт. Аввалан, омӯзиш ва огаҳӣ пайдо кардан аз арзишҳои фарҳангии ниёкон маншаи асосии ташаккулёбии ҷаҳонбинӣ, шинохт ва арҷ гузошта тавонистан ба онҳо мебошад. Дуюм, насле, ки аз корнамоиҳои фарзандони миллати худ, осори ғании пурарзиши

[1] Ғафуров, Б. Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав. Душанбе, Нашриёти муосир 2020.- 976с. – С. 15.

мутафаккирон воқиф мешавад, ҳатман ба қадри миллат, истиқлолу озодии давлат мерасад ва барои таҳким бахшидани онҳо талош меварзад. Зеро, донистани фарҳанги гузашта моро барои дарки зуҳуроти имрӯзаи ҷомеа роҳнамоӣ мекунад. Барои дурнамои рушди онро тарҳрезӣ карда, як ҷомеаи солиму тараққикардаро бунёд кардан, мусоидат менамояд.

Аз ин рӯ, омӯзишу пажӯҳиши ҳар як саҳифаи таърихи пурифтихори миллат, арзишҳои илмӣ-фарҳангӣ, аз ҷумла осори хаттию шифоҳии давраи давлатдории Сосониён барои рушди давлатдории миллӣ, худшиносии насли наврасу ҷавони имрӯзи миллат, муаррифии он дар сатҳи байналмилалӣ аҳамияти хосса дорад.

Чӣ тавре аз сарчашмаҳои муътамади таърихӣ ба мо рӯшан аст дар соли 220 - и милодӣ ҳукмронии вилояти Истахрро Ардашери 1 Бобакони Сосонӣ бар дӯш дошт. Соли 224 бошад, Ардашери 1 лашкари охирини намояндаи Оли Ашкониён - Ардавони 1-ро торумор кард, тамоми сарзамини Эронро зери ҳокимияти хеш қарор дод ва давлати муқтаддири Сосониёнро асос гузошт, ки зиёди аз 400 сол арзи вуҷуд кардааст. Дар ин давра муносибатҳои заминдорӣ (феодалӣ) босуръат инкишоф ёфта, давлат муттаҳид мегардад ва низоми идоракунии он аз як марказ ба роҳ монда мешавад.

Дар баробари ин, Ардашери 1 дини зардуштиро дини давлатӣ эълон намуда, се пояи ахлоқии он: пиндори нек, гуфтори нек ва кирдори некро дар ҳаллу баррасии масоили давлатдорӣ, ба назму тартиб даровардани пояҳои он ҳамчун дастурамал истифода мебарад. Ин гуна ба роҳ мондани низоми давлатдории Сосониёнро Ф.Энгелс мусбат баҳогузорӣ карда, онро “подшоҳии батартиб”[1] меномад. Давлати Сосониён дар давраи ҳукмронии Хусрави 1 Анушервон (531-579) ба нуқтаи баланди инкишофи худ расида, дар миёнаи асри VII-и милодӣ бошад, аз ҷониби арабҳо рӯ ба завол мениҳад.

[1] Маркс, К., Энгельс, Ф. Асарҳо. Ҷ. 28. – С. 221-222.

Бояд қайд кард, ки Сосониён дар тӯли давлатдории худ на танҳо барои рушди ҳаёти моддии ҷомеа, бунёди шаҳрҳо, боғу растаҳо, кандани каналҳою бино кардани оташкадаҳо, балки барои рушди илму фарҳанг, санъат, ахлоқ, дар маҷмуъ, ҳаёти маънавии ҷомеа аҳамияти хосса додаанд.

Аз ҷумла, намунаи барҷастаи мероси хаттии бостонии меросмондаи ниёконамон, ки ҷузъи соҳаи маънавии ҷомеа мебошанд, аз инҳо иборат буданд: "Андарзи Озарбоди Маҳраспандон", "Аййоткори Ҷомосп", "Аййоткори Зарирон", "Корномаи Ардашери Бобакон", "Андарзи доноён ба маздопарастон", "Андарзи Хусрави Каводон", "Андарзи дастурон ба беҳдинон", "Андарзи Беҳзодфаррухи пирӯз", "Доруи хурсандӣ", "Андарзҳои пешиниён", "Андарзи марди доно ба писари хеш", "Суханони Бахтофарид ва Озарбоди Зартуштон", "Дар бораи оини номанависӣ", "Рисолаи рӯзҳо", "Дар бораи хим ва хиради фаррухмард", "Дар бораи панҷ хими осрунон" ва ғайра.

Аз миёни ин мероси хаттӣ "Корномаи Ардашери Бобакон" яке аз арзишмандтарин ёдгории давраи миёнаи форсӣ ба ҳисоб рафта, ба таърихи зиндагӣ ва салтанати бунёдгузори давлати Сосониён Ардашери Бобакон бахшида шудааст.

Бояд қайд кард, ки тибқи сарчашмаҳои мавҷуда Ардашери Бобакон, (Попакон) тақрибан солҳои 180-241 аввалин шоҳаншоҳи Эрон ва дар солҳои 224-241 муассиси сулолаи Сосониён буд. Ардашер дар луғат маънои «касест, ки подшоҳиаш бар пояи ростию адолат ва риояи баробарии иҷтимоӣ» ороста гаштааст. Ҷузъи нахусти артахшир баргирифта аз мафҳуми динии адолати мавсум ба «артаҳ» ё «аша» асту ҷузъи дувумаш бо мафҳум «шаҳр» дар иртибот мебошад.[1]

Дар сарчашмаи дигари илмӣ чунин зикр карда шудааст, ки "Писари Попак (Бобак) ва набераи *Сосон* - яке аз коҳинони Истахр буд. Бобак аз мавқеи иҷтимоии худ истифода бурда, писараш Ардашерро дар Доробгирд ба мақоми олии низомӣ расонд. Ардашери Бобакон чанд

[1] https://tg.wikipedia.org/wiki/ Таърихи муроҷиат: 29.08.2023.

шоҳи Форсро мағлуб ва ҳалок карда, мулки онҳоро соҳиб шуд. Дар ҳамин вақт Бобак бар ҳокими Истахр Гавчеҳршоҳ шӯрида, макони ӯ – «Кохи сафед»-ро тасарруф кард. Гавчеҳршоҳро ба қатл расонда, худ бар тахти салтанат нишаст. Баъди марги Бобак писари калони ӯ Шопур подшоҳ таъйин шуд. Байни Шопур ва Ардашери Бобакон низоъ афтод. Ардашери Бобакон бино ба маълумоти «Форснома»-и Ибни Балхӣ 44 солу 10 моҳ подшоҳӣ кард, аммо муддати 30 соли он дар ҷанги мулуки Таванф гузашт. Ӯ ҳама душманонашро аз байн бардошт ва муддати 14 сол шоҳаншоҳи Эрон буд”.[1]

Баъди марги ногаҳонии Шопур бародарон тахту тоҷи давлатро ба Ардашери Бобакон тақдим мекунанд. Ӯ пас аз чанде барои ҷилавгирӣ аз хиёнат ва шӯриши бародарон фармуд, ки онҳоро ба қатл расонанд. Пас аз он ба мусаххар кардани кишварҳои ҳамсоя оғоз карда, шаҳри Кирмон ва соҳилҳои халиҷи Форсро ба итоати қаламрави худ дохил мекунад. Дар натиҷа байни Ардашер ва шоҳаншоҳи Ашкониён Артабони V ҷанг ба амал меояд. Артабони V ба ҳокими Аҳвоз (Хузистон) мефармояд, ки ба ҷанги зидди Ардашери Бобакон бархезад, вале Ардашери Бобакон ба ӯ фурсат надода, паси ҳам Исфаҳон, Аҳвоз ва вилояти хурди Мисенро, ки дар резишгоҳи Даҷла ва соҳили халиҷи Форс воқеъ буд, ба тасарруфи худ медарорад. 26 апрели 224 бошад, дар ҳамвории Ҳурмуздатон байни Ардашери Бобакон ва Артабони V набарди шадид рух дода, дар натиҷа Ардашери Бобакон Артабони V-ро мекушад ва бо ин восита сулолаи Ашкониёнро барҳам медиҳад.

Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳо солҳои 226-227 маросими тоҷгузории Ардашери Бобакон барпо гардида, ӯ унвони «шоҳаншоҳ»-ро мегирад. Баъдан ба тасхири кишвари Мод, шаҳрҳои Ҳамадон, Озарбойҷону Арманистон пардохта, Сакистон, Абаҳаршаҳр (Хуросони

[1] https://tg.wikipedia.org/wiki/ Таърихи муроҷиат: 29.08.2023.

ҳозира), Марв, Хоразм, Балхро тасарруф менамояд ва бо ҳамин қудрати худро дар ноҳияҳои Шарқи кишвар вусъат медиҳад.

Ба маълумоти муаррих Табарӣ шоҳони Кушон, Турон ва Макурон (ноҳияе дар соҳили халиҷи Утмин ва Укёнуси Ҳинд) шоҳаншоҳии ӯро ба расмият шинохтанд. Салтанати Ардашери Бобакон дар он замон Эрон, Афғонистон, Балуҷистон, Марву Хоразмро дар бар гирифта, сарҳади шимолӣ ба Ҷайҳун ва ғарбӣ ба Бобулу Ироқ мерасид. Шаҳри Тайсафун (Мадоин)-ро пойтахти давлати Сосониён баргузид, аммо қароргоҳи Ардашери Бобакон дар шаҳри Гур (Фирӯзободи ҳозира) ҷойгир буд, ки он ҷойро «Ардашерхура» меномиданд. Шаҳр боғҳо ва гулистонҳои руҳафзо дошт. Инчунин, Ардашер дар айёми ҷавонӣ дар ин макон қасре ҳам сохт, ки осори вайронаи он то ҳанӯз боқист. Ин қаср яке аз аввалин биноҳои тоқдори Эрон буд. Давлати муқтадире, ки ӯ таъсис дод, ҳама қавмҳои Эронро муттаҳид намуда, ба империяи Рим рақобат мекард.

Ҳамин тавр, тамаддуни Сосонӣ агарчи думболаи тамаддуни ашконӣ буд, вале мукаммал ва муҷаддиди он ҳисоб меёфт. Ардашери Бобакон ҳамеша барои вусъати ёдгориҳои моддӣ ва маънавии кишвар талош меварзид. Аз роҳандозӣ кардани чунин сиёсати фарҳанггустарӣ шаҳрҳои нав қомат меафрохтанд (ба мислӣ: Ваҳардашер, Ардашерхура, Риоардашер, Ромардашер) ва ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ рӯ ба рушд мениҳод. Ҳамзамон, дар «Корномаи Ардашери Попакон», ки шарҳи аъмол ва афъоли Ардашери Бобакон дар он дарҷ ёфтааст, матолибе дида мешавад, ки мутааллиқ ба ҳикояти Куруши Кабир аст.

Мувофиқи маълумоти таърихнигорон ва донишмандони тоҷик Б.Ғафуров, Ю.Яқубов, М.Ҳазратқулов, Ҳ.Муминҷонов ва дигарон дар таърихи тамаддун ва давлатдории мардуми тоҷику форс, хусусан дар давраи қабл аз исломии он, дар байни шоҳону давлатдорон Ардашери Бобакон аз бисёр ҷиҳат бо хусусиятҳои хоси сиёсатмадории хеш тафовут дошт. Аввалан, маҳз дар замони давлатдории Ардашери Бобакон навоҳӣ

ва вилоятҳои кӯчаку бузург (тибқи китоби «Корномаи Ардашери Бобакон» 240 музофот) ҳама таҳти итоати ҳукумати ягона дароварда ва мақоми ҳокимияти марказӣ баланд шуда буд.[1]

Дуюм, дар замони давлатдории Ардашери Бобакон таъсири ақидаҳои коҳинони зардуштӣ дар низоми давлатдорӣ ва танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ бағоят зиёд буд. Аз ин ҷост, ки ӯ дини зардуштиро ба дараҷаи дини давлатӣ мерасонад. Дар ин маврид ҳикматеро ба Ардашери I нисбат медиҳанд, ки мегӯяд: «Тахт пояи меҳроб асту меҳроб пояи тахт».

Мувофиқи матни аслӣ ёдгории хаттӣ, "Корномаи Ардешери Бобакон" аз 18 боб иборат аст. Ёдгории мазкур бо чунин ҷумла оғоз шудааст: "Ба номи Яздон, ба номи нерӯ ва ёрии офаридгор Ҳурмузди ройманду фараҳманд. Тандурустӣ ва дарозумрии ҳама некону росткорон, ба вижа он ки барояш навишта мешавад".[2]

Аз мазмуни ин ҷумла маълум мегардад, ки Ардашери Бобакон ҳамчун асосгузори давлати Сосониён пайрави оини маздаясна буда, таъминкунандаи адолат ва таблиғгари ростию накукорӣ, рафтори нек, гуфтори нек ва пиндори нек, ки усули давлатдории подшоҳони сулолаҳои пешин дар кишвари Эронзамин мебошад, ба ҳисоб меравад. Зеро саъйу талоши ӯ танҳо дар пояи адл идора кардани ҷомеа, риоя доштани баробарии иҷтимоӣ, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум, барқарору пешрафта гардонидани соҳаҳои афзалиятноки кишвар ва дар ин замина ба як давлати абарқударат табдил додани давлати Сосониён мебошад.

Аз омӯзиш ва таҳлилу таҳқиқи мазмуни бобҳои якум то ҳаштуми корномаи мазкур маълум мегардад, ки онҳо хусусияти таърихӣ доранд. Дар онҳо, асосан оид ба аслу насаб, баромади иҷтимоии Бобак, Сосон, таваллуди Ардашер, набардҳои ӯ бо Ардавон ва пирӯзии ӯ ба сипоҳи Ардавон - ҳамчун як шоҳи золим ва мардумозор, иқдомҳои созандаву

---

1 https://vk.com/@ruzgor786. Таърихи муроҷиат: 30.08.2023.
2 Корномаи Ардашери Бобакон. Аз китоби мероси хаттии бостон. – С.255.

ободкорихои Ардашер ва ғайра маълумоти муфассал дода мешавад. Аз ҷумла, доир ба баромади иҷтимоии аҷдодони Ардашер зикр карда мешавад, ки пас аз марги Искандари Румӣ Эроншаҳрро 240 кадхудой (мулуку-т-тавоиб) буд. Исфаҳону Форс ва навоҳии наздики он ба дасти Ардавон солор буд. Бобак марзбону шаҳриёри Порс ва аз гумоштаи Ардавон буд. Ардавон ба Истахр (Персиполис) менишаст. Ва Бобакро ҳеҷ фарзанде номбардор набуд. Сосон шубони Бобак буд ва аз нажоди Дорои Дороён. Дар давраи фармонравои Искандар гурезу ниҳон бо шубонони курдӣ рафта буд. Аммо Бобак намедонист, ки Сосон аз нажоди Дорои Дороён будааст.[1]

Арзиши дигари илмии Корномаи мазкур аз он иборат аст, ки дар он дар баробари муайян кардани баромади иҷтимоии аҷдодони Ардашер, инчунин оид ба сабабҳои таъсисёбии давлат ва сулолаи Сосониён ном гирифтани он маълумоти дақиқи таърихӣ дода мешавад. Бинобар ин, "Корномаи Ардашери Бобакон" яке аз сарчашмаҳои муътамади таърихӣ, маррификунандаи назму тартиби давлатдории Сосониён мебошад.

Масалан, дар мавриди сабабҳои таъсисёбии давлати Сосониён (бо вуҷуди хусусияти афсонавӣ доштан - К.Қ) дар он чунин иттилоъ дода мешавад, ки Бобак шаби аввал ба хоб мебинад, ки чӣ гуна хуршед ба сари Сосон метобад ва ҳама ҷаҳонро рӯшан мекунад. Шаби дуюм мебинад, ки чӣ гуна Сосон ба фили оростаи сафед нишаставу ҳар ки дар кишваранд, перомуни Сосон истода бад-ӯ намоз мебаранд ва ситоишу офариниш мекунанд. Шаби сеюм низ Бобак дар хоб мебинад, ки чӣ гуна Оташи Фарнбай ва Гушнспу Бурзин - Миҳр ба хонаи Сосон мефурӯзанд ва рушноӣ ба ҳама ҷаҳон медиҳанд.[2]

Бобак аз хоби дидаи худ тааҷҷуб карда, доноён ва таъбиргарони хобро назди худ даъват мекунад, то сирри онро ошкор кунанд. Хобгузорон гуфтанд, ки он ки ин хоб дидааст, ӯ ё аз фарзандони он мард

[1] Ниг.: Корномаи Ардашери Бобакон. Аз китоби мероси хаттии бостон. – С.255.
[2] Ҳамин асар… - С.255.

касе ба подшоҳии ҷаҳон расад, чӣ хуршеду пили оростаи сафедчирагиву тавоноиву пирӯзӣ ва Оташи Бурзин-Миҳр шубонону барзгарони ҷаҳонанд. Ва ҳама ин подшоҳӣ ба он мард ва ё фарзандони он мард расад. Бобак баъд аз шунидани ин суханон, кас мефиристад ва мегӯяд Сосонро назди ман оред, то маълум намоям, ки ӯ кист ва аз кадом насл аст. Чун Сосонро ба назди ӯ меоранд Бобак аз ӯ мепурсад, ки аз падарону ниёкони ту касе подшоҳиву сардорӣ карда? Сосон аз Бобак пуштибониву зинҳор хост, ки газанду зиёнам макун! Бобак пазируфт ва Сосон рози хеш, чунон ки буд, пеши Бобак гуфт.

Аз суханони Сосон Бобак шод шуда, мефармояд, ки Сосонро ба ҳаммом баред, ба ӯ ҷома, шоҳвор, мӯзаи нав бипӯшонед ва чанд рӯзе бо хуришу дороии накӯ ва сазовор ӯро парвариш намоед. Пас Бобак духтари худро ба Сосон ба занӣ медиҳад.[1]

Аз ин маълумот бармеояд, ки Сосон аз насли Дорои Дороён сулолаи пешиниёни мардумони тоҷику форс буда аст. Чун Бобак дар табиати Сосон танумандӣ, дар амалаш пиндор, гуфтор ва кирдори некро дармеёбад Сосонро ба фарзандӣ қабул карда, духтари хешро ба никоҳаш медароварад ва аз он духтар Ардашер таваллуд мешавад.

Бобак танумандиву чобукии Ардашерро дида, ба андеша меояд, ки он хоби дидаи ӯ рост будааст ва Ардашерро ба фарзандӣ қабул карда, ба тарбияи ӯ машғул мешавад. Чун ӯ ба синни шонздаҳсолагӣ мерасад ва дар касби дабириву аспсаворӣ ва дигар ҳунарҳо сайқал меёбад номаш дар тамоми Порс машҳур мешавад. Ба Ардавон, ки дар он замон аз Бобак комгортар буд огаҳӣ мерасад, ки Бобакро писарест ба фарҳанг ва аспсаворӣ варзидаву шоиста. Ва ӯ ба Бобак нома навишта, мегӯяд, ки мо шунидем, ки Шуморо писарест ба фарҳанг ва аспсаворе басе варзида. Орзуи мост, ки ӯро ба даргоҳи мо бифиристӣ, назди мо ояд, то бо фарзандону шоҳзодагон бошад ва ӯро ба фарҳанге, ки ҳасташ, подош

---

[1] Ниг.: Корномаи Ардашери Бобакон. Аз китоби мероси хаттии бостон. – С.255-256.

фармоем. Бобак аз ин даъват, ки дигар чора надошт он фармонро рад кардан наметавонад ва Ардашерро пеши Ардавон мефиристад.

Ардавон чун Ардашерро дид, шод шуд ва гиромӣ doшташ. Фармуд, ки ҳар рӯз бо фарзандону шоҳзодагони вай ба нахчиру чавгон шаванд. Ардашер чунин кард. Ба хости Яздон дар чавгону аспсавориву шатранҷу нард ва дигар ҳунарҳо аз ҳамаи эшон худро чираву набардозмуда нишон медиҳад.

Рӯзе Ардавон бо саворону Ардашер ба шикор шуд. Гӯре дар дашт бигзашт ва Ардашеру писари меҳтари Ардавон аз паси он гӯр битохтанд. Ардашер дар расид ва тире ба гӯр чунон зад, ки гӯр ба ҷой бимурд. Ардавону саворон расиданд ва чун ин занишӣ бад-ин оин диданд, тааҷҷуб карданд. Пурсиданд, ки инро кӣ кард? Ардашер гуфт, ки ман кардам. Писари Ардавон гуфт, ки не, ман кардам. Ардашер хашм гирифт ва ӯ писари Ардавонро гуфт, ки ҳунару мардонагӣ ба ситамгариву бешармӣ ва дурӯғу бедодгарӣ ба хештан кардан натавон. Ин дашт накӯст ва гӯр бисёр ману ту дубора озмоиш кунем ва накӯиву далериву чобукӣ аз худ падид оварем. Ардавон аз ин манзара тааҷҷуб кард ва Ардашерро нагузошт бар асп нишинад. Ӯ Ардашерро ба охури сутурон фиристод ва фармуд, ки нигар, то шабу рӯз аз наздики сутурон ба нахчиру чавгон ва фарҳангистон нашавӣ. Ардашер донист, ки Ардавон ин аз рашку бадкомӣ гӯяд.

Баъдан Ардавон ба Бобак нома навишта, аз асли воқеа ӯро огоҳ мекунад. Бобак чун ба мазмуни нома шинос мегардад, андӯҳгин шуда, дар посух ба Ардавон чунин менигорад: “ту нодонӣ кардӣ, чун ба чизе, ки аз он зиён нашояд будан, бо бузургон ситеза бурдӣ ва сухан бо овози баланд ва дурушт бад - ӯ гуфтӣ. Акнун тавба гӯй ба гуноҳ ба дуои патитӣ (тавбаи авастоӣ). Бидон чун доноён гуфтаанд: душман ба душман он натавонад кард, ки марди нодонро аз кирдори хеш расадаш. Инро низ гуфтаанд, ки аз он кас ки ҷуз вай натавонӣ, мустаманд мабош. Ва ту худ донӣ, ки Ардавон бар ману ту ва бас мардумони ҷаҳон ба тану ҷон ва

дорой подшоҳест компонтар. Акнун андарзи ман ба ту, сахттар, ин аст, ки ягонагиву фармонбардорӣ кун ва шукӯҳи хеш ба нобудӣ маспор”.[1]

Идомаи Корномаи Ардашери Бобакон бо он шурӯъ мегардад, ки Ардавон канизаке, дошт басо шоиста ва ӯро шоҳ аз дигар канизакон арҷмандтару гиромитар медошт. Ҳама парасториҳои Ардавонро он канизак мекард. Чун рӯзе Ардашер ба сутургоҳ нишаста танбур мезад ва сурудхониву хуррамӣ мекард, ӯ Ардашерро дида шефта мегардад. Пас аз он бо Ардашер дӯстӣ ва хушӣ мекард. Пайваста ҳар шаб чун Ардавони баргаштабахт мехуфт, он канизак пинҳонӣ ба назди Ардашер мешуд ва то наздики бомдод бо Ардашер мебуд ва пас боз ба пеши Ардавон меомад.

Рӯзе Ардавон доноёну ахтаршумарони дарборро ба пеши хеш хоста, мепурсад, ки чӣ мебинед аз хусуси Ҳафтону Дувоздаҳон ва истодану рафтани сайёрагон ва аз хусуси замони шоҳони кишвар ва чигунагии мардумони ҷаҳон ва аз хусуси ману фарзандону мардони мо. Ахтаршумори солор дар посух мегӯяд, ки Дувоздаҳон афтода ва ситораи Ҳурмузд боз аз ҳама боло рафта ва вай аз Баҳрому Аноҳид ба сӯйи Ҳафтранг ва Шерахтар наздик шуда ва ба Ҳурмузд ёрӣ диҳанд. Чунин намояд, ки солоре ва ё подшоҳе нав ба пайдоӣ ояд ва басе фармонравоёнро бикушаду ҷаҳон боз ба шоҳии ягона оварад. Ситорашиноси дигар низ пеш омада, мегӯяд, ки чунин пайдост, ки ҳар марди бандае аз имрӯз то се рӯз аз худованди хеш бигрезад, ба бузургиву подшоҳӣ расад ва компрону пирузтар бувад.

Канизаки Ардавон он суханоне, ки ахтаршуморон ба подшоҳ мегуфтанд, шаб пеши Ардашер омада як-як мегуфт. Ардашер чун аз канизак ин суханон мешунавад, тарҳи фикри тарк кардани дарбори Ардавонро мекашад. Ӯ ба канизак мегӯяд, агар туро андеша бо ман росту ягона аст, пас дар ин се рӯзи баргузида, он чунин ахтаршуморон гуфтаанд, бигурезем ва ба комгорӣ ва подшоҳӣ бирасем. Канизак

[1] Корномаи Ардашери Бобакон. Аз китоби мероси хаттии бостон. - С.256-257.

пазируфт, гуфт, ки ҳар чӣ ту фармоӣ он пазирам. Канизак назди Ардавон омада, аз ганҷи Ардавон шамшери ҳиндиву зини заррин, камарбанди бо нишони сари меш, кӯлоҳи заррину ҷоми заррин бо басе гуҳару дираму динор ҷавшану зинафзори оростаи бисёр ба худ гирифта, ба пеши Ардашер меоварад.

Баъдан, Ардашер ду асп аз борагони Ардавонро, ки рӯзе ҳафтод фарсанг мерафтанд зин карда, бар яке худ ва бар дигар канизак нишаста роҳ ба сӯйи Порс пеш мегиранд. Шабе канори деҳае меоянд ва мехоҳанд аз он ҷо гузаранд, вале ду занро мебинанд, ки гӯшае нишастаанд. Ардашер бо канизак аз онҳо бим карда, хостанд фирор кунанд, аммо он занон бонг зада гуфтанд: "матарс Ардашери кайи Бобакон, аз нажоди Сосону пайванди Дорошоҳ. Чун ки аз ҳар бад бирастӣ ва касе туро натвонад гирифтан ва туро подшоҳии Эроншаҳр бисёр сол бояд кардан. Биштоб ба дарё, чун чашмат ба дарё афтад бебим бошӣ, Ардашер хуррам шуд, аз он ҷой бошитоб бирафт".[1]

Ардавон аз фирор кардани Ардашер бо канизак огоҳ шуда, ошуфта мегардад ва ахтаршуморонро назди худ даъват карда, бо онҳо машварат менамоянд. Онҳо ба Ардавон мегӯянд, ки агар Ардашерро то се рӯз гирифтан нашояд, пас ҳеҷ гоҳ ӯро гирифтан натавон. Ардавон дарҳол чаҳор ҳазор сипоҳро ороста дошта, ба сӯйи Порс, аз пайи дастгир кардани Ардашер ва канизак мешавад. Чун нимарӯз буд, аз мардумон пурсид, ки ду савор аз инҷо нагузаштанд? Мардум посух медиҳанд, ки бомдод чун хуршед теғ баровварда буд, чун боди бузург бигузаштанд ва аз паси эшон баррае бас нерӯманд ҳаме давид, ки аз он накӯтар будан нашояд. Бидонем, ки то кунун бисёр фарсанг замин рафтанд ва шумо гирифтан натавонед. Ардавон ҳеҷ намонд ва биштофт.[2]

Чун Ардавон бо лашкар ба ҷое мерасад ва аз мардумон мепурсад, ки он ду савор чӣ гоҳ бигзаштанд? Эшон ҷавоб медиҳанд, ки нимрӯз буд,

---

[1] Корномаи Ардашери Бобакон. Аз китоби мероси хаттии бостон. - С.258.
[2] Корномаи Ардашери Бобакон. Аз китоби мероси хаттии бостон. - С.259.

чун боди бузург ҳамерафтанд ва ҳамвора бо эшон баррае низ мерафт. Ардавон тааҷҷуб кард ва гуфт, ки нигар! Савори дугонаро донем, аммо он барра чӣ шояд будан? Ва ӯ аз дастур пурсид. Дастур гуфт, ки он фарри подшоҳист, ки ҳанӯз ба Ардашер нарасидааст. Бояд зуд савор шавем ва шояд пеш аз он ки он фарр бад-ӯ расад битвонем гирифтан. Ардавон бо саворон зуд ба ҳаракат медароянд.

Рӯзи дигар 70 фарсанг роҳ мераванд ва ба гурӯҳе корвониён рӯ ба рӯ мешаванд. Ардавон аз онҳо мепурсад, ки он ду саворро дар куҷо дидед? Корвониён мегӯянд, ки фосила миёни шумову онҳо 21 фарсанг роҳ аст Моро чунин намуд, ки бо яке аз он саворагон баррае бас бузургу чобук ба асп нишаста буд. Ардавон аз дастур пурсид, ки он барра бо ӯ бар асп чиро намояд. Дастур гуфт: Ҷовидон бодо! Ба Ардашер фарри каён расид ва ба ҳеҷ чора ӯро гирифтан натавонед. Пас хештану саворон ранҷ мадеҳ ва аспон маранҷонеду табоҳ макунед. Чораи Ардашер аз дигар роҳ ҷӯед.

Ардавон чун ин сухан мешунавад, баргашта ба ҷойи нишасти хеш меояд. Сипоҳи худ ороста карда, бо роҳбарии писараш ба Порс, барои дастгир кардани Ардашер лашкар мекашад. Азбаски Ардавон бо ҷоҳили ва зулми худ мардумони Порсро азияту шиканҷаи беш дода буд ва онҳо аз Ардавон озурда буданд, дороӣ ва тани хеш пеши Ардашер доштанд ва ягонагиву фармонбардорӣ падид оварданд.

Буноғ ном марди бузургманиш аз Исфаҳон, ки аз дасти Ардавон гӯрехта буд, худ бо шаш писараш ва сипоҳ ба назди Ардашер омада, савганд хӯрда, аҳд мебандад, ки то зинда ҳаст худ ва фарзандонаш фармонбардори ӯ бошанд. Ардашер шод шуд ва дар он макон деҳаеро бо номи Ром-Ардашер бунёд кард.

Баъдан, Ардашер сипоҳ ороста, ба сӯйи Ардавон лашкар мекашад ва ҳама сипоҳи Ардавонро ба қатл мерасонад. Духтари Ардавонро ба занӣ гирифта, инчунин, ҳамаи дороӣ ва сутуронро ғанимат гирифта, ба Истахр бармегардад. Ӯ дар Порс шаҳристонеро, ки Ардашерхварро

хонанд, бунёд карда, бо пеш гирифтани сиёсати ободкорӣ ва созандагӣ деҳаҳои зиёдеро ба шаҳристон табдил медиҳад.

Аз мазмуни ин нигоштаҳо маълум мегардад, ки Ардавон подшоҳи бадхашм, кинагир, худхоҳ ва ситамгар буда, аз кирдори бадаш, ки хосатан шеваи кори аҳриманӣ аст ва ба ахлоқи маздаясноӣ мухолиф мебошад, ин амалҳоро нисбат ба Ардашер раво дидааст. Ардашер бошад, ҳамчун подшоҳи ҷисман тануманд, боҳунар, оқил, батадбир, чолок, ҳушманд, адолатхоҳ, ободкор ва ғайра тасвир карда мешавад.

Ардашер ду писари Ардавонро бо хештан дошт ва дуи дигар гурехта назди шоҳи Кобул буданд. Онҳо ба хоҳари хеш, ки зани Ардашер буд, нома навишта пайғом фиристоданд. Ту марги хешовандону нажоди хеш, ки аз ин гунаҳкорӣ душмани Яздон носазо ба марг бикушт, фаромӯш кардӣ? Туро меҳр ба бародарони мустаманд, ки ба озору сахтӣ ва биму тарсу нанг овора ба шаҳри дигарон гирифторанд ва он ду бародари бадбахти ту, ки ин паймоншикан ба банди зиндон ба ҷазо фиристод ва гирифтори марганд, нест. Ардашер ҳампиндор гаштӣ, туро ҳеҷ андешае аз мо бародарон нест.

Акнун, агар туро каме меҳри мо бувад, чораи мо бихоҳ ва кини падару хешовандон ва гуҳари хеш фаромӯш макун. Ин заҳр, ки мо бо марди бегумони хеш назди Шумо фиристодаем, аз мард бигир ва агар тавонӣ пеш аз хӯрок ба он гунаҳкорӣ паймоншикан бидеҳ, то дарҳол бимирад ва ту он ду бародари бастаро аз банд раҳо кунӣ ва мо низ ба шаҳру буму ҷойи хеш боз оем ва равони ту биҳиштӣ шавад. Духтари

Ардавон чун он нома бад-ин оин бидид ва он заҳрро барояш фиристода буданд, андешид ки чунин бояд кард ва он чаҳор бародари бадбахт аз бандҳо раҳо бояд сохт.[1]

Рӯзе Ардашер аз нахчир гурустнаву ташна ба хона омад. Ӯ дуои пеш аз хӯрок кард ва духтар он заҳр бо писту (талқон) шир омехт ва ба дасти Ардашер дод, ки пеш аз дигар хӯрданиҳо бихӯрад, ба гармиву

[1] Мероси хаттии бостон.- С. 264..

хастагӣ неку бувад. Ардашер гирифту хӯрдан хост. Бо хости Худованди ягона хурӯси сурх париду пар ба он ҷоми пист зад ва он зарф аз дасти Ардашер ба замин афтод. Ардашер ва он зан ҳар ду чун диданд, мот бимонданд. Гурбаву саги дар хона буда он хӯроки рехтаро лесиданд ва дар ҷой бимурданд. Ардашер донист, ки он заҳр буд, ки ба куштани ӯ ороста шуда. Ардашер мӯбади мӯбадон ҳамон замон пеши худ хонд ва пурсид он ки ба ҷони подшоҳон қасд кард, чӣ боядаш кард, сазовори марг аст. Ардашер фармуд ин нопокро ба охури аспон бибар ва куштан фармоӣ! Мӯбад дасти зан бигрифт ва ба берун бурд. Зан гуфт, ки имрӯз ҳафт моҳ аст, ки обистанам. Мӯбад ин сухан бишнид, баргашт ба пеши Ардашер ва ба ӯ гуфт Ҷовидон бодо, ин зан обистан аст аз ту. Замон бипоӣ то он гаҳ бизояд, дар ғайри ӯ куштан нашояд. Ардашер ки ҳолати ғазаб буд, гуфт ҳеҷ замон мапоӣ бикуш гуфтам бикуш! Мӯбад донист Ардашер дар хашм аст ва пас аз он ба пушаймонӣ расад. Вай он занро накушт ва ӯро ба хона худ бибурд ва пинҳон кард. Мӯбад ба зани худ гуфт, ки ин занро гиромӣ дор! Чун замони зоидан расид, ӯ писаре накӯ бизод.[1]

Ӯро Шопур ном ниҳод ва бипарваридаш, то ба синни ҳафтсолагӣ расид. Ардашер рӯзе ба шикор шуд ва асп ба сӯи гӯри мода ронд, гӯри нар ба теғи Ардашер омад ва гӯри модаро раҳо карду хештанро ба марг супурд. Ардашер он гӯр бигзошту ба сӯи бачаи гӯр шуд. Гӯри мода чун дид, ки савори асп ба бача афганд, омаду бачаро раҳо кард ва хештан ба марг супурд. Ардашер чун ин ҳол дид, дар ҷой бимонд ва дилаш сӯхту асп бигардонд. Ба худ биандешид, ки вой бар мардумон бод! Ин чаҳорпоёни гунг низ бо нодониву безабонии хеш бо ҳамдигар чунин меҳр баста, ки ҷони худро барои зану фарзанд супоранд. Ӯ он фарзандро ки он зан дар шикам дошт, ба ёд вард ва пушти асп истода бо бонги баланд бигирист. Ҳамроҳонаш чун ин бидиданд, дар шигифт монданд ва

[1] Мероси хаттии бостон...- С. 267.

ҳама пеши мӯбади мӯбадон шуданд. Гуфтанд ки ин чӣ буда, ки бар тани Ардашер афсурдагиву ранҷу андӯҳ расида ва чаро бигиряд?

Мӯъбади мӯъбадону эронсипаҳбад, дабири дабирон ва андарзбади шаҳзодагон дар дарбор ба пеши Ардашер омаданд ва ба рӯй афтоданд, саҷда бурдандy гуфтанд, ки ҷовидон бодо! Ба ин ҳол хештан андӯҳгин ва ранҷу ғам ба дил кардан мефармоед. Агар коре пеш омада, ки мардумон чора карда натавонанд, моро огоҳ кун то ҷону тан ва ганҷу дороиву зану фарзанди хеш пеш дорем. Ардашер дар посух гуфт, ки маро то кунун бадбахтие пеш наомада буд, ба ҷуз имрӯз, ки дар дашт аз чаҳорпои гунгу ногӯёву нодон, ки худ бад-ин ҳол дидам, он зану он фарзандро бегуноҳ дар шиками модар то кунун дар ёд буд. Аз куштани онон дар андеша ва пушаймонам, ки ба ин ҷон гуноҳи гарон шояд буда бошад.

Мӯъбади мӯъбадон чун дид, ки Ардашер аз он кор ба пушаймонӣ омадаст, ба рӯй афтод ва гуфт, ки ҷовидон бодо! Ҷазои гунаҳкорону сазоворон ба марг ва ононе, ки аз фармони шоҳ сар бипечанд, бифармоед ба ман кунанд. Ардашер гуфт чаро чунин гӯӣ? Гуноҳи ту чист? Мӯъбади мӯъбадон гуфт, ки он зану фарзандатон ки Шумо фармуда буданд, то бикушам, ман накуштам. Ӯ писаре бизод, аз ҳар навзоду фарзанди шоҳон некӯтару шоистатар. Ардашер гуфт, ки чӣ мегӯӣ? Мӯъбади мӯъбадон гуфт, ки он чунин аст, ки ман мегӯям. Ардашер фармуд, то даҳони мӯъбади мӯъбадонро пур аз ёқути сурху марвориди шаҳвору гавҳар кунанд.

Сипас мӯбади мӯбадон Шопурро назди Ардашер овард ва ӯ чун фарзанди хешро дид, ба рӯй афтод ва ба Ҳурмузд ва Амшоспандон ва фарри каёну оташҳои шоҳи пирӯзгар бас сипос ба ҷой овард ва гуфт ки он чӣ ба ман пеш омад, ба ҳеҷ шоҳу соҳибкишваре пеш наомада! Ардашер фармуд то дар он ҷой шаҳристонеро, ки Раҷ Шопур хонанд, бунёд карданд. Бас ганҷу дорои ба даргоҳи оташкадаҳои шоҳӣ фиристод ва фармуд, ки кирдори нек ба ҷо оранд.

Солҳои зиёд Ардашер дар атрофу акноф корзору куштори зиёд бо шаҳриёрони Эроншаҳр кард. Ҳамвора вилоятҳоро ором мекард, ки вилоёти дигаре саркашиву нофармонӣ мекард.

Ардашер ба кеди ҳинду пайғом фиристод то анҷоми подшоҳии хеш донистан хост. Кеди ҳинду фиристодаи Ардашер чун бидид, ба ӯ бигуфт, ки шоҳи порсиён туро назди ман бифиристод, то бидонад, “шоҳии Эроншаҳр шоҳии ягона бар ӯ расид ё не?” Акнун боз гарду бирав ва посухи ман ба вай бигӯй, ки ин шоҳи аз ду нажод-яке аз ту ва яке аз Меҳраки Анушакзадон аст, ки таври дигар намояд оростан. Ин мард пеши Ардашер пас омад ва дастури кеди ҳинду боз гуфт, ки Ардашер огоҳ шуд. Ардашер чунон сухан бишнид, гуфт, ки он рӯз мабод, ки аз нажоди Меҳраки бадравон касе ба экрониён комрон бувад. Чунки Меҳраки бадгуҳару баднажод душмани ман буд ва фарзандони ӯ низ душмани фарзандони мананд. Агар ба нерӯмандӣ расанд, кини падари хеш хоҳанд. Ардашер аз рӯи хашму кин ба ҷойгаҳи Меҳрак рафт ва ҳама фарзандони Меҳракро куштанд. Духтари Меҳракро, ки 3 сол дошт доягон пинҳон ба берун оварданд ва ба марди барзгар супурданд то меҳр ва накӯи бипарварид. Соле чанд бигзашт духтар ба синни булуғ расид, ба танумандӣ ва ҳусну чобукиву зӯру нерӯ аз ҳама занон беҳтари болотар.

Сарнавишт ва гардиши замонро рӯзе Шопури Ардашерон ба он сарзамин омад ва ба нахчир шуд. Аз паси нахчир бо нӯҳ савор ба он деҳе омад, ки он духтар он ҷо буд. Духтар ба сари чоҳ буду об мекашид ва чаҳорпоёнро об медод. Барзгар падархонди духтар ба коре рафта буд. Духтар чун Шопуру саворон дид, аз ҷой бархост ва саҷда бурду гуфт, ки хуш омадед! Дуруд бод. Бифармоед, бишинед! Чӣ ҷои хубу сояи дарахтон хунук ва ҳаво гарм. То ман об кашам, худ ва сутурон об хурад. Шопур, ки аз хастагиву гуруснагиву ташнагӣ ба хашм омада буд, ба духтар гуфт, ки эй фоҳишаи нопок, маро оби ту ба кор нест. Духтар озурда шуду ба гӯшае биншаст. Шопур ба саворон гуфт, ки сатил ба чоҳ афканеду об гиред, то дуо кунем ва сутуронро об диҳед. Саворон чунин карданд,

сатил ба чоҳ афканданд. Аз бузургии сатил, ки аз об пур шуд, боло кашида натавонистанд. Духтар аз гӯшае пайваста нигоҳ мекард. Чун Шопур дид, ки саворон сатилро аз чоҳ боло кашида натавонистанд, дар хашм шуд ва ба сари чоҳ рафту саворонро дашном доду гуфт, ки шуморо шарму нанг бод, ки аз зане нотавону беҳунаред. Шопур банд аз дасти саворон ситонд ва бо зӯр банди сатил аз чоҳ боло кашид. Ба зӯру ҳунару нерӯи Шопур духтар тааҷҷуб кард.

Чун духтар дид, ки вай бо зӯру ҳунари нерӯи хеш сатил аз чоҳ боло кашид, шитобон ба пеши Шопур омад, ба рӯй афтод ва офарин карду гуфт, ҷовидон бодо, Шопури Ардашерон, беҳтарини мардон!

Шопур бихандиду гуфт, ки ту чӣ гуна донистӣ, ки ман Шопурам? Духтар гуфт, ки ман аз бисёр кас шунидаам, ки дар Эроншаҳр саворе нест бо зӯру нерӯ танумандиву шукӯҳ ва диданиву чобукӣ чун ту – Шопури Ардашерон. Шопур ба духтар гуфт, ки рост бигӯй, ки ту аз фарзандони кистӣ? Вай гуфт, ки духтари ин барзгарам, ки дар ин деҳ мезиста.

Шопур гуфт, ки рост нагӯӣ, чун ки духтари барзгаронро ин ҳунару нерӯ ва диданиву некӯе, ки туро ст, набувад. Акнун то рост нагӯӣ, ҳамдостон набошем, Духтар гуфт, ки агар ба тану ҷонам зиён накунӣ, рост бигӯям.

Шопур гуфт, ки зинҳор матарс! Духтар гуфт, ки ман духтари Меҳраки Анушакзодонам ва аз бими Ардашер ба ин ҷой овардандам. Аз ҳафт фарзанди Меҳрак ҷуз ман кас намондааст.

Шопур барзгарро ба пеш хонд ва духтарро ба занӣ пазируфт ва ҳамон шаб бо вай буд. Сипас ҳамон шаб аз Шопур обистан шуд. Ӯро дӯсту гиромӣ дошт ва ӯ Ҳурмузди Шопуронро бизод. Шопур Ҳурмуздро то ҳафтсолагӣ аз падар пинҳон дошт.[1]

Рӯзе Ҳурмузд бо писарони дарбориёни Ардашер ба майдони аспдавонӣ омад ва чавгонбозӣ кард. Ардашер бо мӯбади мӯбадон

[1] Мероси хаттии бостон...- С. 271.

артишдорони солор ва басе озодагону бузургон он ҷо нишаста бо эшон якҷо тамошо мекард. Ҳурмузд аз ҳамаи он ҷавонон дар аспдавонӣ ва чавгон чираву далер буд. Чунин шуд, ки як ҷавон чавгон ба гӯй зад ва гӯй ба канори Ардашер афтод. Ардашер гӯё пай набурд. Ҷавонон ҳама хомӯш монданд ва аз шукӯҳи Ардашер касе ёрои ба пеш рафтан накард. Ҳурмузд бо як ҷасорат рафту гӯй бигирифт ва далерона онро зад ва бонг зад. Ардашер пурсид, ки ин писар кист? Эшон гуфтанд, ки ҷовидона бодо! Мо ин писарро надонем. Ардашер кас фиристонд ва Ҳурмуздро ба пеш хонду гуфт, ки писари кӣ ҳастӣ? Ҳурмузд гуфт, ки ман писари Шопурам. Ӯ андар замон кас фиристод ва Шопурро хосту гуфт, ки ин писари кист? Шопур зинҳор хост. Ардашер бихандид ва ба Шопур раҳм кард. Шопур гуфт, ки ҷовидон бодо! Ин писари ман аст ва ман дар ин чанд сол аз Шумо пинҳон доштам. Ардашер гуфт, ки эй нодон, чаро ҳафт сол фарзанди некӯ ба ниҳон доштӣ? Ҳурмуздро гиромӣ дошт ва басе ҳадяву либос ба вай дод ва сипоси яздон ба ҷой овард.  Ӯ гуфт, ки ҳамоно он аст, ки кеди ҳинду гуфта буд.

Пас аз он, ки Ҳурмузд ба подшоҳӣ расид, Эроншаҳро боз ба шоҳии ягона тавонист овардан. Ҳурмузд фармонравоёни атрофро ба фармонбардории хеш овард. Аз Руму Ҳинд суду боҷ хост, Эроншаҳрро ороста кард. Қайсари Руму шоҳи Кобулу Ҳинд ва Ҳоқони Турку шаҳриёрони атроф ба дурудҳои ширин ба дарбор омаданд.

Мазмуни бобҳои дигари корномаро низ масъалаи аз як насл ба насли дигар мерос мондани маснади подшоҳӣ, баёни воқеаҳои рухдодаи замони давлатдории подшоҳони сосонӣ ташкил дода, ба пуррагӣ тобиши таърихӣ доранд. Аз ин рӯ, таваҷҷуҳ ба таҳлили воқеаҳои таърихӣ накарда, вобаста ба талаботи мавзуъ кӯшиш мекунем, ки доир ба сифатҳои ахлоқӣ, адлгустарии подшоҳон, аз ҷумла Ардашери Бобакон чанде аз андешаҳои худро зикр намоем:

1. Арзиши илмии асарро вижагии кори давлатдории подшоҳони сосонӣ, дар доираи принсипи адолат ба роҳ мондани идоракунии ҷомеа, ободкорӣ,

таъмини амнияту субот, рушди илму фарҳанг, барҳам додани андешаи нажодпарастӣ, эҳтиром гузоштан ба дину оинҳои гуногуни эътиқоддоштаи сокинони минтақаҳои мухталифи кишвар, риоя доштани баробарии иҷтимоӣ ва ғайра ташкил медиҳанд. Аз дидгоҳи шоҳони сосонӣ маҳз ахлоқ камолоти маънавии инсонро таъмин намуда, ӯро ба созандагӣ, дар шакли иҷтимоишавӣ, муносибати солим, шинохт ва арҷгузорӣ ба арзишҳои фарҳангӣ сафарбар менамояд. Аз ин фаҳмиш бармеояд, ки этикаи давлатдории Сосониён дар асоси се асли ахлоқии зардуштия "рафтори нек", "гуфтори нек" ва "пиндори нек" ташаккул ёфтааст.

2. Ардашери Бобакон адлгустарӣ ва риоя кардани принсипи баробарии иҷтимоиро услуби хосси давлатдории худ шуморида, дар фаъолияти амалии худ воқеъбинона татбиқ намудааст. Инчунин, ҷорӣ доштани услубу вижагии кори давлатдории худро ба подшоҳони баъдинаи сосонӣ тавсия менамояд. Аз ҷумла аз мазмуни корнома ва таҳлилу баррасии мавод ошкор мегардад, ки Ардашери Бобакон аз зумраи подшоҳоне буд, ки дар ҳар ҳолате, ки мардум барои баровардани ҳоҷат наздаш меомаданд, худро ба мисли онҳо тасаввур карда, ба онҳо дасти мадад мерасонид. Дар ҳар ҳол ҳар ҳукм, ки аз дигаре бар худ раво намедид, мисли онро аз худ бар дигаре раво намеҳиосбид ва агар меҳисобид барои худ хиёнат медонист. Аз ин рӯ, ба подшоҳон ва масъулини идораи давлатӣ тавсия медиҳад:

- аввалан, новобаста аз вазифаю мақом ҳамаи инсонҳо баробарҳуқуқанд. Подшоҳ ва масъулин бояд байни худ ва авом фарқият нагузоранд. Ҳар гуна ҳукме, ки дар ҷомеа мебароранд, барои ҳамаи аъзои он якзайл бошад;

- дуюм, афроде, ки барои қонеъ кардани ҳоҷат ба дарбор меоянд кӯшиш кунанд, ки мушкилоташонро сари вақт ҳаллу фасл намоянд то онҳо интизории зиёд накашанд. Яъне, сухани корафтодагонро саривақт шунида, вобаста ба мазмуни он иҷрояшро таъмин гардонанд ва ба рӯзи дигар нагузоранд.

- сеюм, доно, адолатхоҳ ва қаноатпеша бошанд;

- чаҳорум, зимни баровардани ҳукм сухан ба мудоро гӯянд ва бе далел дуруштӣ накунанд ва аз шунидани арзу ниёзи зиёд ошуфта нагарданд. Хусусан, сухан гуфтанро бо заифону масокин ва аҳли қишрҳои гуногуни аҳолӣ бар худ нанг наҳисобанд;

- панҷум, он ки ҳар ҳукм, ки нисбати ашхоси гуногун бароварда мешавад, бояд аз доираи қонун берун набошад. Ба ҳар кас вобаста ба амалаш подош диҳанд, ҳарчанд ӯ аз ҳукми подшоҳ нохӯшнуд мешавад. Нохӯшнудии ашхоси ҷиноятпеша аз подшоҳ маънои ба зулм даст задани сарвари сиёсиро надорад, балки ҳукмаш ба манфиати ҷомеа мебошад;

- шашум, он ки подшоҳ ҷабру зулм, кибру ғурурро дар тинати худ парвариш надиҳад то мардум аз ӯ нохӯшнуд нагарданд, баръакс бо мардум бо меҳрубонӣ, лутфу эҳсон сухан кунад, то онҳо зери ливои ӯ сарҷамъ шаванд.

- ҳафтум, он ки барои подшоҳон ва масъулини идораи давлатӣ риояи қонун, баробарии иҷтимоӣ, таъмини марзу бум ва амнияти мардум нишонаи мустааҳкамгардии давлат ва пояҳои асосии он мебошанд;

- ҳаштум, он ки дар умури идораи давлатӣ ва ҳалли масъалаҳои муҳими кишвардорӣ подшоҳ бояд такя ба аҳли илм, донишмандон карда, ҳамеша бо онҳо машварат намояд;

- нуҳум, он ки подшоҳ дар масъалаи ҷо ба ҷо гузории кадрҳои идораи давлатӣ бояд ботадбир ва дурандеш бошад. Ба вазифаҳои мухталифи давлатӣ шахсони арзанда, сазовор, соҳибтаҷриба ва донишмандро масъул гардонад, то ҳам вазифаи худро масъулиятнок иҷро намоянд ва ҳам хизмати мардумро содиқона иҷро кунанд. Ба ашхоси ҷоҳталабу ришвахӯр ва ҷиноятпеша вазифаҳои давлатиро лоиқ набинад, зеро зулму ҷабри онҳо ин зулм ва ҷабри худи подшоҳ аст.

- даҳум, подшоҳ бояд боҳайбат, донишманд ва соҳибҳукм бошад, то дар раванди иҷрои дастурамали вазифавӣ ин пиринсипҳо ба ӯ роҳнамоӣ кунанд.

3. “Корномаи Ардашери Бобакон” - ёдгории хаттии хусусияти асотиридошта набуда, балки инъикоскунандаи воқеияти замон, низоми идоракунии давлатии шоҳони сосонӣ мебошад. Сарчашмаи муътамади таърихӣ ба ҳисоб рафта, мавзуи меҳварии онро масъалаи ахлоқ, аз ҷумла муборизаи некӣ ба бадӣ, рӯшноӣ бар торикӣ, адолат бо беадолатӣ, дониш бо бедонишӣ ва ғайра, ки аз оини маздаясна маншаъ гирифтааст, ташкил медиҳад.

Ниҳоят, адл пояи мустаҳкамӣ ва бақои давлат аст ва дар низоми ҷомеадорӣ адлгустарӣ ва риоя кардани рукнҳои он шарти аввалиндараҷа ва муҳим мебошад. Пас, подшоҳро зарур аст, ки ба хотири аз хатари нобудшавӣ ҳифз доштани давлат ба ин асос такя намояд ва агар аз иҷрои рукнҳои он баромада натавонад, аз уламмо роҳҳои бо адл ороста доштани кишварро омӯзад.

## 2.2. Ҷойгоҳи ахлоқ ва баррасии масъалҳои ахлоқӣ дар мероси хаттии аҳди Сосониён

Дар «Авесто» - китоби ахлоқии таълимоти зардуштия панҷ неруи ботинии инсон ба таври дақиқ ташхис карда шудааст:

1) Аҳу - неруест, ки бадани инсонро аз ҳар гуна таъсирҳо ҳифз карда, ҳаракати онро ба назми табиӣ медарорад.

2) Даена - маънои виҷдон, ҳисси руҳонӣ, ки инсонро ҳамеша аз аъмоли неку бад огоҳ месозад, дорад.

3) Бауда - неруи фаросату фаҳми инсон аст.

4) Урвана - маънои равон, ҷон ё руҳро дорад. Неруи эҳсоси масъулияти инсонист, зеро тасмими интихоби хубу бад бо ӯ иртибот дорад.

5) Фравашӣ ё фурӯҳар («фраваҳар») - руҳонӣ ё маънавӣ.[1] Тибқи маълумоти «Бундаҳишн» фурӯҳар фариштаест, ки вазифааш гуворонидан ё ҳалли манфиатбахши ғизо дар бадани инсон аст.

[1] Авесто. Куҳантарин сурудҳо ва матнҳои эронӣ/Гузориш ва пажӯҳиши Ҷалили Дӯстхоҳ. – Душанбе, 2001. – 792с. – С.6-24.

Ин неруи панҷгона ва се унсури ахлоқии дини зардуштия - пиндори нек, гуфтори нек ва кирдори нек, ки танзимгари амалҳои инсон дар зиндагӣ мебошанд, маншаи ташаккули ахлоқ ва риояи меъёрҳои ахлоқӣ, таҳияи мероси ғании илмӣ-фарҳангӣ дар аҳди Сосониён ва марҳилаҳои баъдинаи давлатдории мардумони тоҷику форс гаштанд.

Дар давраи Сосониён мероси хаттӣ дар шакли достонҳо, андарзномаҳо, катибаҳо ва қитъаҳо таълиф карда шуда, пурра тамоили ривоятӣ ва асостирӣ надоранд, балки фарогири рукнҳои фалсафаи амалӣ мебошанд. Барои тасдиқи фикр якчанд осори хаттии аҳди сосониёнро ҷиҳати муайян кардани ҷойгоҳи ахлоқ ва сатҳи баррасии масоили ахлоқӣ мавриди таҳлил қарор медиҳем.

«Бундаҳишн» аз зумраи осори пурарзиши адабиёти паҳлавӣ ба ҳисоб рафта, аз 22 бахш иборат мебошад. Андешаи муаллиф дар дебочаи китоб, ки ба таври зайл нигошта шудааст: «Сипос (бар) додор Ҳурмузди бошукӯҳ, фараҳманд, ҳама огоҳ, доно, тавоно (дорандаи) бартарии андешаи нек, гуфтори неку кирдори нек дар андешаву гуфтору кирдор; (ва сипос бар) ҳамаи эзидони минуиву эзидони гетӣ, ба бахти нек ва мурвои хуб, ба нек ахтар, ба дастурии яздондӯст, ҳам-хирад, парҳезгорӣ варзанда, карефадӯст, яздоншинос, минубин, некеписанд, дастури беҳдини маздаяснон, Анушервон Исфандиёр Моҳвиндод ва Рустами Шаҳриёр, нек хоҳам навишт (ин) навиштаи Бундаҳиширо»[1] аз он далолат мекунад, ки асар мазмунан тамоили фалсафӣ-ахлоқӣ ва ривоятӣ дорад. Аввалан, дар он ҷанбаи онтологии масъала, мавзуи офариниш, яъне офаридгори неруи рӯшноӣ, некӣ, накукорӣ, саховат, адолат, фазилат, пиндор, гуфтор ва рафтори нек Ҳурмузд ва холиқи бадию торикӣ, зулму ранҷ, фисқу фасод, кибру дурӯғ ва ғайра Аҳриман, инчунин андешаҳои фалсафӣ-ахлоқии оини маздаясно, ки дар низоми идоракунии давлатӣ барои подшоҳони сосонӣ ба сифати дастурамал хизмат кардаанд, баррасию таҳлил ёфтаанд. Дуюм, масъалаи дигари

[1] Бундаҳишн. Аз китоби «Мероси хаттии бостон». Ҷ. 1., - Д., 2014. – С.13.

баррасишавандаи асарро чигунагии офариниши кишварҳо, кӯҳҳо, дарёҳо, рудҳо, баҳру даманҳо, гиёҳҳо, мардумон, мубадон ва ғайра ташкил медиҳанд.

Аз мазмуни асар маълум мегардад, ки аз офаридагони моддӣ нахуст осмон, дуюм об, сеюм замин, чаҳорум гиёҳ, панҷум гусфанд, шашум мардум, ҳафтум худи Ҳурмузд ба вуҷуд омадааст. Яъне, «Ҳурмузд офаринишро ба ёрии войи диранг-худой фароз офарид, зеро, ҳангоме ки ӯ войи диранг-худойро фароз офарид, он вой афзоре шуд, ки вайро барои офариниш дарбоист. Аҳриман бад-он патёрагӣ аз камоладевон нахуст Акаманро фароз сохт, сипас Андар, сипас Совул, сипас Ногаҳис, сипас Тарумад, сипас Тарезу Зареза, сипас дигар девон, ҳафтум худи Аҳриман буд. Аҳриман ҳаргиз чизе некӯ наандешид, нагӯяду накунад. Ӯро некӯии офаридагони Ҳурмузд боиста набуд. Ҳурмуздро нобудгарии офариниши Аҳриман боиста набуд. Ҳурмузд он чизро наандешад, ки онро натавонад кард, Аҳриман онро, ки натавонад кард, андешад, таҳдид низ фароз барад».[1]

Дар бахши дуюми асар низ масъалаи ҳастишиносӣ, силсиламаротиби офариниш баррасӣ шуда, қайд мегардад, ки Ҳурмузд аз равшании бекарон оташ, аз оташ бод, аз бод об, аз об замину ҳамаи ҳастии моддиро фароз офарид.[2] Аз таҳлили ин мавод бармеояд, ки Ҳурмузд холиқи некӣ, адолат, фазилат, покизагӣ ва ғайра буда, Аҳриман холиқи шарр, бадӣ, зулм ва торикӣ аст.

Чӣ тавре қаблан қайд карда шуд, дар баробари пайдоиши мавҷудоти моддӣ ва маънавӣ, дар асари мазкур ҳамчун андешаи мардумони тоҷику форс дар мавриди пайдоиши ҷирмҳои осмонӣ, солу моҳ, рӯз инъикос дошта шудааст, ки аз рушди андешаҳои нуҷумшиносии тоҷикон дар давраи қадим далолат мекунад. Инчунин, дар бахши нуҳуми асар оид ба чигунагии офарида шудани кӯҳҳову дарёҳо, гиёҳҳо, мардумон ва ғайра маълумот дода шудааст, ки гувоҳӣ аз рушди ақидаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ва табиатшиносии ин халқи тамаддунофар медиҳад. Хусусан, дар мавриди пайдоиши кишварҳо

[1] Бундаҳишн. Аз китоби «Мероси хаттии бостон». - С. 18.
[2] Ҳамин ҷо… - С.19.

чунин иттилоӣ ҷолиб дода мешавад, ки порае, ки дар натиҷаи тағйирёбии иқлим, таъсири боду борон, обхезӣ ва дигар ҳодисаҳои табиӣ ба вуҷуд меояд, кишвар меномад.[1]

Бахши ёздаҳуми асар андар ситоиши сифатҳои сарварӣ ё роҳбарӣ мебошад. Бахши дувоздаҳум бадкирдориҳои Аҳриманро инъикос медорад, дар олам, ҳама ҷо муқобили неруи рӯшанӣ, некӣ, торикӣ ва амалҳои нораворо офарид. Бахши нуздаҳуми асар, ки «Дар бораи растохезу тани пасин» унвон дорад, доир ба масъалаҳои марбут ба ҳаёт ва марг, зиндагии индунёӣ ва ондунёии инсон, биҳишту дӯзах баҳс мекунад. Дар бахши бисту якум дар бораи мубадон – таблиғгарони оини маздоясно маълумот дода мешавад.

Умуман, асар мазмунан фалсафӣ-ахлоқӣ буда, яке аз сарчашмаҳои муътамади мардумони тоҷику форс дар мавриди баррасии масъалаи ҳастишиносӣ, бахусус, офариниши олам, набарди байни қувваҳои некию бадӣ, ки минбаъд барои ташаккули афкори фалсафӣ-ахлоқии мардуми тоҷику форс нақши хосса бозид, ба ҳисоб меравад.

Достони «Менуи хирад» аз ёдгории дигари хаттии мардуми тоҷику форс буда, мазмунан тамоили фалсафаи ахлоқӣ дорад ва асари ривоятии соф нест бо вуҷуди он ки дар он ишораҳо ба асотиру достонҳои офариниш дода мешавад. Аз маълумоте, ки дар китоби «Авесто» оид ба мазмун ва мундариҷаи ин достон дода шудааст, низ бармеояд, ки «Мену хирад» - номи китобест ба забони паҳлавӣ, ки дар асл «Доноку Меноки Хират» ё «Доноку Менуйи хирад» ё «Донойи Маинуйи Хират» («Доно ва Менуи хирад») хонда мешавад ва дар форсӣ маъмулан кӯтоҳшудаи он «Мену хирад»-ро ба кор мебаранд».[2]

Аз ҷанбаи фаҳмиши фалсафӣ Мену хирад ҷаҳони менувон, ҷаҳоне, ки пеш аз офариниши гетӣ (ҷаҳони астуманд) будааст, ҷаҳоне, ки офаридагонаш ҳанӯз пайкари гетиёна ва астуманд наёфтанд, фаҳмида мешавад. Дар китоби

---
[1] Бундаҳишн. Аз китоби «Мероси хаттии бостон». - С.41.
[2] Авесто. Куҳантарин сурудҳо ва матнҳои эронӣ/Гузориш ва пажӯҳиши Ҷалили Дӯстхоҳ. – Душанбе, 2001. – 792с. – С.664.

«Авесто» сифати маинйава «аз вожаи маинйу (мену) сохта шуда, ба маънии руҳониву маънавӣ ва дар бисёр мавридҳо бо вожаи гаетайа (аз моддаи гаета ба маънии гетӣ ва ҷаҳон) ҳамроҳ омада ва дар форсӣ маҷмуи ин ду вожа ба ҷаҳони менуӣ баргардонида шудааст».[1]

Достони мазкур аз пешгуфтор ва 62 пурсиши Доно аз Мену хирад ва ҷавобҳои Мену хирад ба онҳо иборат мебошад. Мавзуи пурсиш ва посуххоро матолиби ахлоқӣ ташкил медиҳанд. Аз ин рӯ, ин достон аз шумори андарзномаҳои паҳлавӣ маҳсуб ёфта, дар замони Сосониён, дар давраи шаҳриёрии Хусрави якум (Анушервон) нигошта шудааст.

Аз таҳлили мазмуни саволҳо ва ҷавобҳо аён мегардад, ки дар ҳал ва баррасии масъалаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ Мену хирад таблиғгари сифатҳои ҳамидаи инсонӣ: адлгустарӣ, накӯкорӣ, ростқавлӣ, фазилат, порсоӣ, ҷавонмардӣ, эҳсоси масъулият, пиндори нек, гуфтори нек, рафтори нек ва ғайра мебошад. Баръакси ин шева бошад, бадфеълӣ, фиребгарӣ, дурӯғгӯӣ, зинокорӣ, порагирӣ ва ғайраро амалҳои зишт ҳисобида, иллати асосии пайдошавии ахлоқи нораво дар ҷомеа меҳисобад.

Ё худ Мену хирад дар ҳама посуххо ба саволҳои марди доно ба ҳикмати ахлоқии ойини маздопарастӣ такя карда, аз Ҳурмузд ва Аҳриман зикри ном карда, аввалиро таблиғгари ростию амалҳои нек, рӯшноӣ ва дуюминро талқинкунандаи амалҳои зишт, фиреб, дурӯғ, кина, хусумат, торикӣ ва ғайра меҳисобад.

Нуктаи асосии андешаҳои маърифатпазирӣ, ахлоқгустарии Мену хирад бо он далел асоснок карда мешавад, ки ба ақидаи ӯ барои инсон хирад беҳтарин гавҳар ва некӣ аз беҳтарин парҳезкориҳо мебошад. Барои тасдиқи ин андешаи худ талқин мекунад, ки инсон дар зиндагии иҷтимоӣ «бояд ростиро ихтиёр кунад, бадгӯй набошад, зеро он гаронтар аз ҷодугарист. Хашмгин набошад, чӣ мард хашм гирад, он гоҳ корҳои нек ва намозу парастиши эзидон фаромӯшаш бувад ва ҳар гуна гуноҳу базаҳ ба андешааш афтад ва то нишастани хашм амалҳои нораво иҷро карда, суханҳои ноҷо баён

[1] Авесто. Куҳантарин сурудҳо ва матнҳои эронӣ/Гузориш ва пажӯҳиши Ҷалили Дӯстхоҳ. - С.665.

кунад. Андӯҳ нагирад, чӣ андӯҳбарро хушии гетиву мену нопайдо бувад ва коҳиш ба тану равонаш афтад. Аз барои нанг гуноҳ накунад, чӣ некиву оростагӣ ва неруву ҳунар ва шоистагӣ ба кому кирдори мардумон нест, балки сарнавишти сипеҳр ва коми эзидон бувад. Беш аз андоза махобад, то корҳои неке, ки кардан бояд, нокарда намонад. Зани богуҳар бигзин, чӣ беҳтар он аст, ки ба фарҷом некномтар аст. Аз зани касон бипарҳез, чӣ ин ҳар се чизат шояд нопайдо шавад: ҳам дорой, ҳам тан ва ҳам равон. Аз марди бадгӯҳар қарз маситон ва ғайра.[1]

Воқеан, дар зиндагии рӯзмарра ростиро ихтиёр кардан, дар шунидан ва гуфтан таҳаммулро риоя доштан, аз иҷро нагаштани кори банақшагирифта андӯҳгин ва ғазабнок нашудан, реҷаи кориро дуруст ба низом даровардан, зани боиффат ва порсо бар худ интихоб кардан, бо марди хасис муомила накардан ва қарз напурсидан ва ғайра на танҳо дар аҳди Сосониён арзиши иҷтимоӣ-сиёсӣ ва фарҳангии худро доро буданд, балки имрӯз низ арзиши амалии худро аз даст надода, аз муҳим будани худ гувоҳӣ медиҳанд.

Дар достони мазкур доир ба масъалаи хирад беҳтар аст ё ҳунар? – таваҷҷуҳи хосса дода шуда, Мену хирад ба он чунин ҷавоби воқеӣ медиҳад: «хираде, ки бо он некӣ нест онро хирад набояд донист ва ҳунаре, ки бо он хирад нест онро ҳунар набояд донист».[2]

Аз таҳлил ва муқоисаи ин андеша бармеояд, ки инсони хирадманд ҳамеша аз пайи иҷрои амалҳои нек аст, хирад инсонро водор мекунад, ки кори хайру савобро пешаи худ намояд, зеро дар хирад амалҳои нек нуҳуфта мебошанд. Соҳибҳунар ва муаррифигари касб низ шахси хирадманд шуда метавонад.

Дигар мавзуи ахлоқие, ки дар достони “Мену хирад” ба баррасии он аҳамияти махсус дода шудааст ин масъалаи фармонравоӣ ё сарварӣ аст. Мувофиқи маълумоти пешниҳодшуда Ҳурмузд барои нигаҳбонии офариниш фармонравои нек офарид ва Аҳриман фармонравои бадро дар

[1] Мену хирад. Аз китоби «Мероси хаттии бостон». Ҷ.1. - Душанбе, 2014. - 478с. - С.215-216.
[2] Мену хирад. Аз китоби «Мероси хаттии бостон». - С.223.

муқобили фармонравои нек офарид. Фармонравои нек он сарваре аст, ки кишварро ободон ва мардумро осуда дорад, ситам ва азиятро нисбат ба мардум раво набинад, аз амалҳои нодуруст мардумро боз дорад, оташкадаҳоро обод дошта, Яздонро парастиш ва кори некро бар худ раво бинад. Фармонравои бад бошад, он бувад, ки доду оини росту дурустро барҳам занад, дар кишвар ситаму дӯздӣ ва бедодиро ривоҷ диҳад.

Ин андеша ҳарчанд хусусияти асотирӣ дорад, вале ба он мақсад баён гардидааст, ки подшоҳон дар низоми давлатдорӣ ва иҷрои нақшҳои иҷтимоӣ адлгустар бошанд, раиятро бе асос ранҷу азият надиҳанд, баҳри ободӣ ва шукуфоии кишвар, осудаҳолии мардум ҷаҳд намоянд ва ғайра. Акси ҳол беадолатӣ ва зулму ситам низоми давлатдориро заиф гардонида, боиси бенизомии ҷомеа, нохушнудии мардум мегардад.

Дар баробари масъалаҳои фавқуззикр дар достони мазкур истеъмоли май яке аз мавзуҳои асосии тамоили ахлоқидошта ба ҳисоб меравад. Бо тавсияи Мену хирад истеъмоли май барои одамон манъ карда нашудааст, вале ӯ қайд мекунад, ки май ҳам зарар ва ҳам фоида дорад. Манфиати он дар риояи андозаи он мебошад. Зеро, барои ҳазми ғизо мусоидат мекунад, оташи баданро меафрӯзад, ҳушу ёд ва тухму хунро меафзояд ва ранҷро дур мекунад. Чашмро бино, гӯшро шунаво ва забонро гӯё намояд ва ғайра. Зарари истеъмоли беандозаи май он бувад, ки андӯҳро зиёд кунад, ҳушу ёд ва тухму хунро коҳиш диҳад, ҷигарро табоҳ кунад ва маризиро дар бадан ба вуҷуд орад. Чеҳраро бикоҳонад, зуру тавоноиро заиф кунад. Биноии чашму шунавоии гӯш ва гӯёии забонро кам кунад.[1]

Хусусан, Мену хирад истеъмоли майро ба марди некгуҳар тавсия медиҳад, зеро баъди истеъмоли май марди некгуҳар худро хуштабъ ҳис мекунад, андешаву гуфтор ва кирдораш нектар мешавад. Нисбати зан, фарзандон, ёру дӯстон нармтару ширингуфтортар мешавад ва ба иҷрои ҳар як кори нек кӯшотар. Баръак, истеъмоли майро барои марди бадгуҳар тавсия намедиҳад. Зеро, баъди истеъмол ӯ худро аз андоза бештар пиндорад, бо ёрон

[1] Мену хирад. Аз китоби «Мероси хаттии бостон». - С.226.

набард барад ва чирагӣ намояд, мардуми некро таҳқир кунад, дар маҷмуъ, оштиро бибарад ва хашмро оварад, хешу пайвандонро азият диҳад ва душманонро хушнуд созад.

Дар муқоиса бо достони Мену хирад дар "Гоҳон" ду бор (Яс. 32, банди 14/Яс. 48, банди 10) ба ишора ва на ба ном аз Ҳаум (Дар Авесто Ҳаома Сома дар санскрит – номи гиёҳи муқаддас аст, ки афшураи он гунае ошомидании оинӣ ба шумор меояд ва оинҳову ниёишҳои марбут бад-он дар Авестои нав ва дар дини зардуштии мутааххир ҷои вижа дорад...) ёд шуда ва ошомидани он, ки мастӣ оварад ва мардумонро ба корҳои зишту нораво барангезад, ба сахтӣ накӯҳиш шудааст. Аммо дар Авестои нав (ба вижа дар "Ясна", ҳотҳои 9-11) ҳамвора аз Ҳаум бо ситоишу ниёише шевову пуршӯр сухан ба миён омада ва ҳар коре, ки бо омода кардану ба даст овардани нӯшобаи Ҳаум пайванд дошта бошад, аз беҳтарин ва подошмандтарин кирдорҳо шуморида мешавад.[1]

Дар "Андарзномаи Озарбоди Маҳраспандон"[2], ки аз зумраи мероси хаттии давраи Сосониён ба ҳисоб меравад истеъмоли май манъ намебошад, вале тавсия дода мешавад, ки май ба андоза хӯр, чун ки май аз андоза берун хӯрӣ, басе гуноҳ аз он расадат ва ғайра.

Амалҳои бим ва дурӯғгӯӣ дар "Мену хирад" сифатҳои бад ҳисобида мешаванд. Дар ин маврид Мену хирад ба саволи ба бим ва сухани дурӯғ зистан бадтар аст ё марг? - ҷавоби воқеӣ медиҳад, ки "ба биму сухани дурӯғ зистан аз марг бадтар аст. Чӣ барои зиндагии ҳар кас шодиву хушии гетӣ бояд. Чун ӯро шодиву хушии гетӣ нест ва биму сухани дурӯғ бо ӯст, чунин зиндагӣ аз марг бадтар аст".[3]

Аз таҳлили ин андеша низ бармеояд, ки умри дурӯғгӯй кутоҳ аст, гуфтораш ҳамеша хилофи ростист. Дар зиндагӣ ҳамеша бо бадгумонӣ рӯз мегузаронад, танҳо ва раҳгумзада мебошад. Ҳамсуҳбати холисе надорад то бо ҳам шодиву нишотро баробар тақсим кунад.

---

[1] Авесто. Куҳантарин сурудҳо ва матнҳои эронӣ/Гузориш ва пажӯҳиши Ҷалили Дӯстхоҳ. - С.734.
[2] Андарзномаи Озарбоди Махраспандон. Аз китоби «Мероси хаттии бостон»… - С.114-116.
[3] Мену хирад. Аз китоби «Мероси хаттии бостон». - С.227.

Дар тақвияти андешаи қаблӣ Мену хирад зимни иҷрои умури давлатдорӣ ва ҳаллу баррасии масъалаҳои ҷомеадорӣ ба подшоҳон маслиҳату машваратро бо доноён ва донишмандон амали нек ва судманд мешуморад, аммо баръакс машварат бо зиёнкорону дурӯғгӯёнро тавсия намедиҳад. Зеро, онҳо дар низоми корҳои идоравӣ, таъмини меъёрҳои адолати иҷтимоӣ, дастгирии ниёзмандону ҳоҷатмандон бо сухани беасос ва нораво монеъа эҷод мекунанд.

Дар достони мазкур, оид ба мавзуи низоми табақабандии ҷомеа низ мароқ зоҳир карда шуда, вазифаи қишрҳои гуногуни аҳолӣ, аз ҷумла руҳониён, сипоҳиён ва кишоварзон мушаххас нишон дода мешавад. Масалан, мувофиқи тавсияҳои Мену хирад вазифаи руҳониён пойдор доштани дин дар ҷомеа, парастишу ситоиши Офаридгор, додани фатво ва баровардани ҳукмҳои боадолатона мебошад. Вазифаи сипоҳиён душманро задан ва шаҳру буми хеш бебиму осуда доштан аст. Вазифаи кишоварзон бошад, обод кардан, шукуфо доштани кишвар мебошад.[1]

Ҳамзамон, зимни таҳлилу баррасии масоили ахлоқӣ дар достони мазкур доир ба саволҳои кадом подшоҳ, кадом солор, кадом дӯст, кадом хешованд, кадом зан ва кадом сарзамин бадтар аст посуххои ҷолиб дода шудааст. Ба андешаҳои Мену хирад он подшоҳ бадтар аст, ки натавонад кишварро бе бим ва мардумро бе ситам идора намояд. Он солор бадтар аст, ки дар ҳунар бад ва ба некӯкорон носипос бувад ва шогирдонро ёру ёвар набошад. Он дӯст бадтар аст, ки бад-ӯ бовар натавон кард. Он хешованд бадтар аст, ки дар бадбахтӣ ёвар набувад. Он зан бадтар аст, ки ӯ номбардор набошад. Он сарзамин бадтар аст, ки ба некӣ ва бебимӣ дар он натавон зист.[2]

Таҳқиқ ва дарки мазмун ва моҳияти ин андешаҳо ҳидоятгари он аст, ки зулм ва ранҷу шиканҷаи беасос пояҳои давлатро заиф мегардонад, доно дониш ва ҳунари доштаашро ба шогирдон ба хотири аз насл ба насл мерос мондан ва аз байн нарафтани ҳунар, омӯзонад, дӯст бо рафиқаш боэътимод ва

[1] Мену хирад. Аз китоби «Мероси хаттии бостон». - С.232.
[2] Ҳамин ҷо… - С. 232.

содиқ бошад, хешу пайванд дар ҳама ҳолат дастгир ва кумакрасони якдигар бошанд ва ғайра.

Доир ба ҳолатҳои содир кардани амалҳои ношоиста ва мушаххас кардани бадтарин гуноҳҳо, ки аз ҷониби инсон дар фаъолияти рӯзмарра рух медиҳанд низ Мену хирад аҳамияти вижа дода, дар сӣ банд[1] онҳоро гурӯҳбандӣ мекунад, ки истифода набурдани онҳо барои танзими муносибатҳои ахлоқӣ, иҷтимоӣ, ташаккули рафтору кирдори писандида ва ғайра мусоидат мекунанд. Хусусан, беасос азият додани мардум; зинокориро пеша кардан; ба қатли марди порсо даст задан; чизеро, ки барои нигоҳдорӣ гирифтаӣ, бихӯрӣ ва мункир шавӣ; он ки ба сабаби гунаҳкорӣ эътимод ба дурӯғгӯӣ кунад; он ки кор накунад, аммо носипосона ва бедодгарона бихӯрад; дӯздӣ ва ё майл ба дӯздӣ кардан; паймоншикан будан ва ғайра.

Дар маҷмуъ, достони мазкур асари тамоили ахлоқидошта буда, ҳар як савол ва ҷавоби ба он додашуда, ба баррасӣ ва ҳалли як масъалаи муҳим, ки ба ҳаёти рӯзмарра ва фаъолияти амалии инсон иртибот доранд, бахшида шудаанд. Пешниҳоду тавсияҳои Мену хирад имрӯз низ барои ҳалли масоили ахлоқӣ дархӯри ҷомеаи муосир буда, барои ҳар як инсон новобаста аз мақоми иҷтимоӣ ва ҷойгоҳе, ки дар ҷомеа дорад, судманд ва баманфиат мебошанд.

Осори дигари хаттии аҳди Сосониён "Ёдгории Бузургмеҳр" - аз зумраи мероси хаттие ба ҳисоб меравад, ки онро бо амри шоҳ Бузургмеҳри Бухтагон - сарпарасти ҳарами шаҳриёри шуҳратманд Хусрав таълиф мекунад.

Бузургмеҳри Бухтагон "зодаи Марв буда, дар миёнаи асри VI зистааст ва хеле ҷавон соҳиби мақому мартабаи олӣ дар дарбори хонадони сосонӣ ва хусусан Хусрави Анушервон гаштааст. Ақлу хиради расо, огоҳии хуб аз бисёр улуму фунуни давр, сухани возеҳу фаҳмо ӯро мақбули ҳама сохт".[2]

Хусусан, Бузургмеҳр дар кушодани сирру дарёфти нозуки бозии ҳиндӣ – шоҳмот донишу заковати фавқуллода зоҳир кардааст. Мувофиқи маълумоте,

[1] Мену хирад… - С.233-234.
[2] Таърихи фалсафаи тоҷик. Дар панҷ ҷилд. Ҷилди 1. – С.481.

ки Абӯмансури Саолибӣ медиҳад, баъди ошкор кардани сирри бозии шоҳмот шоҳи Ҳинд дар қатори хироҷи солона ба Анушервон як даста асбоби бозии шатранҷ тақдим мекунад. Муҳтавои ин ҳикмат ин аст, ки “Сафири Ҳинд ба Анушервон мегӯяд: “агар маънии онро фаҳмидӣ ва ба истихроҷи он муваффақ шудӣ хироҷи солонаи мамлакатро мегирӣ, вагарна ман хироҷе ба ту мадиюн нестам. Бузургону руҳониёну донишмандони дарбор ноилоҷ монданд. Бузургмеҳр пас аз фикру диққати бисёр ба рамуз ва нақши ҳар муҳраи он дар муҳориба бо дигаре воқиф гашта, гуфт: ин бозӣ аз назари ҷанг сохта шуда, ба муҳраи аслӣ самти шоҳ додаанд ва он ки баъд аз ӯст вазир. Ба муҳраҳои бузург унвони руасои қушун барои анҷоми корҳои муҳим ва ба пиёдаҳо сарбозӣ додаанд ва ҳаракати онҳо муқобалаи майдони ҷангро муҷассам месозад. Подшоҳи Ҳиндустон аз фатонати ӯ муаҷиб шуд ва хироҷро бипардохт”.[1]

Инчунин, ба иттилои Саолибӣ, Бузургмеҳр дар ҷавоби бозии шатранҷи ҳиндуҳо бозии нардро ихтироъ карда, онро назди подшоҳи Ҳинд мефиристад. Аммо донишмандону ҳакимони ҳиндӣ асрори ин бозиро ошкор карда наметавонанд. Баъдан бо амри Анушервон, ки аз ӯ подшоҳи Ҳинд хоҳиш мекунад Бузургмеҳр сирри нардро ба ӯ мефаҳмонад. Умуман, дар он давра ин ду бозӣ дар зоҳир ҷуз ду шуғли вақтхушию вақтгузаронӣ чизи дигаре набуданд, аммо ошкор кардани асрори онҳо аз сатҳи донишу заковат, ҳикмати амиқи ақлии ин ду халқи аз лиҳози таърихӣ-маънавӣ ба ҳам наздик, гувоҳӣ медод.

“Ёдгории Бузурмеҳр” бо вуҷуди он ки доир ба назму тартиби давлатдорӣ бахшида шудааст, аммо асари пурра таърихӣ набуда, балки мазмунан ахлоқӣ мебошад. Одоби муносибат, риояи тартиби давалатдорӣ дар асоси адолат ва баробарии иҷтимоӣ, ки аз категорияҳои муҳими ахлоқ ба ҳисоб мераванд, мавзуи меҳварии баҳси он аст.

Ба андешаи Бузургмеҳр умури давлатдорӣ абадӣ нест ва муътақид бар он аст, ки рӯзе мерасад, ки он таназзул меёбад. Аз ин рӯ, тавсия медиҳад, ки

[1] Саолиби Абӯмансур. Шоҳнома. Тарҷумаи Маҳмуди Деҳлоият. – Теҳрон, 1385. – С.299-300.

дар айёми давлатдорӣ шоҳ бояд адлгустар, некандеш ва растагор бошад, то номаш аз хотираҳо наравад ва давлаташ дар забонҳо боқӣ монад.

Мазмуни асари мазкурро 132 саволе, ки подшоҳ ба Бузургмеҳр дода ва ба ҳар кадом аз он ҷавоби мувофиқе мегирад, ташкил медорад. Масалан: подшоҳ савол мегузорад, ки кадом мардум фаррухтар аст? - Бузургмеҳр посух медиҳад, ки он кӣ камгуноҳтар аст. Ба саволи кӣ камгуноҳтар аст? – ҷавоб медиҳад, ки он кӣ ба доди Яздон росттар бувад ва аз доди девон бештар бипарҳезад. Ба саволи некӣ чисту бадӣ чист? – Бузургмеҳр чунин посухи ба мантиқ дода, қайд мекунад, ки некӣ – пиндори нек, гуфтори нек ва кирдори нек ва бадӣ маънои пиндори бад, гуфтори бад ва кирдори бадро дорад. Дар идомаи андеша ба саволи пиндори нек, гуфтори нек ва кирдори нек чист ва пиндори бад, гуфтори бад ва кирдори бад чист? низ ҷавоби дақиқ дода, менависад: “Пиндори нек – паймон дар андеша, гуфтори нек – родӣ ва кирдори нек – ростӣ. Пиндори бад – фирефтори дар андеша, гуфтори бад – пастӣ ва кирдори бад дурӯғгӯӣ” мебошанд.

Доногӣ ва хирадро Бузургмеҳр ҳунари беҳтар, бегуноҳиро орзуи некутар, кирдори бадро барои инсонҳо душмани ситамгортар меҳисобад. Шаҳриёри неруманду пирӯзгари некхоҳро арҷмандтарин дар олам мешуморад. Меҳрубонтарин инсонро он шахсе меҳисобад, ки хушумед ва бегуноҳ бошад. Беҳтарин ва солортарин подшоҳ ба андешаи Бузургмеҳр ҳамон подшоҳе мебошад, ки ба мардум дӯсттар ва дар баргузиниши замон беҳтар ва он кӣ некӣ ба одамон аз рӯйи дод кунад.[1]

Инчунин, мувофиқи андешаҳои муаллиф нектарин чиз ин нишастан бо некон, дӯсти ҷовидонӣ - кирдори нек, душмани ҷовидонӣ - кирдори бад, нерумандтарин чиз – забони ростгӯён, бадтарин чиз – чашми ҳарисон ва ғайра мебошанд.

Ба андешаи Бузургмеҳр шахси саховатманд он касе аст, ки порсою равони роҳи ҳақ бошад. Роҳи ҳақ, ба андешаи Бузургмеҳр ҳамон таълимоти сегонаи ахлоқии зардуштӣ - пиндори нек, гуфтори нек ва кирдори нек

[1] Ёдгори Бузургмехр. Аз китоби «Мероси хаттии бостон». - С. 201 - 207.

мебошад. Аммо бар хилофи аҳкоми зардуштӣ Бузургмеҳр хангоми тавзеҳи ин ақидаи сегона онҳоро ба ҳаёти воқеӣ қиёс мекунад. Масалан, ӯ пиндори нек гуфта, роҳ надодан ба беаҳдӣ ва садоқат ба масъулияти вазифаро мефаҳмад. Зери ибораи гуфтори нек – адолат, вафо, ростӣ, ки аз сифатҳои ҳамидаи инсонӣ мебошанд, тасвир мекунад. Кирдори нек аз назари ӯ баландҳимматӣ, саховат, дилкушодӣ ва ғайра аст.

Дар баробари тавсифи масоили фавқуззикр ӯ моҳияти сифатҳои муқобилро шарҳу тавзеҳ дода, зикр медорад, ки андешаи бад – ин нодурустандешӣ, гуфтори бад – фурӯмоягӣ, бадалӣ, разилӣ, сифлӣ ва рафтори бад ба равиши дурӯғ рафтан аст. Бо таъкиди ӯ шахси оқилу порсо дар ягон ҳолат ба омезиши унсурҳои равонию моддӣ роҳ намедиҳад.

Ҳамзамон, арзиши баланди ахлоқии асар дар он ифода меёбад, ки мувофиқи фаҳмиши Бузургмеҳр дониш бахт меоварад, ба олам сахою ҳиммат мебахшад ва донишманд соҳиби сифатҳои олӣ аст. Беҳтарин ҳунарҳоро доноӣ ва хирадмандӣ мешуморад. Ба ақидаи ӯ хирад ин шиносоии кор ва дониш писанди кор аст. Инчунин, таъкид мекунад, ки инсонро на танҳо дониш нексириштӯ шарафманд месозад, балки маҳинӣ, фурӯтанӣ, хоксорӣ, беҳӣ, ки аз сифатҳои ҳамида мебошанд нақши хоссае дар тинати инсон доранд. Яъне, кӯшиши марди соҳибфикр тамаллуқ, қаҳру ғазаб, интиқомро барҳам зада, дар ҳолати фалокатбор боварӣ меорад. Шахси оқил ва порсо дорои ҳиммати бештар аст ва дар тинати ӯ нексириштӣ ва шафқати зиёд ба назар мерасад.

Умуман, Бузургмеҳр ҳангоми ҳаллу фасли масъалаҳои давлатдорӣ, кӯшиш мекунад, ки ба хирад такя кунад. Аз ҷониби ӯ нуқсҳое, ки дар тинати инсон мавҷуданд ба чаҳор қисм тақсим карда мешаванд:

1) бо тарсу ҳарос ба муҳориба баромадан;

2) шафқату меҳрубони зоҳир карда, ба касе ба дилтангӣ чизе инъом додан;

3) маслиҳати ҳакими доноро рад кардан;

4) меҳнати саросема бо ихтилои истироҳату хоб. Аммо нуқси аз ҳама азимро майли риёю тазоҳур, дурӯғ, хасисӣ, бадкорӣ, бо фиреб ба ҳадаф расидан, худнамоӣ ва худситоӣ мешуморад.

Дар маҷмуъ, ба ақидаи Бузургмеҳр саодатманд он касест, ки шараф, фаҳм, дониш, амал, таҷрибаро сайқал дода, ёвари сазовор интихоб мекунад, қобилияти тафриқаи некию бадиро дорад ва барои некӣ амал мекунад. Зеро кору амали санҷидаю оқилона ба худи кас ва ба дигарон зарар намеорад ва амал беҳтарин некӣ барои одамон аст. Ҳокими беҳтарин онест, ки бо раият адлро риоя мекунад, вақтро хуб мефаҳмад.

Ҳамзамон, ин ёдгории арзишманди таърихӣ дар марҳилаҳои баъдинаи рушди афкори ахлоқӣ барои таълифи асарҳои ахлоқӣ хизмати бориз намуд. Ақидаҳои мухталифи Бузургмеҳр дар таълифоти Абӯлҳасани Масъудӣ, Ибни Исфандиёр, Саъдуддидини Варовинӣ, Низомулмулк, Байҳақӣ ва дигарон истифода ва вобаста ба талаботи замон такмил дода шуданд.

Дар баробари осори хаттӣ, аз ҷумла достонҳои таърихии хусусияти ахлоқидошта, анъанаи андарзнависӣ ва пандофарӣ, ки мазмунан ва моҳиятан ифодакунандаи фалсафаи ахлоқӣ, танзимкунандаи муносибатҳои иҷтимоӣ мебошанд, дар фарҳанги ғании маънавии мардумони тоҷику форс таърихи беш аз 3000-сола дорад. Нахустин намунаҳои панду андарзҳои ахлоқӣ дар куҳантарин қисмати Готҳои “Авесто” зуҳур намуда, дар адабиёти паҳлавии замони Сосониён (220-661), хусусан давраи подшоҳии Хусрави Парвиз (531-579), ки бо лақаби Анушервони Одил маъруф аст, хеле ривоҷ ёфта буд.

Андарзномаҳо аз лиҳози мавзуъ ва мазмун пурра инъикосунандаи ҷанбаҳои гуногуни фалсафаи амалӣ, аз ҷумла ахлоқ, таълиму тарбия, таблиғи худшиносию худогоҳӣ ва ғайра мебошанд. Аз ҷумла “Андарзномаи Озарбоди Маҳраспандон” аз зумраи мероси хаттии хусусияти ахлоқӣ-тарбиявидошта мебошад. Ин андарзнома аз ҷониби Озарбод ба писараш бахшида шудааст ва

бар теъдоди 124 насиҳат[1] ӯ фарзандашро барои лоиқ гардидан ба сифатҳои ҳамидаи инсонӣ: некандеш будан, босабурӣ, таҳаммулгароӣ, инсондӯстӣ, ростқавлӣ, адлгустарӣ ва ғайра талқин мекунад. Андарзҳои Озарбод ба фарзанд дорои арзиши баланди ахлоқӣ мебошанд ва имрӯз низ аҳамияти худро барои таълиму тарбияи фарзанд, раванди дурусти низоми таълиму тарбия аз даст надодаанд.

Аз ҷумла, зимни таълиму тарбияи фарзанд истифода бурдани чунин андарзҳои Озарбод, ки вобаста ба гузариши даврахои тӯлонӣ мазмуни худро коста нагардонидаанд, судманд мебошанд: некандеш будан, на гуноҳандеш; он чӣ бигзашт, фаромӯш кун ва барои он чӣ наомадааст, тимору андӯҳ мабар!, ба марди худо ва солор худрой ва густох мабош!, ҳар чӣ бароят нек нест, ба дигар кас низ макун!, хештан ба бандагӣ бар касе маспор!, ҳар кас бо ту хашму кин барад, дур бош!, роз ба занон мабар!, ҳар чӣ бишнавӣ, бишнав, лек ҳарза магӯй ва ба марди ҳарзагӯй ҳамроз мабош!, зану фарзанди хеш ҷуз аз фарҳанг берун магузор, то тимору андӯҳи гаронат нарасад ва пушаймон нагардӣ!, беҷо маханд!, шухӣ ба андоза кун! Ба ҳеҷ кас афсӯс макун!, ба марди бадогоҳ, хашмин ҳамроҳ мабош!, ба марди пурхӯр ҳамхӯриш мабош!, аз марди табоҳкору дурӯғгӯй сухан машнав!, ба ҷазо додани мардумон макӯш!, аз марди бадгуҳар ва марди баднажод қарз маситон ва мадеҳ: чӣ баҳраи гарон бояд додан ва ҳар гоҳ ба дари ту истад ва ҳамеша пайғомбар ба дари ту дорад ва ӯ зиёни гарон бувад, барои ҷоҳу мансаб макӯш!, бо марди озоданажод ва корогоҳу зирак ва хушхӯ машвара кун ва дӯст бош!, бо марди дабир дар хилоф мабош!, ба ҳеҷ кас дурӯғ магӯй!, то чанд тавонӣ мардумон ба сухан маозор!, ошкоргӯ бош ва бедалел сухан магӯй!, агар туро писаре бувад, ӯро дар кӯдакӣ ба дабиристон бидеҳ чунки омӯзиш равшании чашм аст, сухан нарм гӯй ва гуфтор нарм дор!, андеша рост дор, хештан маситой, то росткирдор бошӣ!, ростгуфтор бош то устувор бошӣ ва хирадманд бош, то дӯст беш дошта бошӣ!, некном, некзист ва порсо бош!, сухани зишт магӯй! Чун ба анҷуман нишинӣ, наздики

[1] Андарзномаи Озарбоди Маҳраспандон. Аз китоби «Мероси хаттии бостон»… - С.114-116.

мардуми бадогоҳу ҷоҳил манишин, то ҷоҳилпадидор нашавӣ!, ба падару модари хеш бо эҳтиром ва чокару фармонбардор бош, чунки мардро то падару модар зинда аст, чун шерест, ки дар беша аз касе натарсад ва он ки ӯро падару модар нест чун зани беваест, ки чизаш ситонанд, чизе кардан натавонад ва ҳар кас хораш кунад, духтари худ ба марди зираку доно бидеҳ, ки марди зираку доно чун замини некӯст, ки тухм бад-он афканад, аз он хӯшаи фаровон бадар ояд, агар хоҳӣ, ки аз кас дашном нашнавӣ, ба кас дашном мадеҳ!, суханчин ва дурӯя мабош!, аз душмани куҳан дӯсти нав макун, ки душмани куҳан мори сиёҳест, ки кини садсола фаромӯш накунад!, хирадманд бош ва вазифаи хешро барои номи хеш магузор!, даст аз дӯздӣ ва пой аз нарафтан ба анҷоми вазифа ва андеша аз орзуи паст боз дор, чи он ки кори нек кунад, подош бинад ва он ки гуноҳ кунад, ҷазо барад, ҳар кӣ душманонро чоҳ канад, худ дар чоҳ афтад!, дар хӯриш хӯрдан ҳарис мабош!, аз комиландешӣ, мардумдӯстӣ ва хушсуханӣ хушхӯиро донистан шояд ва ғайра.

Аз мазмуни ин андарзҳо, инчунин як ҷанбаи муҳимми раванди таълиму тарбияи фарзандро метавон муайян кард, ки волидайн ё мураббӣ дар баробари ба фарзанд ва ё шогирд таблиғ кардани сифатҳои ҳамидаи ахлоқӣ, ки шахсро барои иҷрои амалҳои неку писандида, растагорию хайрандешӣ, хирадмандӣ, мардумдӯстдорию хушсуханӣ, хушгӯӣ ва ғайра ҳидоят мекунад, бояд дар муқобил сифатҳои бадӣ инсонӣ, ки шахсро барои иҷрои амалҳои зишту нораво, бадандешӣ, густохӣ, содир кардани гуноҳ, суханчинӣ, фиребгарӣ, дурӯғгӯӣ, мардумбадбинӣ, ҳарисӣ, баднафсӣ, дурӯягӣ, дар маҷмуъ, пиндори бад, гуфтори бад ва кирдори бад ва ғайра равона медоранд, гузошта, ӯро аз ин роҳи бад боз дорад, оқибати содир кардани амалҳои носазоро ошкоро гӯяд.

Дар андарзномаи “Андарзи Хусрави Каводон”[1] бошад, 13 андешаи ҷолибу арзишманди гӯянда ҷой дода шудааст. Онҳо низ пурра тамоили бадеӣ надоранд, балки мазмуни баланди ахлоқиро доро мебошанд. Хусусан,

[1] Андарзи Хусрави Каводон. Аз китоби “Мероси хаттии бостон”... - С. 289-290.

Хусрави Каводон дар ин андарзнома таваҷҷуҳ ба он зоҳир кардааст, ки мардумро ба он талқин кунад, то беҳуда гуноҳ содир накунанд, накӯкорӣ пеша кунанд, моли зиёд ба хотири рӯзи мабодо захира насозанд. Молро дар зиндагии рӯзмарра сарф карда, умри худро хуш гузаронанд. Ё худ некбахт бошанд, танбалӣ накунанд ва вақти худро беҳуда нагузаронанд. Вобаста ба завқу ҳавас ва маҳорати дошта, аз паси иҷрои коре гарданд ва покизакор бошанд. Донанд, ки дар ин дунё барои чӣ офарида шудаанд ва мақсад аз офарида шудани онҳо дар ин олам чист ва чӣ коре анҷом диҳанд, ки номашон ба некӣ ёд шуда, аз амалашон ба мардум ва ҷомеа нафъ расад ва ғайра.

Андарзномаи дигари тамоили ахлоқӣ ва тарбиявидошта, ки дар ҳар як марҳилаи ҷомеадорӣ мазмун ва моҳияти худро аз даст надода, мубрамияташро нигоҳ доштааст - "Андарзи марди доно ба писари хеш"[1] мебошад. Дар ин андарзнома марди доно ба писараш 46 сифат ва иҷрои амалро, ки инсонро хушахлоқ, худогоҳ, хирадманд, инсондӯст, ҳалим, порсо, некандеш, ғамхор ва ғайра мегардонад, тавсия медиҳад.

Содир кардани гуноҳ амали бадӣ инсонӣ мебошад ва он аз бедонишӣ, беақлӣ, гумроҳӣ ва ғайра ба вуқӯъ мепайвандад. Аз ин рӯ, марди доно дар мадди аввал ба фарзанд таъкид мекунад, ки бегуноҳ бош, то бебим бошӣ, сипосдор бош, то ба некӣ арҷманд бошӣ. Фурӯтан, нармсухан ва мардумдӯст бош. Ба ҳар кас созгор бош, то аз пас айбат накунанд. Манзур аз ин насиҳатҳо он аст, ки шахси гунаҳкор доимо дар биму тарс аст ва ҳис мекунад, ки замоне фаро мерасад, то ба ӯ аз ҳисоби гуноҳи содиркардааш ҷазои муносибе диҳанд. Фурӯтанӣ, нармсуханӣ ва мардумдӯстӣ аз сифатҳое мебошанд, ки касро боэҳтирому баиззат мегардонанд. Яъне, шахси содиқ ва босипос ҳамеша азиз аст ва ба ӯ инсонҳо метавонанд эътимод кунанд ва миёнашон риштаи дӯстӣ пайванд гардад.

Андарзҳои дигари муҳимшуморида, аз ҷумла: "Ба ҳангоми сур он ҷой нишин, ки дастат гиранд ба боло кашанд, на он ҷой нишин, ки поят гиранд фурӯ кашанд"; "Барои ҷоҳ макуш"; "Май ба андоза хӯр"; "Ба хештан ба айбу

[1] Андарзи марди доно ба писари хеш. Аз китоби "Мероси хаттии бостон"... – С.319-320.

ҳунар нигар”; “Ба дастури хеш зан гир”; “Бо солорону подшоҳон яке бо ду макун”; “Аз душман ба ҳар гоҳу замон бипарҳез, аз ӯ биандеш, душман пиндор. Бад-он гоҳ бештар бипарҳез, ки бас тавонгар аст”; “Мардуми дӯст ва озарм (муҳтарам) - ро маозор. Чунки аз озурдани дӯстон суд андак аст ва зиён бештар”; “Он чӣ ба хештан шоиста набувад, ба ҳеҷ кас макун”; “На ба гуфтори дурӯғ ва на ба хоҳиши рост савганд маҳӯр”; “Зану фарзанд чандон ки метавон нек ба оромиш дор, ба вижа ба додгоҳ ва ба андарзу фарҳанг дор”; “Пеши зани руспӣ (фоҳиша) марав. Агар ҳар гуноҳ, ки он руспӣ кунад, ба равони ту расад”; “Аз хеш родӣ кун, на аз касони хеш. То тавонӣ, дорой аз роҳи некӯӣ андӯз, ба тану равон андоз ва низ ба некону арҷмандон деҳ. Чунки тан ҷовидон нест, равон ҷовидон аст”[1] ва ғайра мазмунан дорои арзиши баланди ахлоқӣ мебошанд.

Умуман, новобаста аз он ки чандин садсолаҳо гузаштанд, асрҳо сипарӣ шуданд, вале ин насиҳатҳо ба мардум, ба сифати дастурамал ҷиҳати таълиму тарбияи фарзанд, тарбияи инсони хушахлоқу соҳибфазилат, комил,  ки дар рушди ҷомеа саҳми худро гузорад, нақш бозиданд ва имрӯз низ арзиши худро аз даст надодаанд. Ҳар як андарз ифодакунандаи як мавзуи муҳимми ахлоқӣ ҷиҳати танзими раванди таълиму тарбия, хушахлоқ ва растагор гаштани фарзандон гаштанд. Ин андарзҳо барои подшоҳои сосонӣ низ ба сифати дастурамал ҷиҳати бо адл ороста доштонаи пояҳои давлат, барқарор доштани адолат ва баробарии иҷтимоӣ хизмат карданд. Инчунин, омӯзиш, таҳлил ва муқоисаи асарҳои ахлоқии мутафаккирони марҳилаҳои гуногуни таърихии мардуми тоҷику форс аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки дар ташаккули афкори ахлоқии онҳо, осори хаттии хусусияти фалсафӣ-ахлоқидоштаи давраи сосониён, ба вижа андарзномаҳо ба сифати сарчашмаи муътамад нақш бозиданд, ки ин паҳлуи мавзуъ то имрӯз таҳқиқнашуда боқӣ мондааст.

Дар давраи қадим катибаҳо низ навъи дигари мероси хаттии мардумони тоҷику форс ба ҳисоб рафта, ба шакли мухтасар ё муъҷаз навишта мешуданд. Дар онҳо сифатҳои нек ва бад, амалҳои писандидаю нораво, корнамоиву

[1] Андарзи марди доно ба писари хеш. Аз китоби “Мероси хаттии бостон”... – С.319-320.

бедодгариҳои шоҳон, адлгустарӣ ва сиёсати ғасбкунии онҳо ва ғайра нигошта мешуд. Барои то чӣ сатҳ инъикос ёфтани ахлоқ ва риоя гаштани меъёрҳои ахлоқӣ дар катибаҳои меросмонда, ба таҳқиқи мазмун ва муҳтавои якчанд катибаҳо таваҷҷуҳ медиҳем.

Дар катибаҳо ҳам сифатҳои ахлоқӣ ва ҳам амалҳои бади шоҳон, ҳам сиёсати давлатдории онҳо ҷиҳати пойдории адолат, риояи баробарии иҷтимоӣ, баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардум ва ҳам ҷанбаҳои манфии сиёсати пешгирифтаи онҳо, ки барои шоҳони пасин дарси ибрат гарданд, тавсиф карда шудаанд. Масалан, аз мазмуни матни катибаи "Маншури Куруши Ҳахоманишӣ"[1] маълум метавон кард, ки то ба сари қудрат омадани Куруш дар кишварҳои Бобул, Шумер ва Аккад подшоҳон сиёсати ноодилонаро дар низоми идоракунии ҷомеа роҳандозӣ карда, бедодгариро ривоҷ ва вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии мардумро мушкил гардонида буданд. Хусусан, оинҳои куҳанро аз миён бурда, чизҳои сохтаро ба ҷойи онҳо мегузоштанд. Кори ношоистаи қурбонӣ карданро ривоҷ дода, хушунату бедодгариро зиёд карданд. Аз ҷумла, шоҳи Бобул бо муқаррароти номуносиб дар зиндагии мардум дахолат карда, ғаму андӯҳро меафзояд. Ҳатто барои нафрати мардумро зиёд кардан аз парастиши Мардук, худои бузург рӯй мегардонад. Мардумро ба сахтии маош дучор карда, ҳар рӯз ба шевае сокинони шаҳри Инилро озор медод. Мардуми зиёд аз сиёсати ноодилонаи шоҳ, ки кишварро ноором ва вазъи зиндагии мардумро сангин гардонида буд, шаҳрро тарк мекарданд.

Куруш дар ин катиба ҳамчун шоҳи ҷаҳон, шоҳи бузург, шоҳи тавонманд, шоҳи Бобул, шоҳи Шумер, шоҳи Аккад, шоҳи чаҳор гӯшаи ҷаҳон тасвир карда мешавад. Зеро, ҳангоми ба даст овардани қудрати сиёсӣ дар ин кишвар, ки бо кумаки Мардук, бе хунрезӣ сурат гирифт ӯ пояи идоракунии давлатро бо адл ороста дошт, зулмро аз бех барканд, ҳаёти осоиштаро барои мардум муҳайё кард. Мардум аз кирдори нек, андешаи неки ӯ хурсанд ва пуштибонӣ аз сиёсати Куруш мекунанд. Куруш дар Бобул бардадорӣ ва

[1] Катибаи "Маншури Куруши Ҳахоманишӣ". Аз китоби "Мероси хаттии бостон"... - С.325-328.

бардафурӯширо барҳам медиҳад. Ба мардум, ба таври озод парастиши худоёнро ба роҳ монд. Шаҳрҳои куҳан ва вайронаро таъмир ва аз нав сохт. Бо фармони ӯ он ниёишгоҳҳое, ки баста шуда буданд, аз нав ба фаъолият шурӯъ намуда, дили мардумро шод карданд. Мардуми овора ва муҳоҷиршударо ба макони зисти худ баргардонид. Хонаҳои вайронаи онҳоро обод кард ва ҳамаи мардумро ба ҳамбастагӣ фаро мехонад.

Ҳақиқатан, дар ин катиба Куруш ба сифати як шоҳи одил, хирадманд, ҷасур, ғамхори мардум, саховатпеша ва доною тавоно тасвир ёфтааст, ки барои шоҳони пасин намунаи ибрат мебошад. Онҳоро ҳидоят мефармояд, ки дар низоми идоракунии ҷомеа зулму шиканҷаро ривоҷ надиҳанд, ғаму андӯҳи мардумро зиёд накунанд, озодиҳои онҳоро таъмин ва адлро рукни муҳимми давлатдорӣ ҳисобанд ва дар татбиқи он ҳамеша ҷаҳд намоянд. Дар чунин ҳол кишвар пешрафта, мардум дар амну осоиш зиндагӣ ихтиёр мекунад, аз сиёсати подшоҳ пуштибонӣ намуда, дар амалӣ кардани он саҳмгузор мешавад.

Дар "Катибаҳои Суиз"чунин матн нигошта шудааст: "Дориюш шоҳи бузург, шоҳи шоҳон, шоҳи мардумон, шоҳи рӯи ин замини бузург, писари Виштосп, ҳахоманишӣ".[1] Аз ин матни мушаххас метавон чунин иттилоъ ба даст овард: аввалан, Дориюш (Доро) - шоҳи одил, растагор, ғамхор ва дастгири мардум, тавоно ва шуҷоъ мебошад. Дуюм, аз насли пешини ин шоҳ хонандаро огоҳ мекунад, ки ӯ писари Виштосп, аз сулолаи ҳахоманишиҳо мебошад.

Дар китибаҳои сосонӣ, аз ҷумла, дар "Катибаи Ардашери Попакон (Бобакон)" ба таври мушаххас чунин матн зикр ёфтааст: "Ин пайкари маздопараст Бағ (Худой) Ардашери шоҳон, шоҳи Эрон, дорандаи нажод аз Худоён, писари Бағ (Худой) Попакшоҳ".[2] Аз нигошта хонанда маълум менамояд, ки Ардашер шоҳи Эрон, аз насли Бобаки сосонӣ мебошад ва таблиғкунандаи оини маздопарастӣ аст ва ғайра.

---

[1] «Катибаҳои Суиз». Аз китоби "Мероси хаттии бостон"... - С.365.
[2] «Катибаи Ардашери Попакон". Аз китоби "Мероси хаттии бостон"... - С.381.

Ниҳоят, дар ҷамъбасти зерфасл чунин хулоса бароварда мешавад, ки ёдгориҳои хаттии мардумони тоҷику форс достонҳо, андарзномаҳо, катибаҳо, қитъаҳо ба ҳисоб рафта, ба таври комил хусусияти асотирӣ надоранд. Ахлоқ ва риояи меъёрҳои ахлоқӣ мавзуи баррасии ин ёдгориҳои таърихӣ мебошанд. Хусусан, катибаҳо ба таври ниҳоят муъҷаз, кутоҳ нигошта шуда, инъикоскунандаи мавзуҳои мухталифи ахлоқӣ-фалсафӣ мебошанд, ки аз рӯзгори куҳан ба насли имрӯзи ҷомеа мерос мондаанд ва арзиши баланди илмӣ доранд.

## 2.3. Аҳамият ва арзиши этикаи Сосониён дар низоми давлатдории миллии ҷомеаи муосири Тоҷикистон

Табиист, ки дар таърихи ҳар миллат шахсиятҳое ҳастанд, ки бо ҷасорат, адлгустарӣ, низоми одилонаи ҷомеадорӣ сохтор ва усули идораи онро ба куллӣ дигаргун карда, давлати пуриқтидорро таъсис медиҳанд. Ободкорию созандагӣ, рушди ҳаёти маънавиро ҳамчун соҳаҳои афзалиятноки рушди ҷомеа ҳисобида, ба дастовардҳои зиёди моддию маънавии нойил мегарданд. Таърихан, барои мардуми тоҷику форс чунин шахсият Куруши Кабир мебошад, ки баъдан сиёсати ҷомеадорӣ ва фарҳанги адлгустарию инсонгароии ӯ барои подшоҳони сулолаҳои баъдинаи эрониён, хусусан подшоҳони сосонӣ ҳамчун идеал қабул карда шуд. Чӣ тавре дар ин маврид муаррихи маъруфи тоҷик Б.Ғафуров барҳақ менависад: “Куруши Кабир барои форсҳо ҷадди бузург, барои бобулиҳо расули худои Мадрук, барои юнониҳо раҷули бузурги давлат ва барои яҳудиён наҷотбахши худо Яҳва шинохта мешуд”.[1]

Куруши Кабир аввалин подшоҳе буд, ки нахустин империяи мутамаддини ориёиро бунёд гузошт, ки то империяи ӯ то замони лашкаркашию кишваркушоиҳои Искандари Мақдунӣ дар таърихи тамаддуни башарӣ назире надошт.[2]

---

[1] Ғафуров, Б. Тоҷикон: таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав. -Душанбе: Дониш, 2008. - С. 72.
[2] Раҳмон Э. Чеҳраҳои мондагор.- С.6.

Муҳаққиқи аврупоӣ Газанфун дар асари худ “Курушнома”сифатҳои шахсӣ, кордонию соҳибтаҷрибагӣ ва донишмандии ӯро тавсиф карда, ба ӯ чунин баҳои воқеӣ медиҳад: “Куруш нобиғаи бузург буд, ки дар тамоми умр ба ҳадафи муқаддас пайравӣ мекард. Ӯ дӯсти инсонҳо ва талаби илму ҳикмат, ростӣ ва дурустӣ буд. Куруш ақида дошт, пирӯзӣ ба ҳеҷ кишваре ҳуқуқ намедиҳад, ки халқи мағлубро асир кунад”.[1]

Ба андешаи Геродот бошад, «Куруш подшоҳи фурӯтан, баландҳиммат ва родмарди шуҷоъ буд. Ӯ порсҳоро аз хироҷ додан раҳонид ва соҳиби империяи ҷаҳонӣ ва миллати нерумандтарин гардонид. Ҳангоми сохтани роҳҳо дар фосилаҳои муайяни роҳ аломатҳои шинохти роҳро мегузошт. Баъди ҳар панҷ фарсанг бошишгоҳҳои амонатӣ ва баъди ҳар бист фарсанг дар гузаргоҳҳои чорроҳа корвонсарою шаҳракҳои тиҷоратӣ бунёд менамуд».[2]

Адлгустарӣ, ва хислати башардӯстона доштани Куруш дар он кору амали ӯ зоҳир мегардид, ки ӯ пеш аз оғози намудани ҷанг ҷиҳати нарехтани хуни ноҳақ ба душманонаш бо кафолати амният, озодӣ шартҳои барои онҳо имтиёзнок, аз ҷумла бастани сулҳро пешниҳод мекард. Агар ҷониби муқобил пешниҳоди ӯро қабул намекард фавран даст ба ҷанг мезад. Бо ҳиммати баланди инсонгароӣ ба аскарияи худ тавсия медод, ки баъди пирӯз баромадан ба душман асирафтодагон, мағлубонро озор надиҳанд ва иззати нафси онҳоро паст назанад.

Нисбати ҷо ба ҷо гузории кадрҳои давлатӣ батадбир буд ва ақлонӣ рафтор мекард. Хусусан, шахсони лаёқатманд, донишманд, кордон ва барояш содиқу масъулиятнокро, қадр карда, онҳоро ба мансабҳои калони давлатӣ масъул мегардонид. Подшоҳони мағлубшуда ва ба асирӣ афтодаро авф мекард (Шоҳи Лидия Крез, шоҳи Бобул Набонид ба ин мисол шуда метавонанд).

Дигар паҳлуи сиёсати башардӯстонаи Куруши Кабир дар он падидор мешавад, ки ӯ дар ҳайати империяи худ қариб 70 қавму миллатҳои

---

[1] Яъқубов, Ю. Таърихи халқи тоҷик. Китоби дарсӣ. –Душанбе, 2015. - С.145-146.

[2] Геродот. История. Кн.1. - С. 178-206.

гуногунро муттаҳид кардааст. Ба ҳамаи онҳо расман озодӣ ва баробарҳуқуқиро таъмин менамояд. Аз ин рӯ, на танҳо подшоҳони сулолаҳои ориёӣ, имрӯза сарварони ҷомеаҳои Шарқӣ, балки башарият метавонад аз амали нек, фарҳанги инсондӯстӣ ва адолатпарварии ин шахсияти беназири таърих самаранок истифода барад.

Ба маънои дигар, дар давраи тоисломӣ халқи тамаддунофари тоҷику форс давлати ягонаи мутамаркази пуриқтидор, фарҳанги ғании моддию маънавӣ дошта, дастоварду бозёфтҳои он барои таъмини сулҳу субот, риоя кардани меъёрҳои адолат, баробарии иҷтимоии тамоми қишрҳои аҳолии ҷомеа, тарбияи ахлоқию маънавии наслҳо мавриди истифода қарор дода мешуданд. Баъдан, дар натиҷаи суқути давлати Сосониён ва ба сари қудрат омадани арабҳо фарҳанги исломӣ ташаккул ва таҳаввул ёфт ва ин зуҳуроти таърихӣ ба тоҷикон роҳро барои ворид шудан ба муҳити нави фарҳангӣ, низоми ҷомеадорӣ ворид кард. Яъне, дар натиҷаи ин зуҳуроти рӯйдодаи таърих арзишҳои ахлоқӣ ва фалсафии давраи тоисломии тоҷикон бо арзишҳои фарҳанги исломӣ омехта гардида, барои рушд ва густариши фарҳанги исломӣ ва интиқол ёфтани арзишҳои он ба кишварҳои дигари ҷомеаи инсонӣ ба сифати сарчашмаи боэътимод нақш бозиданд.

Аз ҷумла, зардуштия аз қадимтарин таълимоти динӣ-фалсафӣ ва “Авесто” куҳантарин мероси хаттии эрониён ва номаи дини маздопарастон ба ҳисоб мерафт. Мавзуи ахлоқ ва тавсифи категорияҳои ахлоқӣ: некӣ, накукорӣ, ростӣ, растагорӣ, адолат, парҳезкорӣ, пиндори нек, гуфтори нек, рафтори нек ва ғайра, ки муқобили пиндори бад, гуфтори бад, рафтори бад, зулму торикӣ, ҷаҳолату дурӯғ тобиши маънавӣ доштанд, ҷавҳари фалсафии таълимоти онро ташкил медод. Дар марҳилаҳои баъдинаи давлатдорӣ арзишҳои ахлоқӣ ва фалсафии Зардушт ба дигар мактабҳои динӣ-фалсафӣ ва динҳои ҷаҳонӣ, аз ҷумла ислом интиқол ёфта, барои рушд ва таҳаввули он нақши хосса бозиданд.

Умуман, китоби “Авесто” маҷмуи сурудҳои кӯтоҳ дар ситоиши радону покон ва порсоёну ҳама офариниши неки аҳурой, зебоиҳои лафзӣ,

оростагиҳои маънавӣ ва куҳантарину шевотарин чакомаҳои эронии даврони бостон, номаи динии зардуштиён, ки дар намозҳо ва ниёишҳову ҷашнҳои гуногун ва ҳангоми судрапӯшиву куштибандӣ ва дар маросими заношӯиву оини ёдбуди даргузаштагон хонда мешуданд, ситоишу ниёиш, парастишу қурбониҳо ва ғайраро дар бар мегирад. Ин ёдгории арзишманди ниёкон баъди аз ҷониби Искандари Мақдунӣ сӯзонида шудан маҳз дар аҳди давлатдории Сосониён аз нав ҷамъоварӣ гардида, ба шакли китобат даровардa шуд. Зеро, агар аз як тараф, подшоҳони сосонӣ ин амали некро анҷом намедоданд хатари пурра аз байн рафтани осори зардуштӣ, фарҳанги куҳани халқи тоҷик ба вуҷуд меомад. Ба туфайли ин хизмати таърихии Сосониён "мо имконият пайдо кардем то гузаштаи худамонро гум накунем ва хотираи таърихиро нигоҳ дошта, ба оламиён нишон диҳем, ки мо миллати бостонии ориённажодем.[1]

Аз тарафи дигар, подшоҳони сосонӣ арзишҳои ахлоқӣ, усулҳои ҷоридошти адолати иҷтимоӣ, ки таъминкунандаи баробарии иҷтимоӣ ва бо адл ороста гардонидани пояҳои давлатдорӣ ба ҳисоб мерафтанд, сармашқи кори рӯзмарраи худ қарор дода, давлати пуриқтидори сосониёнро таъсис доданд. Ба вижа, подшоҳони сосонӣ ақидаҳои ахлоқмеҳварии Зардуштро, ки инсонро офаридаи поку беолоиши Аҳурамаздо ва ҳамкору ёвари офаридгор дар густаришу такомули офариниш ва пайкор бо неруҳои аҳриманӣ медонад на гунаҳкори азалӣ, ки бояд ҳамвора рӯй аз хушӣ бигардонаду нафси хешро бикушад ва анвои шиканҷаҳову ҳавлу ҳаросҳоро бартобад, то ин ки бахшояндаву растагор шавад, идеали давлатдории худ қарор доданд. Зеро, Зардушт ба мисли Буддо таълим намедод, ки "Раҳоии ҳар кас дар нестии ӯст". Ва одамӣ бояд аз ҳама лаззатҳои инҷаҳонӣ даст бишӯяд ва дар гӯшае ба риёзат бипардозад, балки таъкид мекунад, ки "Одамӣ барои комравоии фардӣ ва иҷтимоӣ офарида шуда ва зиндагӣ ситезаву муборизаи дерпоест миёни некиву бадӣ ва бар мост, ки ҳамвора пуштибони ростиву

---

[1] Одилов, Н. Роҳбаре бо хиради хусравонӣ/Дар китоби «Ваҳдат ва гуфтугӯи тамаддунҳо». - Душанбе, 2015.- С.138.

дурустӣ ва раҳрави роҳи некӣ бошем ва бо зиштиву табоҳӣ ва бадӣ набард кунем”.[1]

Минбаъд, бо сабаби суқути як сулола аз ҷониби сулолаи дигар, тағйир ёфтани муносибатҳои иҷтимоӣ ва усулҳои давлатдорӣ дар тӯли ҳазорсолаи охир дастнависҳои бозмондаи “Авесто” танҳо дар доираи маҳдуди зардуштиёни Эрону Ҳиндустон боқӣ монда, дар оташкада ва маъбадҳо ва ҳангоми баргузории маросимҳои динӣ ва мазҳабии онҳо истифода бурда мешуданд. Мардумони дигари ин кишварҳо, ки аз дин ва мазҳабҳои мухталиф пайравӣ мекарданд иҷрои оини зардуштиро бар худ қабул надоштанд. Аммо истиқлолияти давлатӣ барои мардуми Тоҷикистон ҷиҳати таҳким ва ташаккули давлатдории миллӣ фазоеро мусоид кард, ки ба омӯзиши мероси арзишманди ахлоқию фалсафии ниёкони худ, ки дар саҳифати таърих ниҳон монда буданд, даст ёбад. Ёдгориҳои куҳантарини гузаштагони худро аз нав эҳё намуда, барои тақвият бахшидани хотираи таърихии насли имрӯзи худ, ташаккули худшиносии миллӣ саҳм гузоранд. Ба вижа, аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон “паёмбари оини ростин” эътироф шудани Зардушт гувоҳӣ аз он медиҳад, ки хотираи таърихии насли имрӯзи ориёӣ, тоҷикон аз саҳифаҳои гузаштаи таърихи ниёкон, аз бозёфтҳои моддию маънавии офаридаи онҳо пурра зудуда нашудааст, балки он арзишҳо сармашқи бо адл ороста доштани пояҳои давлатдорӣ, танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ, одоби оиладорӣ, муносибатҳои хонаводагӣ, одоби шаҳрдорӣ, ободкорию созандагӣ ва ғайра гардидаанд.

Ё худ баҳои воқеии Эмомалӣ Раҳмон дар мавриди он ки “дини зардуштӣ нахустин динест, ки таҳкурсии мустаҳками ахлоқии динҳои муосири ҷаҳонро гузошта, дорои тамоми рукнҳо, сохтор, аҳком ва назму тартиби мушаххаси ормонӣ мебошад. Чун ин дин дар даврони туфулияти башар по ба арсаи вуҷуд гузошта, аз саргаҳи ирфони инсонӣ баҳраманд гардидааст, бунҳои он низ мусаффою нуронӣ буда, тамоми пайкараш бо торҳои дурахшони зиндагӣ ва заррахои асилу равшани офариниш

[1] Авесто. Куҳантарин сурудҳо ва матнҳои эронӣ… - С.38.

танида шудааст. Гузаштагони дури мо Офтобро ситоиш карда, равшаниро сарчашмаи зиндагӣ медонистанд. Торикӣ, ки мардуми мо имрӯз ҳам сиёҳ мегӯянд, ҳоло ҳам мабдаю маншаи аъмоли бад ва накӯҳида ба шумор меравад. Аксари корҳои бад аз тарафи инсон аз ҷониби шаб, дар зери пардаи торикӣ, пӯшида аз нури равшанӣ сурат мегиранд»[1] - далолат аз он мекунад, ки дини зардуштия дини ахлоқмеҳварӣ аст ва инсонро ба корҳои созандагию ободкорӣ ҳидоят мекунад. Бинобар ин, ин дин маншаъи ташаккул ва таҳаввули дигар динҳои ҷаҳонӣ шуд.

Инчунин, бо ташаббуси муҳаққиқони эронӣ Иброҳим Пури Довуд, Ҷалили Дӯстхоҳ ва дигар авестошиносони ватанию хориҷӣ таваҷҷуҳ зоҳир кардан ба бознашри "Авесто", таҳқиқи ҷанбаҳои мухталифи ахлоқию фалсафии таълимоти зардуштия гувоҳӣ аз он медиҳад, ки воқеан ахлоқ ва бо адл идора кардани ҷомеа меҳвари таълимоти зардуштия буда, фарогири ҷузъҳои ҳикмати амалӣ мебошад. Аз ин рӯ, ин тамойилгирии ақидаҳои ахлоқӣ ва фалсафии Зардушт, ки таблиғгари адолат, некӣ, фазилат, покӣ, ростӣ, инсоф, баробарӣ, покизакорӣ ва ғайра мебошанд арзиши амалии худро гум накардаанд ва имрӯз низ истифодаи онҳо дар низоми ҷомеадорӣ, танзими муносибатҳои иҷтимоӣ, бунёди оила, таълиму тарбияи фарзанд, содиқ ва масъулиятнок будан ба иҷрои вазифа ва уҳдадориҳои меҳнатӣ, бедор кардани ҳисси худшиносӣ ва ғайра аз аҳамият холӣ намебошанд.

Ё худ чӣ тавре аз омӯзиш ва таҳлилу таҳқиқи маъхазҳои таърихӣ бармеояд, ақидаҳои арзишманди Зардушт ва оини маздопарастӣ на танҳо ба подшоҳони сосонӣ дар низоми идоракунии умури давлатӣ ҳамчун дастурамал истифода ва мавриди татбиқ қарор дода шуданд, балки дар марҳилаҳои минбаъдаи рушди ҷомеаи инсонӣ таъкиду тавсияҳои Зардушт, ки аз ҷониби сосониён ҳифз карда шуданд, барои таҳияи қонунҳо, дигар санадҳои мухталифи меъёрии ҳуқуқӣ, ки танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ, дар пояи адолат ба роҳ мондани идоракунии давлат, риояи баробарии иҷтимоӣ ва ғайра мусоидат карда, нақши худро гузоштанд.

---

[1] Раҳмон, Э. Чеҳраҳои мондагор [Матн]: //Э.Раҳмон. - Душанбе: «ЭР-граф», 2016.- 364с. - С.70.

Дар ҷомеаи муосир, аз ҷумла дар низоми давлатдории миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ин арзишҳои ахлоқӣ, меъёрҳои риояи адолати иҷтимоӣ, ки тамоили инсонгароёӣ доранд, аз мадди назар дур намонданд, балки зимни таҳияи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти волидайн дар таълиму тарбияи фарзанд”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими расму анъана ва ҷашну маросим" ба таври зарурӣ ба эътибор гирифта шуданд.

Файласуфи тоҷик Х.Муминҷонов дар мавриди шахсияти таърихии Зардушт, таълимоти ахлоқмеҳварии ӯ ва таъсири ақидаҳои ӯ дар ташаккули ақидаҳои ахлоқии динҳои дигар таҳқиқот ба анҷом расонида, ба чунин хулоса меояд, ки: «Шахсияти Зардушт дар таърихи инкишофи афкори маънавии инсоният чандон бузургу ҷозибанок аст, ки бисёр халқҳои бостонӣ ӯро аз нобиғагони ҷаҳони куҳан донистаанд. Ҳатто чунин халқе мисли юнониҳо, ки Ғарби муосир фарҳанги онҳоро сарчашмаи тамаддуни имрӯзаи худ медонад, аз айёми куҳан бо номи ӯ ошно буда, дар бораи дини ӯ маълумоти муайяне доштаанд. Онҳо мувофиқи расму ойини бостонии худ, бо хатми ҳар садсола аз миёни доноёни он замон ҳафт нафар хирадманд интихоб мекарданд, ки дар пешрафту комёбии моддӣ ва маънавии халқи Юнон саҳми бештар гузошта бошанд. Ҷолиб аст, ки дар китоби «Строматӣ»-и Климента Александрони дар миёни ҳафт нафар хирадмандони юнонӣ ду нафар ориёӣ, яъне Зардушт ва Абарис зикр шудаанд.[1]

Муҳаққиқи эронӣ А.Разӣ бошад, доир ба мақоми олӣ доштани кору заҳмат дар «Авесто», ки яке аз рукнҳои асосии дин, муайянкунанда ва танзимгари муносибати шахс ба дини маздаясно мебошад, таваҷҷуҳи хосса дода, менависад, ки мувофиқи таълимоти ахлоқӣ ва фалсафии зардуштия «Касе, ки заҳмат мекашад, бо касе муқоиса шудааст, ки сад

[1] Муминджанов, Х. Древнетаджикская и древнегреческая философии; тождество различия и различие тождества. В сб.: Зороастризм и его значение в развитии цивилизации народов Ближнего и Средного Востока. - Душанбе, 2003. - С.29.

бор дуою ибодат карда, ҳазор бор маросими мазҳабӣ анҷом дода, сад ҳазор бор қурбонӣ карда бошад».[1]

Авестошиноси маъруфи англис Миллер «Авесто»-ро, ки дар он ақидаҳои фалсафии Зардушт ба таври зарурӣ зикр шудаанд, аз китоби арзишманди тамоили ахлоқидошта шуморида, фикри худро бо чунин ҷумла тасдиқ менамояд: «Ҳама огаҳанд, ки агар аз он пайравӣ шавад (аз пиндор, гуфтор ва кирдори нек), ҷаҳон аз марги зиштию гуноҳ раста ва ба зиндагии ростию дурустӣ роҳ мeёбад. Ойини маздаясно ойини амалию содаест, ки ба кор бастанаш сабаби ободонии замин, шодмонии мардумон ва густариши доду меҳру озодагист».[2]

Инчунин, муқоисаи матни китоби муқаддаси дини зардуштия «Авесто» ва китоби муқаддаси дини ислом «Қуръон» бешубҳа ошкор менамояд, ки дар баробари мавҷудияти фарқият, мазмунан байни ин ду китоби динӣ шабоҳати ғоявӣ ба мушоҳида мерасад. Аз ҷумла, муҳаққиқи тоҷик К.Абдулҳаев доир ба ин мавзуъ таҳқиқот анҷом дода, қайд мекунад, ки оид ба масъалаҳои зерин: яктопарастии авестоӣ ва тавҳиди қуръонӣ, дар бораи малоикаҳо, мавҷудияти биҳишту дӯзах ва тавассусти пули Чинвот (авестоӣ) ва Сирот (исломӣ) ворид шудан ба биҳишт, таъиноти панҷ вақт намоз гузоштан, хоҳиш ва талабот ба арзишҳои дунявӣ, баёни сифатҳои Аҳурамаздо дар Авесто ва сифатҳои Аллоҳ дар Қуръон, офариниши инсон, муҳайё сохтани ризқу рӯзӣ ва мояи зиндагӣ аз тарафи Худо, ҳақ, дуруст, муфид шуморидани роҳи худ, дини худ ва ботил шуморидани роҳу дини дигар ва ғайра шабоҳати идеявӣ мавҷуд мебошад.[3]

Файласуфи тоҷик Ш.Абдуллозода бошад, доир ба масъалаи таъсири дини зардуштӣ ба ташаккул ва таҳаввули динҳои дигар мароқи хосса дода, дар ин хусус чунин менависад: «… дар давраи асорати Бобил ба дини яҳудӣ на танҳо ғояи тавҳид роҳ ёфта, аз худои миллати яҳуд ба худои ягонаи оламиён таҳаввул ёфт, балки ба он тасаввурот дар бораи

[1] Разӣ, А. Ганчинаи таърихи Эрон. - Теҳрон, 1950. - С.636.
[2] Меҳрин, М. Тамаддуни Эрони бостон. - Теҳрон, 1397. - С.30-31.
[3] Абдулҳаев К. Шабоҳати маонӣ дар Авасто ва Қуръон /Дар китоби «Мақом ва нақши ислом дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». - Душанбе, 2017. - 300 с. - С.217-237.

шайтон, малоики муқарраб (бо таъбири зардуштиён - амшаспандон) бо номҳои Рафоил, Уроил, Микоил, Рогил, Сарофил, Ҷабраил ва Юрмоил бо тартибу низом ва дараҷаву мартабаи хос ва ҳамчунин ақоиду боварҳо ва тасаввуроте оид ба падид омадани Масеҳ дар охири замон, дар бораи ҳаёти пас аз марг, охират ва ҷаннату дӯзах, пули сирот (ба истилоҳи зардуштиён - пули чинвот) ва ғайра ворид гардиданд».[1]

Дар маҷмуъ, агар аз ин андешаҳо хулоса барорем маълум метавон кард, ки ислом ҳамчун дини тавҳидӣ растагорӣ, некигарой, ахлоқмеҳвариро аз зардуштия, ҷангу ҷидол ва ғасбсозиро аз яҳудия ва авлавият шумоpидани охиратро нисбат ба дунё аз масеҳият иқтибос гирифтааст. Ҳарчанд масъалаи охир, ки дар масеҳият бештар рушд намудааст, дар зардуштия низ дида мешавад ва аслан яке аз арзишҳои он ба шумор меравад, аммо вай дар маъхази хеш, яъне зардуштия мақоми дуюмдараҷа ва тобеъро соҳиб мебошад. Аммо ҷангу ҷидол ва ғасбсозӣ хосатан моли яҳудия ба ҳисоб меравад.

Ё худ таълимоти ахлоқӣ-фалсафии зардуштия яке аз консепсияҳои ахлоқии аҳди қадим на танҳо барои дарки қонунмандии рушди шуури ахлоқӣ, балки ҷиҳати фаҳмидани масоили иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии ҷомеаи муосир мусоидат менамояд. Омӯзиш ва фаҳмиши мероси гузашта, ҳикмат ва таҷрибаи гузаштаи онҳо метавонад робитаи зеҳнӣ ва маънавии гузаштаро бо имрӯз пайванд гардонад.

Таҳлил ва муқоисаи андешаҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки динҳои гузашта, хусусан таълимоти зардуштия дар таҳияи китобҳои муқаддаси динҳои дигар, ба вижа ба Қуръон таъсири хосса дорад. Бо вуҷуди фарқиятҳои ҷиддӣ дар масъалаи тарбияи ахлоқии инсон, таҳаммулпазирӣ, сахо ва фазилат, дурӣ аз кибр ва амалҳои зишт, дурӯғ ва ғайра андешаҳояшон ба ҳам шабоҳат дошта, аз характери баланди гуманистӣ доштанашон дарк медиҳанд.

---

[1] Абдуллозода Ш. Ташаккули тамаддуни исломии тоҷик дар аҳди Сомониён//Маҷалаи «Фарҳангу фароғат», нашри 1. - Душанбе, 1999. - С. 27.

Дигар ин, ки аз давраи қадим, хусусан аз аҳди сосониён дар баробари таълимоти ахлоқии зардуштия ҷашну маросимҳои миллии мардуми тоҷику форс, хусусан «Наврӯз», «Меҳргон», «Сада» ва ғайра, ки бо унсурҳои хоси худ ҷашн гирифта мешуданд, барои рушди ҳамкориҳо, пайванди наслҳою халқиятҳои гуногун, ки ба муколамаи фарҳангӣ ниёз доштанд, нақши мондагор гузоштанд. Вобаста ба муҳлат ва вақт таҷлил кардани ин ҷашнҳои таърихӣ дар низоми давлатдории ҷомеаи муосири Тоҷикистон низ шаҳодат аз он медиҳад, ки ҳар як ҷашни куҳани миллӣ хусусиятгириҳои худро дошта, фарогири арзишҳои ахлоқӣ, фарҳанги баланди инсонгароӣ, ҳидоят кардан ба корҳои созандагию ободкорӣ ва ғайраро доро мебошанд, ки бешак дар ҳеҷ давр аҳамияти худро аз даст нахоҳанд дод.

Инчунин, ҳамзистӣ ва аз давраи қадим ба роҳ мондани ҳамкории тарафайн бо қавму халқиятҳои гуногун аз фазилати баланд, ахлоқи шоиста, хирад ва хайрандешии мардуми ориёитабор далолат мекунад. Аз сарчашмаҳои таърихӣ ва маводи муътамади меросмонда, хусусан мероси бозмондаи зардуштиён айён мегардад, ки сарварони сиёсии тамоми давлатҳо ҳамин роҳу равишро истиқбол карда, принсипи дар пояи адолат ороста доштани давлатро рукни асосии низоми давлатдории худ қарор дода буданд. Хусусан, аз давраи қадим, дар қаламрави давлатдории тоҷикон низ подшоҳони зиёде буданд, ки ин фарҳанги ваҳдатсолорӣ, ҳамзистиро истифода бурда, кишвари худро ба як давлати пуриқтидор ва рушдкарда табдил доданд. Масалан, дар замони давлатдории подшоҳи сосонӣ Хусрави Анӯшервон ва сиёсати башардӯстонаи ӯ файласуфон ва донишмандони юнонию румӣ, ҳиндӣ ва ғайра ба минтақаҳои гуногуни давлат ва дарбори ӯ роҳ ёфта, барои рушд ва таҳаввул ёфтани тамаддуни сосониён саҳми арзанда гузоштанд. Дар баробари татбиқи ин сиёсат, ҳамзамон худи Хусрави Анӯшервон аз муошират ва маслиҳат бо ин олимон аз ҳикмати Юнону Рум баҳравар шуда, асарҳои Афлотун, Арасту ва дигар мутафаккиронро мутолиа

карда, ақидаҳои онҳоро дар низоми идоракунӣ ва рушди давлатдориаш истифода бурдааст. Аз ин ҷиҳат давлатдории ӯ равнақи одилона гирифта, то имрӯз дар таърих Хусрав бо унвони Анӯшервони одил машҳур аст. [1]

Ҳамзамон, писари Хусрави Анӯшервон - Ҳурмузди 4 (579-590) низ дар замони давлатдории худ таъмини баробарии иҷтимоии ҳамаи қишрҳои аҳолиро новобаста аз мазҳабу ойин, нажод ва дин талқин мекард. Зеро норозигии аҳли як мазҳабу дин метавонад боиси нооромии кишвар гардад ва барои рушди он монеа эҷод намояд. Ӯ ба мардуми худ таъкид менамуд, ки чунон амал ва фаъолият кунанд, ки пиндору гуфтор ва кирдорашон боиси ҳусни таваҷҷуҳи дигар қавму халқиятҳо гарданд, меҳру муҳаббаташон ба дину ойин, арҷ гузоштан ба арзишҳои ахлоқӣ ва фалсафии фарҳангҳои дигар ва миллӣ зиёд шавад.

Идеали сиёсӣ ва фазилати баланди фарҳанггустарии Анӯшервони одил татбиқи худро дар давраи ҳукмронии подшоҳони сулолаи Сомониён ёфта, баъдан ин принсип аз насл ба насл интиқол гардид. Дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон ин усул ба як рукни муҳимми давлатдории миллӣ табдил дода шуд. Хусусан, риоя доштани баробарии иҷтимоии ҳамаи қишрҳои аҳолии ҷомеа новобаста аз миллату мазҳаб, нажод, ба роҳ мондани ҳамзистии муштарак, ҳамкориҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ бо кишварҳои ҷомеаи башарӣ, ки тавассути гуфтугӯи фарҳангҳо ба роҳ монда мешавад ва ғайра далолат аз исботи ин андеша мекунад.

Воқеан, баъди суқути давлати сосониён аз ҷониби арабҳо фазои маънавӣ ва муҳити динии мардуми минтақа бо василаи барҳам додани забон ва хат, сӯзонидани бозёфтҳои фарҳангӣ дигаргун гашт ва ба арабҳо зарурат пеш омад, ки барои қабули ислом аз ҷониби сокинони кишварҳои мусаххаршуда забон ва хати арабиро ҷорӣ кунанд. Ин сиёсати пешгирифтаи арабҳо ба он мусоидат кард, ки бисёр халқҳои ғайриараб, аз қабили мисриён, бобулиён, ошуриён ва ғайра на танҳо рӯ ба ислом

[1] Одилов, Н. Роҳбаре бо хиради хусравонӣ. Дар китоби «Ваҳдат ва гуфтугӯи тамаддунҳо». – С.131.

оваранд, балки забон ва арзишҳои фарҳангии хешро аз даст дода, араб шуданд.

Мувофиқи иттилои муаррих Истахрӣ дар Мовароуннаҳру Хуросон низ арабҳо чунин сиёсатро пайгирӣ карданд, ки дар натиҷа таъсири манфии худро ба пайравони дини зардуштӣ, таълимоти Монӣ расонда, дар шарқи ин сарзамин ба ривоҷ ёфтани оини буддоӣ, ки гӯшанишинию зуҳду тақворо нисбат ба мубориза афзал мешумориданд, мусоидат кард. Бо вуҷуди ин, «…қисме аз аҳолии навоҳии дурдасту баландкӯҳи Табаристон, Кирмон, Шероз, Форс ва ғайра то ду се қарн пас аз истилои ислом низ ба дини зардуштӣ эътиқод доштанд».[1]

Умуман, аз сарчашмаҳои муътамад аён мешавад, ки низоми давлатдории миллии тоисломии тоҷикон дар заминаи унсурҳои дунявият ба роҳ монда шуда буд. Масалан, давлати Пешдодиён аввалин давлате ба ҳисоб мерафт, ки таҳия ва танзимкунандаи қонунҳо буд. Дар китоби муқаддаси “Авесто” бошад, сарварӣ кардани ҷомеа, ободи кардани кишвар ва хизмат кардан ба раият вазифаи масъулиятноки подшоҳ буда, салоҳияти руҳониёнро тарбияи ахлоқӣ ва бо ин восита сомонбахшии растагории ондунёии мардумон ташкил медод.[2]

Бо вуҷуди ин, андешаҳои ахлоқию фалсафии гузаштагони мардумони эронитабор аз тобиши тафаккуроти динӣ ҷудо набуданд. Барои мисол: тибқи таълимоти зардуштия ҳар навъе аз вуҷуд ҳомӣ ва нигаҳбон ё худ раббуннавъе дар олами фаришта (олами мисол ё фраваҳар) дошт. Муборизаи байни ду неру: некӣ ва бадӣ мавзуи меҳварии таълимоти фалсафӣ-сиёсии зардуштияро ташкил медод. Дар давраи исломӣ бошад, намояндагони мактаби фалсафии ишроқия (Сӯҳравардӣ – К.Қ.) ин андешаро маншаи назарияи ҳукамои паҳлавӣ ё хусравонӣ шумурда, нуру зулматро ба вуҷуду моҳият таъбир кардаанд ва олами фариштагонро ҳамон силсилаи тӯлию арзии анвори муҷаррад донистанд.[3]

---

[1] Истахрӣ. Масолик ва мамолик. Бо кӯшиши Эраҷи Афшор. – Теҳрон 1373/1994.- С.60.
[2]Муминджонов, Х. Авесто об этногенезе таджиков//Вестник АН РТ, 2002.-№1,2. - С.184-191.
[3] Разӣ, Ҳошим. Ойини муғон. - Теҳрон, 2004.-С.335-365.

Ба андешаи файласуфи тоҷик К.Бекзода «дар Эрони Бостон, ки муҳимтарини онҳо меҳрпарастӣ ва монавия мебошанд, як ҷаҳонбинии куллӣ нуҳуфта аст, ки аз лиҳози фалсафӣ дорои аҳамияти фаровон мебошад. Дар меҳрпарастӣ омезише аз афкори оини маздопарастӣ ва ситорапарастии бобулӣ ва фалсафию оини юнонӣ мушоҳида мешавад, ки заминаро барои нуфузи афкори шарқӣ дар Мағрибзамин ва баръакс, нуфузи бархе ақоиди юнонӣ дар Машриқзаминро омода сохт ва низ мардумшиносӣ ва ҷаҳоншиносии диниеро ба вуҷуд овард, ки дар афкори бисёре аз мактабҳои динӣ ва фалсафии баъдӣ дар Шарқу Ғарб таъсири босазо дошт. Ин таъсирро махсусан дар оини меҳрпарастӣ дидан мумкин аст, ки бо суръати фаровоне дар сарзамини империи Рум густариш ёфт ва ба василаи сарбозони Румӣ бо дуртарин билоди Мағрибзамин сафар кард.[1]

Дар маҷмуъ, Эронзамин дар давраи давлатдории Сосониён, бо ташаббус ва ибтикори бевоситаи подшоҳони сосонӣ ба як маркази фарҳангӣ ва тамаддуни дунёи қадим табдил меёбад. Зеро, аз як тараф, дар соли 529 милодӣ ҳангоме ки император (Юстиниан) мадрасаи фалсафии Афинаро мебандад ва охирин паноҳгоҳи афлотуниёни ҷадидро аз байн мебарад, донишмандон, табибон, ситорашиносон, табиатшиносон ва мутахассисони дигар соҳаҳои ҷамъиятӣ ба Эрон фирор карда, вобаста ба тахассус ба фаъолият мепардозанд. Аз тарафи дигар, Ҳиндустон низ захираҳои адабӣ ва фалсафии худро ба Эрон мефиристад. Дар натиҷа давлати сосониён ба як давлати пуриқтидори ҷаҳонӣ мубаддал гардида, сиёсати дар пояи адл ба роҳ мондани давлатдории подшоҳонаш идеали давлатдории подшоҳони сулолаҳои баъдина мегардад.

Дар замони имрӯза низ низоми давлатдории миллии мо дар заминаи фарҳанги волои ҷомеадорӣ, адлгустарӣ, инсонмеҳварӣ, башардӯстонаи Сосониён ба роҳ монда шудааст. Махсусан, тибқи моддаи якуми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати

---

[1] Бекзода, К. Нақши шуубия дар таърихи худшиносии халқи тоҷик...- С.18-19.

соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад. Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тоҷикистон ҳаммаъноянд»[1] мебошад.

Мувофиқи талаботи моддаи мазкур Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тафоувут аз кишварҳои дигари ҳамҷавори минтақа, ки бо мо умумияти муштараки фарҳангӣ доранд, баъди пошхӯрии давлати шуравӣ ва ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ роҳи дунявии давлатдории миллиро интихоб кард. Принсипи дунявият (секуляризм) чӣ тавре баъзе аз пайравони мазҳабҳои гуногуни динӣ шарҳу тавзеҳ медиҳанд, маънои ихилоф доштан бо дин, маҳдуд кардани фазои озоди эътиқодоти динии мардумро надорад. Баръакс, ин принсип дар фалсафаи амалӣ як шакли сиёсии таъминкунандаи озодӣ ва эътиқоди мардум аст. Муассисаҳои динӣ ва ниҳоди давлат дар доираи татбиқи ин низом аз ҳамдигар ҷудо буда, фаъолияташон дар доираи қонунҳои амалкунанда ба роҳ монда мешавад. Яъне, «Аслу асоси дунявиятро пазируфтан маънои ҷудо кардани ақоиди динӣ аз сиёсати давлатиро ифода намуда, ҳеҷ гоҳ мақсади аз ҳаёти ҷамъиятӣ берун овардани динро пайгирӣ намекунад».[2]

Шабоҳат додани дунявият ба атеизм ҳисси нобоварии шаҳрвандонро нисбат ба сохтори сиёсии давлат, ки онро гурӯҳҳои муайян дар муборизаҳои сиёсии худ барои сарнагун кардани сохтори конститутсионӣ истифода мебаранд, дучанд мекунад.

Имрӯз, интихоби ин принсипи давлатдорӣ ба тоҷикон имконият дод, ки дар муддати на чандон тӯлонии давлатдории миллӣ ба комёбиҳои назаррас нойил гарданд ва Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ ба сифати як кишвари демократию ҳуқуқбунёд, иҷтимоӣ ва дунявӣ шинохта шавад. Аз ин рӯ, принсипи мазкур барои мардуми кишвар озодиҳои зиёд дод,

---

[1] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: Шарқи озод, 2000. -36с.
[2] Баротзода, Ф. Ҷойгоҳи дин дар давлати дунявӣ/Дар китоби «Хусусиятҳои равандҳо ва ҳаракатҳои сиёсӣ-идеологии исломи муосир ва масъалаи рушди давлатдории миллӣ». – Душанбе: «Андалеб Р», 2015. - 352с. - С.19.

ҷиҳати ичрои эътиқодоти динию фикрӣ, таъмини ҳамзистии мусолиҳатомез ва расидан ба зиндагии шоиста дар заминаи мазҳаби ақлгароӣ, таҳаммулпазирии ҳанафия ва арҷ гузоштан ба арзишҳои миллӣ шароити мусоидро фароҳам овард. Конститутсияи кишвар низ тамоми заминаҳои ҳуқуқиро ҷиҳати ба роҳ мондани муносибати давлат ба иттиҳодияҳои динӣ таъмин кард, ҳуқуқ, озодиҳои шаҳрвандонро ҳамчун арзиши олӣ эътироф намуд, ки натиҷаи он таъмини амнияту субот, муттаҳидии мардум ва фаъолияти созандаю ободкоронаи онҳо дар партави сиёсати пешгирифтаи Президенти кишвар мебошад.

Донишманди тоҷик Ф.Бароотзода дар таҳқиқотҳои худ ба масъалаи ҷойгоҳи дин дар давлатӣ дунявӣ ва муносибати шаҳрвандони Тоҷикистон ба низоми давлати дунявӣ ва дин таваҷҷуҳ зоҳир карда, чунин менависад, ки «табақаи руҳоният одатан низоми дунявии давлатдории миллиро хилофи ислом ва омили коҳиши дин дар ҷомеа меҳисобанд».[1] Аз ин андеша метавон чунин хулоса баровард:

1) руҳониёни тоҷик, ки аз мактабҳои мухталифи хусусияти арабигароӣ, ғайриратсионалӣ ва таассубгаройӣ дошта, таълим гирифтаанд мазмуни мафҳуми дунявиятро зери таъсири идеологияи онҳо тавзеҳ медиҳанд.

2) Онҳо ба ғайр аз  сарчашмаҳои бунёдии низоми фиқҳи исломӣ Қуръон, суннат ва иҷмоъ аз сарчашмаи чаҳоруми низоми фиқҳи исломӣ қиёс, ки Абӯҳанифа ҷорӣ мекунад маълумоти зарурӣ надоранд.

Бинобар ин, имрӯз зарурат пеш омадааст, ки олимони диншинос, ҷомеашиноси кишвар тавассути баргузор кардани конференсияҳои илмӣ, мизҳои мудаввар, вохӯриҳо сатҳи маърифати илмии руҳониёнро баланд бардоранд, то онҳо ба мардум мафҳумҳоро нодуруст шарҳ надиҳанд. Чунки, дунявият роҳи беҳтари диндорӣ ба ҳисоб рафта, қонунан фаъолияти

[1] Баротзода, Ф. Ҷойгоҳи дин дар давлати дунявӣ…- С.21.

иттиҳодияҳои диниро аз назорати иҷбории давлат озод мекунад. Давлати дунявӣ «усули эътирофшудаи модели давлатдории муосир аст».[1]

Ё чӣ тавре файласуфи тоҷик Қ.Нурулҳақов қайд мекунад: «Вазифаи дунявият ҳамчун яке аз сифатҳои сохтори давлат дар асоси қонун таъмин кардани баробарҳуқуқии ҳамаи динҳо ва дигар навъи мафкураҳост, то ки ба таҳкими суботу амният, рушди ҷомеа ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон мусоидат карда тавонад».[2]

Ҳамин тавр, ободию рушди ҷомеа дар ҳама давраҳои таърихии давлатдорӣ аз андешаи неки инсон вобастагӣ дорад. Чунки инсон дар зиндагӣ соҳиби ирода ва озодии комил аст ва ақлу хирад, иродаю ихтиёр раҳнамои зиндагии ӯ мебошанд. Бунёди андешаи нек чӣ тавре ниёконамон ироа доштаанд аз ростию дурустӣ маншаъ мегирад ва ба маънии дигар маниш ё андешаи нек бо ростию дурустӣ сарчашмаи гуфтор ва кирдори нек мебошанд. Яъне, агар инсон аз маниши нек дар роҳи ростию дурустӣ истифода кунад, ҳарду ҷаҳони худро обод ва зиндагиро бофайзу бобаракат мегардонад. Дар навбати худ андешаи нек заминаи вусъату рушди ҷаҳон ва рифоҳу осоиши зиндагии инсон буда, бо хислату табиати инсон мувофиқ аст. Бунёди андешаи бад – хашм, ғазаб, душманӣ, хусумат, ҳасад ва ғайра ба ҳисоб рафта, ба табиати инсон созгор намебошад, натиҷаи он харобию нобудии ободӣ ва худи ҷомеаи инсонӣ мегардад.

Эҳсоси масъулият бошад, ҳамчун категорияи ахлоқӣ, такягоҳи мустаҳками ҷаҳони маънавии инсон ба ҳисоб меравад, ки бо категорияҳои виҷдон, тарбия, озодӣ ва ирода робитаи ногусастанӣ дорад. Аз ин рӯ, агар инсон дар фаъолияти рӯзмарраи худ ин сифатҳоро соҳиб буда, дар амалия татбиқ намояд ба муваффақиятҳои чашмгир нойил мегардад. Хусусан, подшоҳӣ тибқи таълимоти ниёконамон парвандаи худовандист ва сарварӣ

---

[1] Маҳрамбеков, М. Муносибати ҳокимияти сиёсӣ ба дин дар таҷрибаи давлатҳои миллӣ /Дар китоби «Хусусиятҳои равандҳо ва ҳаракатҳои сиёсӣ-идеологии исломи муосир ва масъалаи рушди давлатдории миллӣ». – Душанбе: «Андалеб Р», 2015. – 352с. – С.45.

[2] Нурулҳақов, Қ. Анъанаи дунявият дар фарҳанги сиёсии тоҷикон ҳамчун заминаи бунёдии давлати дунявии муосир/Дар китоби «Хусусиятҳои равандҳо ва ҳаракатҳои сиёсӣ-идеологии исломи муосир ва масъалаи рушди давлатдории миллӣ». – Душанбе: «Андалеб Р», 2015. – 352с. – С.58.

кардан ба ҳар як шахс муяссар намешавад ва сарвар он шахсе шуда метавонад, ки сифатҳои зеринро доро бошад:

1) Ақли солим ва ахлоқи наку дошта бошад;
2) Қувваи авф карданро доро буда, худдорӣ аз ҳар гуна таҳқир намояд;
3) Нисбат ба раият муҳаббат дошта бошад;
4) Амну осоишро ба мардум таъмин гардонад;
5) Шахсони арзанда ва донишмандро пайваста қадронӣ намуда, дар ҳалли масоили давлатдорӣ бо онҳо машварат намояд;
6) Нолоиқону ҷинояткоронро тибқи аъмолашон танбеҳ диҳад;
7) Амру фармонҳои одилона диҳад;
8) Фаъолияти масъулони давлатиро мунтазам зери назорат намояд;
9) Ҳушёру зирак бошад ва кишварро аз ҳарби душманон эмин дошта тавонад;
10) Барои ободии мулк ҳамеша талош варзад ва ғайра.

Дар замони муосир, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун сарвари сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон новобаста аз тавсеа ёфтани ҷаҳонишавӣ, авҷ гирифтани бархӯрди тамаддунҳо такя ба арзишҳои гузаштаи фарҳанги ниёкони худ карда, дар натиҷаи омезиш додани онҳо бо арзишҳои имрӯзаи ҷомеаи инсонӣ принсипи дунявиятро дар низоми давлатдории миллӣ модели муҳим ва асосӣ ҳисобида, ба дастоварду муваффақиятҳои назаррас нойил гардид:

1) Бо хиради азалӣ, сиришти волои инсонӣ, кордонию соҳибтаҷрибагӣ, ки аз мактаби ахлоқӣ ва ваҳдатсолории ниёкон маншаъ мегирад ба ҷанги шаҳрвандӣ хотима дода, фирориёнро ба минтиқаи зисти худ баргардонид. Сулҳу субот ва ризоияти миллиро, ки асоси пешрафт ва рушди кишвар мебошанд, барқарор намуд, якпорчагию ваҳдати миллӣ, амнияти мардумро дар ҷумҳурӣ таъмин кард.

2) Ба мисли подшоҳони гузаштаи худ пояи давлатдориро дар асоси меъёрҳои адолати иҷтимоӣ ороста гардонида, баробарии иҷтимоии

тамоми қишрҳои ҷомеаро таъмин кард. Аз ятимон ва бепарастонрон дастгирӣ карда, муносибати меҳрубононаро бо тамоми аҳли ҷомеа, новобаста аз сатҳи иҷтимоӣ таъмин намуд.

3) Ба хотири рушди ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум анъанаи давлатдории гузаштагони худро идома дода, муносибатҳои тарафайни ҳасана ва шарикии боэътимодро бо кишварҳои хориҷ, дар заминаи ба эътибор гирифтани манфиатҳои миллӣ ба роҳ монд.

4) Ба рағми тоҷикситезиҳои дохиливу хориҷӣ бо камоли ҷасорат ва зиракӣ миллати тоҷикро бо он ҳама сармояҳои бузурги фарҳангии гузашта ва тавонмандиҳои кунуниаш дар бунёди давлати демократӣ муаррифӣ кард.

5) Ба мисли сиёсати ободкорию созандагӣ этикаи давлатдории подшоҳони сосонӣ, ба хусус Ардашери Бобакон бо ислоҳоти ҷиддии воридкарда дар низоми сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар ҷалби сармоягузорон, истифодаи маблағҳои дохилиро ҷиҳати таҳия ва амалӣ кардани лоиҳаҳо, Барномаҳои ҳадафманд дар чаҳор самти афзалиятнок: таъмин кардани мардум бо маводи озуқаворӣ, раҳоӣ намудани кишвар аз бунбасти коммуникатсионӣ, таъмин намудани истиқлолияти энергетикӣ ва марҳила ба марҳила ба кишвари саноатӣ табдил додани Тоҷикистон вусъат бахшид.

6) Ҳамчун сиёсатмадории сатҳи ҷаҳонӣ аз минбарҳои баланд бо забони модарӣ сухан гуфта, аз забони ноб ва фасеҳи давлатдорӣ (дар тӯли марҳилаҳои гуногуни таърихӣ) будани забони тоҷикӣ ҷаҳониёро огоҳ кард.

7) Мубориза бурдан алайҳи терроризми байналмилалӣ, ифротгароӣ, таассуби динӣ, хариду фурӯш ва истеъмоли маводи мухаддир, таҳдиду хатарҳои дигаре, ки хусусияти глобалӣ доранд, ба баҳси абарқудратҳо, сарварони сиёсии ҷомеаҳои пешрафта кашида, бо ин восита Тоҷикистонро ҳамчун узви фаъоли кишварҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ муаррифӣ намуд.

8) Иқдомҳо ва дастгириҳои пайвастаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рушд додани соҳаҳои маориф ва илми кишвар, бахусус, таъсис додани квотаи Президентӣ ҷиҳати фаро гирифтани духтарони деҳоти кӯҳистон ба таҳсил ва соҳибмаърифат кардани онҳо, бунёди мактабҳои ҳозиразамон ва аз ҳисоби маблағҳои буҷаи давлатӣ ва дастгирии соҳибкорони маҳаллӣ ҷиҳозонидани онҳо бо воситаҳои навини технологияҳои муосир, бунёди китобхона ва осорхонаи миллӣ, ҷалб намудани ҷавонони соҳибмаърифат ҷиҳати таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ ва илмии хориҷи кишвар аз идомаи анъанаи давлатдории гузаштагон ҷиҳати маърифатнок ва худшинос кардани аҳолии кишвар, аз фазилати нек, этикаи ҳамида ва адлгустаронаи Эмомалӣ Раҳмон, аз фарҳанги баланди давлатдории ӯ далолат мекунад.

Дар маҷмуъ, Эмомалӣ Раҳмон эҳёгар ва татбиққунандаи мероси арзишманди таърихи тоҷикон дар арсаи давлатдории миллии муосири тоҷик мебошад. Дар арсаи тезу тунди ҷаҳонишавӣ бо модели сулҳофарӣ, ваҳдатгустарӣ халқи тоҷикро аз хатари парокандагӣ ва давлати миллии тоҷиконро аз хатари нобудӣ раҳо кард. Андешаи сулҳу ваҳдати миллиро ҳамчун бозёфти нодир, инъикосу ифодагари ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамзистии тамоми қишрҳои ҷомеа муаррифӣ намуд, ки он имрӯз ҳамчун як унсури муҳимтарини худшиносии миллӣ, ҷузъи ҷудоинопазири фарҳанг ва ҳувияти миллӣ ба ҳисоб меравад. Дар самти татбиқи сиёсати давлатии забон андешаи миллиро бо истифода аз арзишҳои забонӣ вусъат бахшида, робитаҳои дохилию хориҷии таърихи давлатдории навини точиконро тақвият дод. Барои тақвият додани хотираи таърихӣ, ҳувияти миллӣ номҳои мавзеъҳои ҷуғрофии кишварро тағйир дода, бо номи аслии онҳо гузошт. Расму анъана ва ҷашну маросимҳои миллиро зинда карда, дар сатҳи байналмилалӣ онҳоро муаррифӣ кард, ки имрӯз эътирофи ҷаҳониён гаштанд. Умуман, барқарор кардани номҳои тоҷикии мавзеъҳои таърихию ҷуғрофӣ, таҳқиқи зиндагиномаи шахсиятҳои таърихӣ ва ҳидоят кардани мардум барои шиносоӣ бо осори пурарзиши

онҳо аз ҷониби Эмомалӣ Раҳмон ба зуҳур кардани як таҳаввулот дар шуури миллӣ, тафаккур ва фарҳанги даврони Истиқлолияти давлатии тоҷикон нақши бориз гузошт.

Бояд гуфт, ки аз ҷониби муҳаққиқон, донишмандон, олимони гуногуни соҳавӣ дар бораи сифатҳои шахсӣ, низоми давлатдорӣ, корнамоиву шоҳкориҳои Эмомалӣ Раҳмон китобҳои ҷудогона, рисолаву ҷузвияҳо, мақолаҳои зиёди арзишманд таҳия карда шуда, ба нашр расида, Эмомалӣ Раҳмонро ҳамчун лидери умумимиллии тоҷикон, бунёдгузори ваҳдати миллӣ, асосгузори мактаби навини сиёсӣ ва худшиносии миллӣ муаррифӣ менамояд, ки зикри мазмун ва моҳияти онҳо анҷом додани рисолаҳои алоҳидаро талаб мекунад. Аммо нуҳ ибтикори муҳиму созандаи Эмомалӣ Раҳмон:

1) Пояҳои давлатдории миллиро бо роҳи таъмини сулҳу субот ва ваҳдати мамлакат таҳким бахшид.

2) Мактабу маориф ва илму фарҳангро бо мақсади боло бурдани маърифатнокӣ ва ҳисси худшиносию худогоҳии миллӣ эҳё кард.

3) Тавассути бунёди роҳу нақбҳо, раҳо кардани мамлакат аз бунбасти коммуникатсионӣ ва табдил додани он ба кишвари транзитӣ давлати ягонаи мутамарказро таъсис дод.

4) Бо ташаббусҳои созандаи худ эътибори Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ боло бурд.

5) Бунёдкорӣ ва ободонии шаҳру деҳоти мамлакатро шеваи сиёсати созандаи худ ҳисоб кард.

6) Истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши неруи баркро таъмин намуд.

7) Амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолиро ба ғизои ҳушсифат таъмин кард.

8) Масъалаи саноатикунонии босуръати кишварро ҳамчун ҳадафи чаҳоруми стратегии рушди ҷомеа эътироф намуд.

